**Абдухолиқ Набиев**
**(Набавӣ)**

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

**Таҳти назари номзади улуми филология**
***Абдураҳмон Абдуманнонов***

**ДУШАНБЕ**
**«АДИБ»**
**2004**

ББК 83.3 Тоҷик
Н-60

**Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба номзади илми филологӣ Абдухолиқ Набиев ва нашриёти «Адиб», ки дар омода ва нашр намудани ин рисола саҳм гирифтаанд, арзи сипос менамояд.**

Муқарриз:
номзади улуми филология А. Давронов

Ҳуруфчинии компутарӣ ва тарроҳу ғалатгир:
Ф. Набизода

Н-60 Набиев (Набавӣ) Абдухолиқ. **Таърихи ташаккули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон**. — Душанбе: «Адиб», 2004, - 80 саҳ.

Пажӯҳиши мазкури мунаққид ва адабиётшиноси шинохта Абдухолиқи Набавӣ (Набиев) ба масъалаи роҳҳои иинкишофи ҳаракати адабии тоҷик дар замони нав ва ташаккули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба сифати як иттиҳодияи ҳунарӣ дар асоси далелу арқоми нав, ба назари тоза ба масъала таълиф шудааст. Бори нахуст манзараи умумии ташаккул, мураккабӣ ва талошу муборизаҳое, ки дар ин роҳ шудааст, дар мукаммалӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Рисола барои аҳли илму адаб ва ҳаводорони фарҳангу ҳунари тоҷикӣ, донишпажӯҳону донишҷӯён судманд хоҳад омад.

Н $\frac{4702540202-64}{М\ 503}$ -2004

© **Абдухолиқ Набиев, 2004**

Ба 70-солагии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшида мешавад.

## Муқаддима:
## АЗ ТАЪРИХИ ҲАРАКАТИ АДАБИИ ТОҶИКИСТОН

Масъалаи чигунагии ташаккули ҳаракати адабии тоҷикӣ дар садаи ХХ, дар замони Ҳокимияти шӯравӣ, бахусус дар шароити ҳукмронии ҳизби коммунист дар Тоҷикистон то ба имрӯз дар илми адабиётшиносӣ хеле кам омӯхта шудааст. Бар асари иваз шудани сохтори ҷамъият ва тағйир хӯрдани арзишҳову дидгоҳҳои пажӯҳишӣ бошад, меъёри баҳо ба он дигар шуд. Вобаста ба ин вазъи нозуки ба амал омада имрӯз ақидаҳо нисбат ба сабабҳо ва натиҷаҳои ташаккули ҷамъияти адабии Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони он гуногун ва гоҳо зидунақиз мебошанд: гурӯҳе аз аҳли илму адаб ҷонибдори омӯзиши воқеӣ ва баҳои холисона додан ба ин ҳодисаи адабӣ дар иртибот бо шароити сиёсиву иқтисодии Тоҷикистони солҳои 20-30 бошанд, пас бахши дигар аз эшон дар ин масъала зиёдаравӣ мекунанд ва ба ҳамин сабаб гоҳе муҳокимаҳояшон беғараз сурат намегирад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ҳодисаи мазкур дар таърихи адабиёт ва фарҳанги асри охир ниёз ба пажӯҳиши хоса дорад, то неку бади он холисона муайян карда шавад. Аммо, ба фикри ин ҷониб, чунин шакл гирифтани масъала, на танҳо ба ҳолати кунунии ҷомиа ва мавқеъи пажӯҳишгар вобаста мебошад. Қазияи ташаккули иттиҳодияҳои адабӣ ва бахусус созмон додани Иттифоқи нависандагон дар замони худаш низ дар баробари болиғ ба хеле ҷиҳатҳои мусбат будан, ки тавонистааст ҷараёни адабии муосирро дар арзи зиёда аз 70 сол, хуб аст ё бад, то дараҷаи муайян сарварӣ намуда ояд, аз мураккабиҳо, бенизомиҳо, тундравиҳо ва, билохира, ғаразҳои сиёсиву идеологӣ холӣ набудааст. Чунин ранг гирифтани масъаларо аз мақоми хоси адабиёт дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои инқилобие, ки дар ибтидои садаи ХХ ба миён омад ва ҳам проблемаҳои сиёсиву фарҳанги он замон ҷустан лозим мебошад.

Аввалан, сабаб он аст, ки дар замони инқилоб, бахусус дар оғози он, қувваҳои адабӣ хоҳу нохоҳ ба ҷараёни ҳодисаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва инқилобии давр кашида мешуданд; сониян, замони муборизаҳои синфӣ ва набарди мафкуравӣ аҳли эҷодро аз рӯи ормонҳои идеологиашон ба самтҳои мухталифи ҷараёни зиндагӣ партофт ва

як қисми онҳоро дар чорроҳаи мураккаби интихоб во дошт; савум, замони инқилоб сарнавишти бисёре аз аҳли адабро ба таври худ муайян намуд: аз як ҷониб, қисме аз онҳоро навозиш мекард ва, аз тарафи дигар, бахшеро бераҳмона ҷазо медод. Аз рӯи ин дастур, нависандагон ба гурӯҳу ташкилотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷудо мешуданд ва ё ҳеҷ набошад, дар мавқеъҳои гуногуни сиёсӣ қарор мегирифтанд; бар иловаи ин ҳама, табиати кори эҷодӣ, ки ба замони инқилобҳо ва муборизаҳои танготанги синфию идеологӣ нигоҳ накарда ҳамеша озодӣ ва мухториятро тақозо мекунад, ин вазъиятро бештар шиддатнок мекард.

Ҳарчанд, ки дар чанд муддати аввал дар ягон минтақаи Тоҷикистони солҳои бист ба таври рӯшан ҳолат ва шароитҳои дар боло зикршуда ба миён омада натавонист (аз ҷумла, ташкили ҷамъиятҳои адабӣ), вале қазияҳои сиёсиву адабии мазкур дар шакли ба худ хосу ноогоҳ дар сарнавишт, дилу зеҳни аҳли адаб ва амалу ҳаракати ҳатто иҷтимоъҳои оддии адабӣ ҳам бетаъсир буда наметавонистанд. Ниҳоят, мушкили асосӣ дар омӯзиши масъалаи мазкур он аст, ки вазъи ташаккули ҳаракати адабӣ дар матбуот дар шакли пароканда дарҷ ёфта, маводҳо, бахусус, дар бойгониҳо хеле дер барои ҳифз дода шудааст. Мисоли равшани ин бенизомӣ ҳамин аст, ки тунднавишти (стенограммаи) Анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистон барин як ҳодисаи муҳими сиёсӣ, адабӣ ва фарҳангӣ (маълумот дар бораи дигар ҳаракату ҷамъиятҳои адабӣ низ) то ба ҳол ба даст наомадааст ва дар бораи ҷараёни амали он метавон танҳо аз рӯи ахбори мухтасари дар матбуот дарҷшуда мулоҳиза ронд. Пурра набудани дӯхтаи нашрияҳои тоҷикӣ бошад, ин корро боз ҳам мушкилтар мекунад (зиёда аз он, баъзе аз аҳли назар ҳамон қайдҳои дар рӯзномаҳо парокандаро низ пурра фаро нагирифта, гоҳо ҳукмҳои бепояву сустбунёд мебароранд). Бинобар, дар ин мавзӯъ ҳар чизе ки навишта шудааст ва навишта мешавад, хусусияти нисбӣ дошта, дар баррасии мукаммали масъалаи мазкур метавонад саҳме бигирад.

Ба хотири ин, ки ҷамъиятҳои адабӣ чи пеш аз инқилоб ва чи баъди Инқилоби Октябр дар ҳаёти адабии Русия мавқеъи бузурге доштанд, дар тадқиқотҳои оид ба таърихи адабиёти рус ва таҳаввули нақди адабии он ба мақоми ин ташкилоту иттиҳодияҳо диққати муҳим дода мешуд. Дар адабиётштносии тоҷик бошад, ба ин масъала, шояд ба сабаби камадад ва хеле суст будани нуфузи онҳо дар раванди адабии то ибтидои солҳои 30 асри гузашта, таваҷҷӯҳи зиёде зоҳир нашудааст. Танҳо Ғанӣ Абдулло дар арафаи анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон мақолае навишт ва ибтидои ҳаракати нави адабии тоҷикиро аз соли 1931 ба баъд вобаста донистa, хост баъзе хасоисиси онро шарҳу тавзеҳ карда бошад (ниг.: «Тоҷикистони

сурх» аз 29 апрел ва 5 майи соли 1934). Баъд аз ин қазияи мазкур ба куллӣ аз андешаҳо дур афтод. Ҳатто муаллифони китобҳои ҷомеъе чун «Очеркҳои таърихи адабиёти советии тоҷик» (солҳои 1956-1957) ба мавҷуд будан ё набудани чунин як ҳодисаи адабӣ эътибори зарурӣ надодаанд. Дар нашрияҳои энсиклопедӣ низ дар ин маврид маълумоти даркорӣ ва дақиқ дарёфт кардан мушкил аст. Танҳо адабиётшинос Холиқ Мирзозода, ки ба масъалаҳои адабиёти се даҳсолаи аввали садаи XX таваҷҷӯҳи ҳамешагӣ зоҳир мекард, дар мақолае бо номи «Муносибати партия ба адабиёт ва тарбияи кадрҳои адабӣ» («Садои Шарқ, 1965, № 7) кӯшидааст, то манзарае аз замони зуҳур, шакли амал ва моҳияти ҷамъиятҳои адабии тоҷикӣ ба вуҷуд оварда бошад. Аммо ин маълумот ва тафсилоти ӯ аз ҳеҷ ҷониб ба доираи тадқиқоти адабӣ кашида нашуд.

Магар, адабиётшинос М. Раҷабӣ, ки дар рисолааш «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» (Душанбе: Адиб, 1997) ин қазияро ёдовар шуда, аз дидгоҳи «заминаҳои назарию эстетикии адабиёти тоҷикии солҳои 20-50» ва оқибатҳои нохуши сиёсати ҳизбӣ (дар мақолаи Х. Мирзозода масъала баръакс гузошта шудааст) ба раванди адабӣ ҳодисаи мазкурро низ мавриди муҳокимаҳои хоси худ қарор дод. Баъдтар М. Раҷабӣ ба ин мавзӯъ бори дигар баргашта, мақолаи махсусе таҳти унвони «Раисони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон киҳо буданд?» («Адабиёт ва санъат» аз 21 апрел ва 5 майи соли 2000) навишт ва диққати асосиро ба масъалаи чӣ тавр ташкил шудани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мутаваҷҷеҳ сохт. Мухтасари ин мақоларо такроран ҳафтавори мазкур (12 марти соли 2004) ба чоп расонид. Дар ҷавоб ба он Усмонҷон Ғаффоров бо номи «Акси садо» («Адабиёт ва санъат» аз 16 апрели соли 2004) мақолае навишта, баъзе норавшаниҳои дар масъалаи мазкур ва мақолаи М. Раҷабӣ ҷой доштаро шарҳу тавзеҳ дод.

Банда низ мехоҳам дар ҳамоҳангӣ (гоҳо ба тариқи баҳси илмӣ) бо мақолаҳои рафиқони мазкур мулоҳизаҳои худро дар ин мавзӯъ баён карда, ба ҳамин васила ба қадри тавон ва имкон вазъи умумии шароити зуҳур ва ташаккули ҳаракати нави адабии тоҷикӣ, ҷараёни фаъолият ва ҳолати равонию маънавии Анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистон, сохтори Иттифоқи нависандагон, ки дар анҷуман интихоб шуд, аҳамият ва маҳдудиятҳои таърихии ин ҳодисаи муҳимми адабиро дар ҳаёти фарҳангии кишварамон як дараҷа равшан намоям.

## Мақолаи аввал:
# СУННАТИ МАҲФИЛОРОИИ АДАБӢ ВА ТАВҲИДИ ЭҶОДӢ

Суннати дар маҳфилҳо гирд омадани аҳли адаб, радду бадали афкори бадеӣ, нақду баррасиҳои осори адабӣ, бахусус шеър, дар адабиёти ҷаҳонӣ ва дар адабиёти форсизабонон низ як ҳодисаи маъмули таърихӣ будааст. Хусусан, аз замони Сомониён ба баъд чунин маҳфилҳо дар шаклу сурати гуногун ҳамеша фаъолият доштаанд. Пеш аз ҳама, аҳли адаб дар муҳити дарбор гирд оварда мешуданд ва ин амалро сабаб ё маърифатпарварии шоҳону амирон (ва гоҳо мисли даврони Сомониён эҳсоси ғамхорӣ ба адабиёти миллӣ) будааст ва ё таваҷҷӯҳи шахси эшон ба шеъру шоирӣ, ки дар ҳарду маврид ҳам он ба шаъну шавкати дарбор ва обрӯю эътибори ҳокимон меафзудааст. Зиёда аз ин, чунин иҷтимоъҳо аз бисёр ҷиҳат хасоиси раванди адабӣ, сабки нигориш муайян ва завқу салиқаи эҷодкорро тарбия менамудаанд. Ин амал бошад, асосан, ба ду тариқ ба иҷро мерасид: аввалан, худи шоҳ, агар аз аҳли маърифат ва, бахусус, аҳли адаб бошад, ҷӯяндагиҳои адабиро назорат ва гоҳо раҳнамоӣ мекарда ва агар не, пас ин корро ба ӯҳдаи шуарои соҳибистеъдоду ҳунарманде, ки аксаран эшонро «маликушшуаро» унвон буда, во мегузошт. Ва ин суннат то Инқилоби Октябр дар манотиқи гуногун ва дарборҳои мухталиф дар Мовароуннаҳр, Эрону Ҳиндустон ва Афғонистон, умуман Хуросони бузург роиҷ буд.

Дигар аз шаклҳои иртиботи эҷодии аҳли адаб баста ба умумияти маънавии эшон будааст. Ба ин ҷамоатҳои ҳамдилӣ ва пайванди эҷодӣ бештар шуарои ориф, ки дар атрофи пири тариқати хос ва ё шайхи соҳибтариқа гирд меомаданд, моил будаанд. Бисёр шудааст, ки ин иртиботи маънавӣ ба эҷоди осори алоҳида, ташаккули равиши хосе ва ё сабки муайяни адабӣ, умуман дарку маърифати оламу одам (офоқу анфус) дар шакли бадеӣ мусоидат кардааст.

Ниҳоят, гумон меравад, ки дар доираҳои хурд низ (дар маҳалле, минтақае, шаҳре ё мадрасае ва ё хонаи фарди бомаърифате ё гирди адиби тавоное) маҳфилҳо вуҷуд доштаанд, ки мақсадашон мутолиаи шеър, муҳокима ва нақди осори адабӣ, маслиҳат додан, дастгирии якдигар ва тарбияи завқҳои адабӣ будааст. Як намунаи чунин маҳфил дар ҳавлии Шарифҷон махдуми Садри Зиё амал мекард, ки устод Айнӣ (ҳамчунин Мунзим) аз мушоҳидон, иштирокдорон ва дастпарварони он будааст ва аз маҷолиси маҳфил, аъзои он ва таъсире, ки аз он сӯҳбатҳо бардоштааст, дар «Ёддоштҳо»-и худ бо таваҷҷӯҳи хоса нақл ҳам мекунад.

Аз ҳамин як тавзеҳи мухтасар ва тавсифи зоҳирӣ маълум аст, ки кори адабӣ дар баробари амали хеле маҳрамона ва инфиродӣ буданаш, бе гуфтугӯю ҳамкории байни ҳамдигарии эҷодкорон самараи дилхоҳ дода наметавонистааст. Ҳикмати «Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳанд» дар ин маврид низ коршоям буда метавонад.

Ба ҳамин сабаб аст ва, бахусус, ки дар охири садаи Х1Х ва ибтидои асри ХХ дар Русия ва дигар кишварҳои Ғарб мақоми афкори адабӣ бо шиддати тамом дар ташаккули корҳои иҷтимоъ афзуд ва ҳаводиси ҷамъиятӣ низ бошиддат вориди адабиёт гардиданд, хеле аз гурӯҳҳои адабӣ бо барномаву манифестҳои худ ба майдон омаданд ва вобаста ба ранги сиёсӣ гирифтани афкори иҷтимоӣ дар ҷомиа, равишҳои мухталифи идеявӣ ва усулҳои гуногуни эҷодиро ҳимоя кардаву пеш мебурданд. Шояд дар ягон давраи таърихӣ ба ин тундӣ ва зудӣ шумораи зиёди ҷамъиятҳои адабӣ ба вуҷуд омадаву аз байн нарафта бошанд. Ин чандомади зудро шояд сабаб он будааст, ки дар замони нав (Аҳди Ҷадид) амали навгароии адабӣ (авангардисм) дар адабиёту ҳунар ба маротиб афзоиш ёфта, самти шикастани қолабҳо ва вуруди навангезиҳо дар кори адабӣ як ҳодисаи муҳиме гардида буд. Ин равиши ҳам суннатӣ ва ҳам авангардистӣ дар солҳои аввали Ҳокимияти шӯроӣ идома дошт, бахусус дар Русия он бо ҷушу хурӯше ҷараён гирифт. Маҳфилҳои адабии аз ҳайси идеологӣ ва ҳунарӣ мухталиф на танҳо дар бораи хасоиси зотии адабиёт ва вазифаи ҷамъиятии он, балки бештар аз ҳама дар атрофи масъалаи чигунагии адабиёти замони нави инқилобӣ ва роҳҳои ташаккул додани он баҳсу бархӯрдҳои шадид доштанд.

Метавон гуфт, ки дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон низ, бар асари ин ҷунбишҳо ва собиқаи таърихии маҳфилороии адабӣ аз кӯшиши дар ҷамъиятҳо пайвастан ва ё созмон додани маҳфилҳо берун намонда буд. Ҳамин нукта сазовор ба ёдоварист, ки ҳанӯз моҳи августи соли 1920 дар Тошканд «Иттифоқи шоирони Туркистон» ба сифати шӯъбаи «Иттифоқи шоирони Русия» ташкил меёбад, ки дар ин хусус маҷаллаи тоҷикии «Шӯълаи Инқилоб» (1920, № 77, саҳ. 7) гузориш додааст. Мақсади ин иттифоқ ҳамин будааст, ки «ашъори инқилобӣ суруда, мардумро ба сӯи фирқаи иштирокиюн таблиғ намояд». Шояд ин иттифоқ аввалин кӯшиши дар кишвари Осиёи Марказӣ ташкил кардани бахше аз ташкилоти машҳури Пролеткулт бошад. Ҳамчунин дар ин шумора хабаре омадааст, ки гӯё «шоири ранҷбарон Сергей Есенин» нияти омадан ба Тошкандро кардааст ва ғаразаш кӯшидан дар роҳи «тараққии адабиёти ранҷбарон» будааст (Ҳамон сарчашма). Ин ду хабар аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз аввал дар кишвари ба ном Туркистон кӯшиши созмон додани иттиҳодияҳои гуногунмақсади адабӣ ҷой доштааст ва гумон меравад, ки гурӯҳҳои

адабӣ дар байни аҳли адаби тоҷикии Туркистон ва ҷадидони муҳоҷир низ дар ҳамин замон ба вуҷуд омадаанд. Зеро аҳли адаби тоҷикӣ пас аз воқеаи Колесов, ки ғурбат ва азобу шиканҷаи моддиву маънавии зиёде ба сарашон омад, бо шавқу шааф ва умеди бароварда кардани орзуҳои ҷадидӣ (маорифпарварӣ) ба зарурати инқилоб бовар карда, аксар ба хидмати он ворид шуданд ва ба тавсифи он пардохтанд. Ин иттиҳоди ормониву маънавӣ буд, ҳарчанд дар шакли ягон ташкилоти расмие ба қайд гирифта нашудааст. Фақат метавон аз идораи маҷаллаи «Шӯълаи Инқилоб» (1919-1921) ёдовар шуд, ки он ба сифати муассис қувваҳои адабие чун устод Айнӣ, Абдувоҳиди Мунзим, Саидризо Ализода, Т. Зеҳнӣ, Ҳоҷӣ Муин, Фахриддини Роҷӣ ва дигаронро дар як марказ муттаҳид сохта, мутобиқи ҳадафи худ онҳоро ба ягонагии ақида низ ҳидоят мекард ва ба ҳамин васила ба таври хосу ғайрирасмӣ иттиҳоди адибони тоҷик ва умуман форсизабононро ташаккул медод, ки дар чанд соли баъд ба таҳрики афкори адабии тоҷикии форсӣ мусоидат намуда омадааст.

Адабиётшинос Х. Мирзозода дар мақолаи зикршуда аз ҷамъиятҳои адабӣ дар солҳои 20 сухан ба миён оварда, чанде аз онҳоро баршумурдааст: «Ҷамъияти шоирон» (1922, муассисаш Абдулқаюми Қурбӣ дар шаҳри Самарқанд), «Ҷамъияти муҳаррирон» (1925, маҳфил дар назди рӯзномаи «Овози тоҷик»), «Қалами сурх» (1930), «Сексияи нависандагони шӯроии тоҷик» (1930) ва ниҳоят «Ассотсиатсияи нависандагони пролетарии Тоҷикистон» (1931). Маъруфи Раҷабӣ ин номгӯйро бе тағйир такрор мекунад ва бе таҳлилу баррасӣ, аз рӯйи кароҳате, ки ба ҳизб дорад, бар ин бовар аст, ки ҳамаи ҷамъиятҳои мазкур гуё танҳо аз пайи амалӣ кардани сиёсати ҳизб будаанду бас ва ғайраву ва ҳоказо. Аммо воқеият ин аст, ки онҳо ё аз тарафи ягон шахсе (масалан, Қурбӣ), ё дар назди рӯзномае (масалан рӯзномаи «Овози тоҷик») ташкил шудаанд ва ё аз гурӯҳҳои хурд иборат будаанд, ки ба онҳо такя кардани ҳизб дар мақсадҳои барномавиаш боварбахш нест. Дуруст аст, ки маҳфилҳои мазкур наметавонистанд аз рӯҳияи умумии замон барканор бошанд, вале онҳоро ба сифати байрақбардори «назарияи сталинии мубориза синфҳо» номзад кардан як гапи сустбунёд асту бас. Чаро ки, метавон гуфт, на ҳамаи ин иҷтимоъҳо маромномаи равшани кору эҷод доштаанд, дар ҷодаи суханварӣ бошад равиши ғайримунтазираеро ба майдон гузошта натавонистаанд ва дар таҳти сарпарастии ташкилоти ҳизбие амал кардани ҳеҷ кадоме аз онҳо то ба ҳол маълум нест.

Тибқи маълумоти Х. Мирзозода, ки дар асоси шаҳодати Ҳоҷӣ Муин ба миён омадааст, «Ҷамъияти шоирон» гӯё барои худ низомномае тартиб додаву ҷаласаҳои адабӣ низ мегузаронид. Шакли

кори эшон мушоира, ислоҳи нуқсонҳо, тақриру таҳрири ашъори шоирони ҷавон ва маърифати «арӯз ва назарияи адабиёт» буд. Зоҳиран, мақсади ин ҷамъият муттаҳид кардани шоирони мӯътақид ба услуби наву кӯҳна ва талқини эшон ба таълифи шеърҳои миллию ахлоқӣ будааст. Аммо, аз чӣ бошад, ки ҳайати садорати «Ҷамъияти шоирон» (муассиси он Абдулқаюми Қурбӣ ва сарварону мушовиронаш шоирони намоён Васлӣ ва Тамҳид) ҳама шоирони суннатгаро буда, аз шеъри миллӣ навиштани онҳо ҳеҷ сарчашмае хабар намедодааст. Савияи сиёсӣ ва адабии Қурбӣ низ ба аҳли адаб маълум аст. Ба маълумоти назарии суннатӣ маҳдуд мондани эшон шояд баъзе ҷиҳатҳои мусбат дошта бошад, зиёда аз он, эшон аз шоирони «тоҷикнавис» будаанд, ки низ ҷолиб аст ва оқибати корашон ҳам, ки дар зери фишори пантуркистон рӯ ба хомӯшӣ овардаанд, таассуфовар мебошад. Ин ҳама барои таърихи адабиёти тоҷик муҳим ва аҷиб аст. Аммо маълум нест, ки ҷустуҷӯҳои эшон дар мавриди навангезиҳои шеър ва ибтикороти эҷодӣ дар кадом савия будааст. М. Раҷабӣ гароиши аҳли ҷамъиятро ба суннатҳои адабӣ чун ҳодисаи мусбат ва куллан хилоф «ба услуби болшевикӣ..., ки ба тафриқаандозӣ дар байни зиёиёни дирӯзу имрӯз асос ёфта» будааст, ба шумор орад (Таърихи..., саҳ. 15), вале чанд сатр поёнтар бо «андӯхтаҳои накди адабии классикӣ асос» ёфтани маълумоти назарии аҳли ҷамъиятро ба пурра маълум набудани «моҳияти «назария»-и сиёсати адабии фирқа» вобаста мекунад. Моҳияти чунин зиддияти фикри мунаққид дар байни чанд сатри як саҳифа маълум нест (ва ин як дараҷа услуби хоси ӯ низ ҳаст), аммо як чиз яқин аст, ки кӯшиши ташкил намудани ҷамъияти адабӣ, дар ҳар шакле бошад, ба аҳли адаби тоҷик дар вазъиятҳои ноқулай низ бегона набудааст.

Дар бораи иттиҳодияи дувум - «Ҷамъияти муҳаррирон», ки Х. Мирзозода дар асоси мақолаи Фахриддин Роҷӣ «Ба муносибати ҷамъияти муҳаррирони гиром» («Овози тоҷик» аз 3 апрели соли 1925) аз оғози фаъолият, моҳият ва мақсади он маълумот медиҳад, ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ба арсаи амал баромадани он, чунон ки М. Раҷабӣ ҳукм мекунад, ҳеҷ муносибате ба қарори ҳизб «Дар бораи сиёсати партия оид ба адабиёти бадеӣ» надорад, зеро қарори мазкур хеле баъдтар аз мақолаи Ф. Роҷӣ эълом гардид (июни соли 1925) ва ин қарор наметавонист дар масъалаи «бе ҳофизаи мӯътамади адабиву фарҳангӣ» корро аз нав сар кардани ҷамъият таъсире дошта бошад. Мақсади мо аз таъкиди ин номувофиқатиҳо ба сафедӣ баровардани ҳизб ва баъзе дастурҳои дурушти синфиву мафкуравии вай оид ба адабиёти бадеӣ набуда, балки ҷалб намудани диққат ба ҳақиқати далелҳо дар кори илмӣ ва дар ин замина баровардани хулосаҳои воқеъист. Ин натиҷагириҳои

худсарона дар мавриди омӯзишу баррасии таърихи ташаккули Иттифоқи нависандагон низ мушоҳида мешавад ва мо дар мавридаш аз онҳо сухан хоҳем кард. Умуман, аз ин ҷиҳат хеле аз тадқиқотҳои солҳои охири ба ном «навназарона»-ро санҷидан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Ҷамъияти дигаре, ки чанд муддат аҳли адаби тоҷики Ӯзбакистон дар таҳти нуфузи он эҷодкорӣ мекарданд – ҷамъияти адабии «Қизил қалам»-и ӯзбакист (Ба ёд оред «Манам аз пайравони хомаи сурх...» - гуфтани Пайрав Сулаймониро дар соли 1928), ки ноябри соли 1926 дар Самарқанд ташкил ёфт. Чунин ба назар мерасад, ки таъсири он дар Тоҷикистон (Душанбе), хушбахтона, он қадар муассир набудааст.

Ҳарчи бошад, дар ин маврид ду нуктаро ба эътибор гирифтан лозим аст: аввалан, аксари маҳфилҳои номбаршудаи аҳли адаби тоҷик дар Самарқанд, дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбакистон шакл гирифта буданд ва баъзе аз онҳо дар зери таъсири ташкилотҳои адабии «Чиғатой гурунги» ва «Қизил қалам» монда, як андоза рӯҳияи пантуркистӣ доштанд ва ё дар зери фишори туркгароён аз фаъолият бозмонданд. Сониян, бахши дигари ин мафҳилҳо (чунон ки дар мисоли «Ҷамъияти муҳаррирон» мушоҳида кардем) кори худро танҳо ба омӯзиши сабақҳои эҷодӣ ва таълими умумии назарӣ дар бораи дарси нависандагӣ (ба маънии васеи истилоҳ, ки асосан мутаваҷҷеҳи рӯзноманигорӣ буд) маҳдуд медонист.

Ҳамин тавр, гумон меравад, ки акси садои гурӯҳу иттиҳодияҳои мухталифи дар Русия ва дигар кишварҳои ҳамсояи шӯроӣ, ки пас аз инқилоб гоҳо ба таври расмиву гоҳи дигар дар шакли гурӯҳӣ даромада, барномасозӣ низ доштанд ва сари чанд вақт баланду бошиддат ва гоҳи дигар хафифу мухталиф садо дар медоданд, то ба Осиёи Марказӣ низ мерасид ва кӯшишҳои пайравӣ кардан ба онҳо низ бояд беасос набошад. Онро метавон як марҳалаи ибтидоӣ дар ҳаракати адабии тоҷикӣ ба шумор овард.

Аммо сохтор ва ҳайати ҳаракати адабӣ дар Тоҷикистон то ибтидои солҳои сиюм он қадар равшан набудааст ва шояд таъсири он гурӯҳҳои адабие, ки аҳли илм номбар мекунанду аз он бамавриду бемаврид мавқеи ҳизбӣ ҷустуҷӯ менамоянд, бо таъсир ва қувваи муттаҳидкунандаи як нависанда ва ё шоире мисли устод Айнӣ ва ё Абулқосим Лоҳутӣ дар байни аҳли адаб баробар ва муқоисашаванда набошад. Дар бораи мавҷудияти гурӯҳи адабии дигарандеш ва ё мухталифақида, ки дастурҳои хилофи раванди адабиро пайравӣ ва дастгирӣ мекард ва ё ба як қувваи тавонои мухолиф табдил ёфта бошад, сухан рондан ҳоҷат надорад. Бесабаб нест, ки бисёре аз аҳли накд ва намояндагони расмӣ ибтидои ташаккули ҳаракати ада-

биро дар Тоҷикистон ба солҳои 30-31 алоқаманд донистаанд. Аз ҷумла, раиси Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон С. Носиров дар арафаи анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон эътироф намудааст, ки: «Ташкилоти адабии Тоҷикистон аввалин маротиба дар соли 1930 дар ҳоле, ки қаламкашони ҳирфаӣ ангуштшумор буданд, ташаккул ёфтааст» (С. Носиров. За дальнейший подём социалистической литературы // «Коммунист Таджикистана» от 8 мая 1934 г.). Ғ. Абдулло бошад, давраи фаъолияти Ассотсиатсияи нависандагони пролетарии Тоҷикистон (Тоҷ АПП)-ро ба сифати аввалин ҳаракати адабии тоҷикӣ ва «этапи муҳим»-и он ба шумор оварда, инкишофи адабиёти Тоҷикистонро аз он ба баъд мавриди арзёбӣ қарор медиҳад (Ғанӣ Абдулло. Дар бораи чанд этапҳои ҳаракати адабии мо (Ба муносибати анҷумани якӯми нависандагони Тоҷикистон) // Тоҷикистони сурх аз 29 апрел ва 5 майи соли 1934). Оё ин ташкилот ва ин «этапи муҳим» дар таърихи ҳаракати адабии Тоҷикистон чӣ мавқеъ ва мақсаду хусусиятҳо доштааст? Ин масъала гуфтугӯи алоҳидаро мехоҳад.

Мақолаи сонӣ:

## ТОҶАПП – ҶАМЪИЯТИ НАВИСАНДАГОНИ ПРОЛЕТАРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Ҷамъияти (ассотсиатсияи) нависандагони пролетарӣ сухан ронда, дарвоқеъ, мисли М. Раҷабӣ ба мақолаи маълуми В. И. Ленин «Ташкилоти партиявӣ ва адабиёти партиявӣ» (1905, на соли 1910) истинод кардан мумкин аст. Ленин ҳанӯз соли 1905 тамоми кори адабиро (ба маънии васеъи ин мафҳум) мутобиқан ба вазъи инқилобӣ баррасӣ намуд ва тибқи сиёсати наздиктарини ҳизби худ масъалаи иртиботи адабиёт ва замони инқилобро ба миён гузошт. Аммо ҳаминро бояд таъкид кард, ки кӯшиши амалӣ кардани қазияи мазкур танҳо ибтидои солҳои 30 ба таври ҷиддӣ диққати ҳизбро ба худ ҷалб намуд. Дар имтидоди зиёда аз 25 сол, бахусус, пас аз Инқилоби Октябр (1917), оид ба адабиёту ҳунар қарорҳои гуногун қабул шуданд ва ҳама моҳиятан иборат буданд аз муайян кардани сиёсати ҲК ба масъалаҳои адабиёт. Аз кадом сабаб бошад, ки ҳизб дар давоми ин солҳо ҳеҷ гоҳ масъалаи ба тариқи зӯрӣ ба доираи адабиёти пролетарӣ даровардани адибонро ошкоро ба миён нагузошт ва танҳо баҳс рӯи тарбияи адибони нави пролетарӣ

ва ба мавқеи шӯрой кашидани аҳли адаби дар ҷамъияти буржуазӣ (феодалӣ) ба камол расида мерафт. Ва ин масъала низ дар шакли ҷамъиятҳои адабӣ, иттиҳодияҳо ҳал мешуд ва ин гурӯҳҳои адабӣ дар мавқеъҳои гуногуни мафкуравӣ меистоданд, ки як бахши муҳими онҳоро ташкилот ва иттиҳодияҳои пролетарии нависандагон ташкил медоданд. Зоҳиран ҳизби коммунист дар аввали кор ба воситаи додани имконият ба фаъолияти иттиҳодияҳои мухталиф мехост дар кори эҷодӣ озодии нисбӣ (гурӯҳӣ) ба вуҷуд оварад ва тавассути дастгирӣ кардан ва имтиёзот додан ба ташкилотҳои адабии пролетарӣ ҳам мавқеи ин гурӯҳҳои адабиро мустаҳкам кунад ва ҳам сиёсати худро дар адабиёт ҷорӣ, балки ҳоким созад (Ногуфта намонад, ки дар ҷараёни амалӣ кардани ин сиёсати «каҷ дору марез» ва шароити муборизаҳои шадиди синфию мафкураӣ хоҳу нохоҳ дар кори ташкили иттиҳодияҳои адабӣ ва фаъолияти онҳо ба тундравӣ ва дурушткориҳои зиёде низ роҳ дода мешуд).

Ва шояд бар асоси ҳадафҳои сиёсӣ ва вазъи воқеии мавҷуда буд, ки ҳанӯз соли 1918 ҷамъияти «Пролеткулт» (Маданияти пролетарӣ) ва дар моҳи октябри соли 1920 бошад, Иттиҳодияи (Ассотсиатсияи) умумирусии нависандагони пролетарӣ – ВАПП ташкил шуд. Соли 1925 бошад Конфронси нахустини нависандагони пролетарӣ бо иштироки нависандагони дигари ҷамоҳири шӯрой баргузор мешавад, ки мухтасаран онро низ ВАПП мегуфтанд. Маҳз дар ҳамин сол Ҷамъияти нависандагони пролетарии Русия, ки бештар бо номи ихтисоршудаи РАПП машҳур аст, ба арсаи фаъолият баромад ва ҳамсонҳои он дар дигар манотиқ низ ташкил мешуданд. Ва, ниҳоят, охири апрел ва нимаи аввали (16-уми) майи соли 1928 Анҷумани нахустини умумииттифоқии нависандагони пролетарӣ баргузор мегардад, дар сохтори он дигаргунӣ ворид карда мешавад ва ҳамаи бахшҳои миллии ин ҷамъият ба ташкилоти воҳиди ВОАПП – Иттиҳодияи умумииттифоқии ассотсиатсияҳои нависандагони пролетарӣ бо отряди роҳбарикунандааш РАПП ташкил дода мешавад.

Ҳамин тавр, чунон ки дар бахши аввал омад, таваҷҷӯҳ ба адабиёти нави пролетарӣ ба аҳли адаби Осиёи Марказӣ низ бегона набуд. Бинобар ин, дар таҳти таъсири омилҳои болоӣ аз ҳама аввал ташкилоти Осиёимиёнагии САППП ба майдон омад. Дар Қазоқистон аз нимаи аввали солҳои 20 ба созмон додани ташкилоти адабӣ кӯшиш карданд ва ниҳоят соли 1927 ҚазАПП бо нашрияи махсуси худ ба кор сар кард (История советской многонациональной литературы, т. 6, стр. 302. Минбаъд «История...»). Дар Туркманистон бошад, ба ин амал соли 1929 сар карда, ниҳоят сентябри соли 1930 Ассотсиатсияи нависандагони пролетарии Туркманистонро ташкил карданд (История..., стр. 454). Бародарони қирғиз низ аз ноябри

соли 1930 ҚирғизАПП-ро созмон доданд, ки нашрияи худро дошт (История..., стр. 411). Аммо дар Ӯзбакистон, ки Тоҷикистон ба сифати ҷумҳурии худмухтор ба он пайваст буд, аввал дар моҳи апрели соли 1926 конфронси нависандагони пролетарии шаҳри Тошканд шуда гузашт ва баъд моҳи ноябри ҳамон сол (1926) ташкилоти нависандагони Ӯзбакистон бо номи «Қизил қалам»-ро созмон доданд, ки дар кори он сарварони ҷумҳурӣ Ф. Хӯҷаев ва У. Юсуфов иштирок доштанд. Ин иттиҳодия то соли 1931 бо ҳамин унвон амал кард ва соли 1931 ӮзАПП (История..., стр. 474) ном гирифт. Гумон меравад, ки он як иттиҳодияи мураккабе будааст ва сарваронаш ҳадафҳои миллатчигиро бо риояи сиёсати ҳизби коммунист ба ҳам созиш додан мехостанд. Аҳли адаби тоҷикзабони Ӯзбакистон расман аъзои ин ташкилот буданд ва гаҳ-гоҳ онро бо номи «Қалами сурх» ном мебурданд. Зоҳиран ин ташкилот ба адибони Тоҷикистон низ роҳбарӣ мекард, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо таъсираш он қадар муассир набудааст. Пас, дар марзи воқеии Тоҷикистони худмухтор ба ташкили ассотсиастсияи пролетарии нависандагон чӣ гуна муносибат доштанд?

Як нуктаи мушаххаси ҳаракати адабии Тоҷикистон, ки диққати аҳли тадқиқро камтар ба худ кашидааст, аз он иборат мебошад, ки ҷамъияти нависандагони пролетарӣ (АПП) дар ин ҷо хеле баъдтар, балки охиртар аз ҳамаи ҷумҳуриҳои мустақилу худмухтори Осиёи Марказӣ созмон дода шуд (масалан, ҳатто дар Қароқалпоқистон чунин ҷамъияти адабӣ соли 1928 ба фаъолият оғоз мекунад). Ин факти таърихист ва, зиёда аз он, бояд сабабҳо дошта бошад. Ва ниҳоят, шояд як сабаби дар бахши Тоҷикистонии корҳои адабӣ камтар асар гузоштани чапгароиҳои ифротии ҳизбӣ (то соли 1931) бошад (омӯзиш ва муқоисаҳои минбаъдаи вазъияти адабии ин солҳо асли ҳақиқатро хубтар бозгӯ хоҳад кард).

Биёед, акнун бингарем, ки вазъияти воқеӣ дар бобати созмон додани иттиҳодияҳои адабӣ дар худи Тоҷикистони худмухтор чӣ гуна будааст?

Чунон ки қайд кардем, дар шароити ҷумҳурии худмухтор будани Тоҷикистон, тамоми ташкилоту ҷамъият ва иттиҳодияҳои адабӣ бо мақсадҳои ҷумҳурии Ӯзбакистон ва дар бисёр маврид ба манфаатҳои миллатгароии узбакӣ тобеъ гардида буданд. Пас аз истиқлолияти комили Тоҷикистон ба сифати ҷумҳурии мустақили шӯроӣ адибони тоҷикзабони Ӯзбакистон низ эҳсоси бегонагӣ ва аниқтараш ифтихори миллӣ карданд ва кӯшиданд ки ҳеҷ набошад, таҳти роҳбарии ҷамъияте, ки қувваҳои адабии тоҷикиро муттаҳид мекарда бошад (бигзор, дар мавқеи пролетарӣ, шӯравӣ ва ғ.), ба ҳам оянд.

Ҳамин тавр, аҳли қалам зарурати чунин амалро дарк намуда, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба диққати нависандагони тоҷикзабон, навқаламон ва шоирон эълом доштанд, ки 7 феврал (соли 1930 – А. Н.) соати 6 дар бинои таълим ва тарбияи марказии тоҷикон маҷлиси нависандагони шӯроии «Қалами сурх» баргузор шуда, дар маҷлис «Дар бораи ташкил намудани Сексияи нависандагони шӯроии тоҷикӣ» масъала дида мешавад» («Овози тоҷик» аз 7 феврвли соли 1930).

Ба ҳамин васила **«Сексияи «Қалами сурх»-и тоҷикзабонон»** (ба унвони ҷамъият диққат диҳед – А. Н.) дар Самарқанд ба майдон меояд. Яке аз чорабиниҳои аввалине, ки ин ҷамъият амалӣ намуд, ташкили саҳифаи «Адабиёт ва санъат» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» аст, ки мақсадаш дар баробари чопи осори адибон ва тарбияи қаламкашони ҷавон, боз барҳам задани парокандагии онҳо низ будааст. Ин саҳифа то андозае мунтазам идома дошт ва гоҳе барои мухлисонаш маълумоти назарии адабӣ низ пешниҳод мекард. Масалан, дар яке аз шумораҳои он маълумоти мухтасаре дар бораи ҷараёнҳои адабии русии он рӯзро (мисли «Акмеизм», «Клоситсизм», «Симвулизм», «Футуризм», «Леф», «Реф», «Молодая гвардиё», «На посту», «Октябир», «Кузнитса» ва ғ.) ҷой дода, мақолаи нисбатан муфассале дар бораи ҷараёни «Симвулизм» ба табъ мерасонад («Овози тоҷик» аз 21 апрели соли 1930). Ин мақолаҳоро метавон нахустин таваҷҷӯҳи бевоситаи аҳли адаби тоҷик ба созмонҳои адабӣ ба шумор овард.

«Сексияи «Қалами сурх»-и тоҷикзабонон» ҳамчунин сари чанд вақт ҷаласаҳои худро мегузаронид, ки дар онҳо масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик муҳокима мешуд ва аз он маҷлисҳо ҳайати иштирокдорони Сексияро муайян кардан мумкин аст. Яке аз ин ҷаласаҳои ҷамъият 11 майи соли 1930 дар бинои Курси таълим ва тарбияи марказии тоҷикон (дар мадрасаи Шайбонихон) баргузор мешавад, ки дар он маърӯзаи Раҳим Ҳошим дар мавзӯи «Адабиёти имрӯзаи тоҷик» мавриди муҳокима қарор мегирад. Дар маҷлиси мазкур хусусан иштироки ашхоси зерин (мантиқан аъзои Сексия) пурсида шудааст: Садрулин, Набӣ Фахрӣ, С. Айнӣ, Зеҳнӣ, Обид Исматӣ, Алӣ Исмоилзода, Козимзода, Бурҳонов, Бону, С. Исмоилзода, Аминзода, Ваҳҳоб Шакурӣ, Пирмуҳаммадзода, Нурмуҳаммадзода, Аълозода, Бақозода, Яъқуб Калонтаров, Маъруф Акрамӣ, Пинҳос, Алӣ-Хуш ва ғайра.

Аз ҳама муҳим он аст, ки эшон асосан дар мавқеи ҳукумати шӯравӣ меистоданд, худро нависандагони шӯроӣ ном мебурданд ва унвони «Қалами сурх» (ҳарчанд тарҷумаи ӯзбакии «қизил қалам» буданаш аниқ аст), худ баёнгари самтгирии мафкуравии эшон

мебошад. Ва ин ҳақиқати маълум дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» сареҳан ифода ёфтааст. Вале аз чӣ бошад, ки М. Раҷабӣ, аввалан, масъалаҳои ба Сексия дахлдорро бо ҷамъияти адабии «Қизил қалам»-и ӯзбакӣ омехта месозад, сониян, масъалаҳо, аз ҷумла «Сексияи тоҷикзабонон»-ро лозиму нолозим ба нуфузи ҳизб дар кори адабӣ ва «назарияи сталинии муборизаи синфӣ» мечаспонад. Аз ҷумла, вай аз мақолаи Баҳлулзода «Як назар ба сатира ва юмори тоҷик» («Овози тоҷик» аз 30 майи соли 1930) чунин натиҷагирии хато кардааст. Баҳлулзода Сексияро аз ҷиҳати корӣ ва вобаста ба масъалаҳои ҳунарӣ танқид карда, масъала мегузорад, ки он бояд ба нависандагони ҳаҷвнавис, тарбияи шахсиву ҳунарии онҳо таваҷҷӯҳи лозима диҳад ва беҳтар кардани муносибати Сексияро ба ин риштаи санъати сухан ба миён мегузорад, аммо мунаққид ба зурӣ ин қазовати солими эҷодиро ба сӯи ҳадафҳои манфиатҷӯёнаи сиёсии худ кашола мекунад... (М. Раҷабӣ. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. – Душ.: Адиб, 1997, с. 18).

Зиёда аз он, М. Раҷабӣ «Сексияи «Қалами сурх»-и тоҷикзабонон»-и Ӯзбакистонро барои аҳли адаби дар Тоҷикистон буда низ умумӣ медонад ва Ҷамъияти (ассотсиатсияи) нависандагони Тоҷикистонро ҷойгузини Сексияи тоҷикзабонон ба шумор меоварад («Таърихи...», с. 19), ки ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунад. Ин иштибоҳ шояд ба ду сабаб сар задааст: аввалан, вай аз кӯшишҳои дар Тоҷикистон низ ташкил додани як гӯруҳи нависандагони дар зери пругроми марксистӣ амалкунанда бехабар будааст; сониян, таклифи Ҳ. Бақозодаро дар бораи созмон додани Ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон чун давоми фаъолияти Сексияи тоҷикзабонон ва яке аз аъзои вай (Ҳ. Бақозода) тасаввур кардааст. Ҳол он ки Бақозода мақолаи мазкурро аз Душанбе навишта, дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (Ӯзбакистон) ба чоп мерасонад. Шояд ин як огоҳие барои ҳамаи адибони тоҷикзабон буд, ки ба иттиҳод даъват карда мешуданд. Аслан байни эшон чи дар Тоҷикистон ва чи дар Ӯзбакистон ва дигар манотиқ ҳамеша пайванди эҷодӣ мавҷуд будааст. Аммо факти таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ташаббуси ташкили ТоҷикАПП аз маркази Тоҷикистон сарчашма мегирад. Ва, билохира, «пайваста иваз шудани як ташкилот ба ташкилоти дигар» махсусан аз тарафи ҳизб, бахусус дар Тоҷикистони то соли 1931, ба ҷуз як хулосаи сусту ғаразҷӯёнае чизи дигар буда наметавонад...

Аммо, дарвоқеъ, дар Тоҷикистон ҳол чӣ гуна будааст?

Ҳарчанд ки дар Тоҷикистони мустақил низ то соли 1931 Иттиҳодияи адабии пролетарӣ ба таври расмӣ шакл нагирифта буд, вале баъди ҷумҳурии соҳибистиқлол гардидани он, зоҳиран, чунин зарурат бештар эҳсос шуд, зеро дар он замон марказонидани роҳбарии ҳиз-

бию шӯрой ва ҳам қувваҳои фарҳангию адабӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа ба шумор меомад. Ба ҳамин сабаб аст, ки дар соли 1930 дар рӯзномаҷоти тоҷикӣ лузумияти созмон додани чунин як ташкилот паиҳам ба миён гузошта мешавад.

Ва, инак, дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (аз 22 апрели соли 1930) мақолаи Мақсуд ном шахс таҳти унвони «Дар атрофи адабиёти тоҷик» чоп шуд, ки дар муқаддимаи он омадааст:

«Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки то кунун аз тарафи ташкилотҳои дахлдори Тоҷикистон ҳал карда нашудааст, ҳамоно иборат аз он аст, ки то имрӯз адабиёт ва нависандагони пролетарии тоҷикзабон ба зери як пругроми асосӣ ғун дошта нашуда ва чунончи дар ҷумҳуриҳои шӯравии ҳамсоягии Тоҷикистон ташкил гардидааст, аз миёни адибон ва донишмандони ҳозираи Тоҷикистон тӯдаҳои нависандагони пролетарӣ, ки бо усули морксистӣ рӯҳи адабиёти тоҷикро зинда карда тавонад, як ҷамоате ташкил карда нашудааст».

Муаллифи мазкур дар мақолааш зарурати ташкили чунин ҷамоатро на танҳо ба вазоифи замон вобаста мекунад, балки бар он ақида аст, ки гӯё адабиёти гузашта, аз як тараф, аз ҷиҳати ҳунарӣ ғанӣ, вале аз ҷониби дигар, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва мақсад бенизому маҳдуд буд ва бинобар ин адабиёти имрӯзаро «дар зери як пругроми асосӣ ғун дошта... мувофиқи таълимоти Маркс ва Ленин корҳои адабиётро ба роҳ» мондан зарур аст.

Вай бо ташвиш қайд мекунад, ки он чӣ адибони тоҷик аз Айнӣ то Пайрав осори хубе офариданд, вале «боз аз уҳдаи ҳамаи он вазифаҳое, ки ба пеши нависандагони имрӯза монда шудааст, баромада наметавонад..., зеро ки ... аз усули як пругроми асосӣ хориҷ» будаанд.

Бинобар он, ин заруратро идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» эҳсос намуда, «барои ба зери як пругроми асосии марксистӣ даровардани қувваҳои нависандагони прулитории Тоҷикистон чорабинӣ намуд». Ва ин чорабинӣ ҳамин буд, ки бо иштироки нависандагони тоҷикзабони сокини Сталинобод як маҷлиси машваратӣ барпо намуда, онҳо дар атрофи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» муттаҳид карда шаванд, осорашон дар «Саҳифаи адабиёт»-и ин рӯзнома ҳар ҳафта ба табъ расонида шавад. Зиёда аз ин, мебоист ин ҷамъият барои тарбия кардани соҳибқаламони сурх – насли ҷавони нависандагону шоирони пролетарӣ аз байни меҳнаткашон мусоидат менамуд.

Маълум мешавад, ки хоҳиши дар иттиҳодияи адабӣ ҷамъ омадан дар дигар манотиқи Тоҷикистон низ пайдо шуда будааст. Аз ҷумла, тибқи маълумоти Юнус Ҳусейн «дар шаҳри Хуҷанд (моҳи майи соли 1930) «тӯдаи адабиёт» ташкил шуда буд ва он ҷаласаҳои худашро

барпо мекард ва аз ҷумла, ба масъалаи ривоҷи ҳаҷвнависӣ таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст («Овози тоҷик» аз 7 декабри соли 1930).

Ва, ниҳоят, аз Тоҷикистон масъалаи ташкили Ҷамъияти пролетарии нависандагон ба миён гузошта мешавад. Чунон ки дар боло қайд кардем, ин масъаларо Ҳ. Бақозода, ки он вақт масъули нашри бюллетени ахбори Нозири маориф ва яке аз мунаққидони рӯз низ ба шумор меомад, ба миён мегузорад.

Ҳ. Бақозода тибқи назарияи марксистии синфӣ будани адабиёт кӯшидааст, ки вазифаи афкори адабиро дар иртибот бо масоили покизагӣ ва солимии мафкура ба миён гузорад. Қазияи мазкурро вай бо зерсарлавҳаи «Шоирони ҷавонро тарбия намоем» мушаххас месозад. Ба фикри вай дар асарҳои як гурӯҳ нависандагон рӯҳияи буржуазӣ роҳ ёфтааст ва ин ҳодиса ё қасдан ва ё ба сабаби ба эътибор нагирифтани «роҳи синфӣ» ба амал меомадааст. Ӯ барои тасдиқи фикраш асарҳои Мунирхон Мӯинзода, Пирмуҳаммадзода ва Акмал Аминзодаро мисол нишон дода, оид ба камбудиҳои нависандаи ҷавон Пирмуҳаммадзода, ки дар таълифоташ ба «мафкураи буржуазии миллатпарастӣ ва ноумедӣ» гирифтор будааст, муфассал таваққуф мекунад. Ва, дар охир, ба чунин натиҷа мерасад, ки барои мафкураи солим дар адабиёт ва тарбияи шоирони ҷавон дар рӯҳияи синфи пролетариат чора ҷустан лозим аст, ки он ҳам ба фикри ӯ «ташкил кардани ҷамъияти нависандагони прулитории Тоҷикистон аст». Давоми фикри вай дар масъалаи муайян кардани лаҳзаҳои ташаккули ҳаракати адабии Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад, ки гуфтааст: «То ҳол дар бораи ташкил кардани ҷамъияти нависандагони прулитории тоҷик (дар Тоҷикистон) масъала дида нашудааст, ки акнун онро қатъитар мегузорем. Ташкил кардани чунин ҷамъият бисёр лозим ва пешрафти адабиёти синфӣ талаб мекунад». Зиёда аз он, навишта буд Бақозода: «Мо ба воситаи ин ҷамъият дар соҳаи тарбия кардани шоирони наврас ва тафтиш кардани асарҳои шоирон, муайян кардани ба фоидаи кадом синф хидмат кардани шоирон ва барои тараққии адабиёти прулитории тоҷик корҳои амалӣ мекунем ва инчунин мубориза барои мафкураи солимро қувват медиҳем».

Ҳамин тавр, соли 1931 дар Тоҷикистон Ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон – ТоҷАПП ташкил шуд (Зимнан, маҳз дар ҳамин сол ҷамъияти «Қизил қалам»-и ӯзбакҳо низ ба ӮзАПП табдил дода мешавад). Чунон ки гуфтем, бахшу шӯъбаҳои РАПП дар дигар манотиқи мамлакати шӯравӣ, ҳатто дар ҷумҳуриҳои ҳамҷавори мо низ барвақт зуҳур карда буданд. Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки ҳизби Тоҷикистон (агар ба бовару талқинҳои М. Раҷабӣ бовар кунем) фақат соли 1931, аз ҳама баъдтар, ба ташкили чунин як ҷамъияти, воқеан,

тундрави чапгаро иқдом гузошт. Дар ин бора ҳар гуна тахмину фарзияҳо пеш овардан мумкин аст, вале як чиз мусаллам аст, ки раванди ҳаракати адабӣ чи аз дохил ва чи бо таъсири омилҳои беруна (бигузор ҳизбӣ бошад) ба ҳамин сӯй ҳаракат дошт ва онро танҳо яктарафа, ба мафиатҳои худхоҳонаи шахсӣ тавзеҳ кардан мумкин нест.

Пас, биёем ба сари масъалаи он, ки Ҷамъияти (ассотсиатсияи) нависандагони пролетарии Тоҷикистон чӣ ташкилоте буд, чӣ ҳадафҳо дошт, чӣ вазифаҳоро ба иҷро расонид, чанд муддат амал кард ва оё дар рушду инкишофи афкори навини адабии тоҷикӣ чӣ гуна нақше бозӣ кардааст?

Гуфтан лозим аст, ки марҳалаи дувуми ҳаракати умумиадабии тоҷикон ва Тоҷикистон баъд аз ташкили Ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон, яъне ТоҷАПП оғоз мегардад. Мисли ҳамешагӣ дар бораи ин ҷамъият низ дар бойгониҳо, бахусус бойгонии Иттифоқи нависандагон мавод дарёфт кардан мумкин нест. Дар ин маврид низ метавон танҳо ба саҳифаҳои матбуоти давр муроҷиат кард. Ҳарчанд мавод дар ин мавзӯъ пароканда аст ва хеле кам ба даст меояд (зеро бастаҳои рӯзномаҷот номукаммаланд), вале тавассути он чи ҳаст, ба як тасаввури умумӣ ва хулосаи муайян дар бораи сохтори ҷамъияти мазкур, сарвари он, маромнома ва тарзу усули кори ин иттиҳод бо аҳли адаб расидан мумкин аст.

Тибқи маълумотҳо, Ҷамъияти нависандагони пролетарӣ аз ибтидои соли 1931 (аниқтараш 21 январи ҳамон сол) ба фаъолият оғоз карда, то нимаи соли 1932, яъне то эъломи қарори КМ ВКП(б) «Дар бораи азнавсозии ташкилотҳои адабӣ – бадеӣ» (аз 23 апрели соли 1932) амал мекунад. Сохтори он аз сарвар ва аъзои садорати Ҷамъият иборат буда, ҳайати умумии онро 10-15 кас ташкил мекардааст. Чунон ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» муҳаррири он Дайламӣ менависад, кори ин ҳайат асосан аз кабинетнишинӣ иборат буда, дар шакли идорӣ – дар хонаи корӣ ҷамъ омадан, масъалаҳои адабӣ, асарҳои нависандагони ҷудогонаро хондану мавриди муҳокима қарор додан; ҷаласаҳо ташкил карда, дар бораи ин ва ё он масъала, нависанда, асар қарорҳои махсус қабул кардан (дақиқтараш ҳукм баровардан); таълифи мақолаҳо, бештар мақолаҳои танқидии иҷтимоъгарона, балки ба роҳ мондани нақди сиёсиву мафкуравӣ буд, ки адабиётро аз мавқеи идеологияи болшевикӣ ва табақотӣ баррасӣ кардаву баҳо медод, ҷараён мегирифт.

Ин ташкилот дар вахлаи аввал барои сарҷамъ кардани аҳли адаби тоҷикӣ зарур буд ва зоҳиран ин мақсадашро як андоза ба тариқи расмӣ анҷом додааст. Расмият дар он зоҳир мешавад,

ки ҷамъият бештар аз номи ҳизб ё бо такя бо дастурҳои ҳизб гӯён сухан меронд ва адибони тоҷик ба дастурҳо, қарору нақдҳое, ки аз ҷониби ҷамъияти мазкур пешкаш мешуд, эътибор медоданд, итоат мекарданд, балки мехостанд аз диди ТоҷАПП мақоми худро дар адабиёт ва зиндагии нав муайян карда бошанд. Зоҳиран, эшон илоҷи дигар ҳам надоштанд.

Ҳарчанд ойинномаи ҷамъияти мазкур ба даст наомадааст (бинобар ин будан ё набудани он низ дақиқ нест) вале аз ҷиҳати моҳият ва сохтор Иттиҳодияҳои адабии пролетарӣ дар асоси пругроми ҷамъияти адабии РАПП амал мекарданд. Чунон ки қайд шуд, РАПП ба сифати роҳнамои ҳамаи ҷамъиятҳои миллӣ интихоб шуда буд. Дар айни замон фаъолият ва афкору мақсад дар дохили ин ҷамъият низ якранг набуда, байни аъзои он тафриқаҳои гурӯҳӣ вуҷуд дошт. Аммо ба таври куллӣ вай ташкилоти пролетарии тундраве буд, ки аз мавқеи ифротии «чапгароёна» ба нависандагон ҳукмравоӣ карданро аз тарбия ва раҳнамоӣ муҳимтар медонист. Агар дар қарорҳо ва дастурҳои расмии ҳизбӣ сухан дар бораи тарбияи нависандагони пролетарӣ (ба арсаи эҷод расонидани адибон аз сафи синфи коргару деҳқон) ва ба мавқеи шӯроӣ кашидани аҳли адаби замони гузашта равад, дар кори амалии РАПП масъала тамоман ранги дигар мегирифт. РАПП-чиён воқеан ба адибони коргару деҳқон муҳаббат ва ғамхорӣ зоҳир мекарданд, онҳоро «азони худӣ» ба шумор меоварданд, вале нисбат ба «удабои гузашта, аз ҷамъияти буржуазӣ баромада» бо нобоварӣ менигаристанд. Дар натиҷа аз ҷониби онҳо шиори «ҳамсафар не, ё ҷонибдори мо шав ё душмани мо» ба миён омад, ки қазияҳои адабиро чапгароёна матраҳ мекард ва имконияти ҳамагуна созиш бо адибони ба ном «ҳамсафар»- ро аз байн мебурд. Барои онҳо эҷодиёт чун як ҷузъи истеҳсолот шинохта мешуд ва дар он адиби зарбдор шахси асосии ҳаракати адабӣ ба шумор меомад.

Дар Тоҷикистон низ ТоҷАПП баробари дар сурати зоҳирӣ ташкил кардани иттиҳоди эҷодии пролетарӣ, аз камбудиҳои болоӣ эмин намонда буд, балки дар бисёр маврид онро аз ҳадду андоза гузаронидааст.

ТоҷАПП, тибқи маълумотҳо, асосан дар пойтахт – Сталинобод амал мекардааст ва чунонки гуфта шуд, ба беморӣи расмиятчигӣ гирифтор буда, хусусияти идорӣ дошт. Афкору ақидаи худро тавассути ҷаласаву қарорҳо ва мақолаҳои танқидӣ эълом медошт. Зоҳиран ҷамъият кӯшиш кардааст, ки шӯъбаҳояш дар дигар манотиқ, колхозу заводҳо, шаҳрҳо (масалан шаҳри Хуҷанд) мавҷуд бошад. Он як андоза фаъолияти тамоми нависандагони тоҷикзабонро дар ҷумҳуриҳои дигар, аз ҷумла Ӯзбакистон, зери назари худ қарор

дода буд. Садорати он Бюрои ташкилотии ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон ном дошт ва ба он Котиби масъули Бюро сарварӣ мекард. Ва ин вазифа ба ӯҳдаи Ғуломризо Ализода гузошта шуда буд.

Ғ. Ализода (1908-1937) аз охири солҳои 20 (тахминан аз соли 1929) дар матбуоти Тоҷикистон, махсусан рӯзномаи «Бедории тоҷик» бо таълифи мақолаҳо ба арсаи фаъолият мебарояд. Гумон меравад, ки вай бо супориши ҳизб ё ташкилотҳои дигари байналмилалии болшевикӣ ба Тоҷикистон фиристода мешавад ва аҷаб нест, ки кадоме аз донишкадаҳои ҳизбиро низ хатм карда бошад (Дар омади сухан бояд гуфт, ки ҳам дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» ва ҳам дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» хеле ва хеле аз ашхосе, ки дар кори ҳаракати адабии мо иштирок доштаанд, аз чи бошад, ки дохил нашуда мондаанд. Имрӯз аз даргоҳи Бойгониҳои давлатӣ ва ҳизбӣ низ дарёфти маълумот дар бораи ин ашхос, балки умуман гирифтани маълумот дар ҳар бахш, мушкил гардидааст, ки ин масъалаҳоро дар сатҳи давлатӣ бояд ҳал намуд).

Аз навиштаҳои Ғ. Ализода маълум аст, ки ба масоили забон ва адабиёт таваҷҷӯҳи бештаре доштааст ва аксари мақолаҳояш шарҳу тавзеҳи масъалаҳоро дар заминаи сиёсӣ ва мафкуравӣ дар бар гирифтаанд. Аз нахустин мақолаҳои ӯ «Лотинонидан - қадами калон ба иҷтимоъ» («Тоҷикистони сурх» аз 3 июли соли 1929) мебошад. Яке аз навиштаҳои машҳураш, ки ба аҳли илму адаб бештар маълум аст, мақолаи «Чароғ пойи худро равшан намекунад» («Тоҷикистони сурх» аз 23 марти соли 1930) аст ва он ба сифати намунаи боризи талқини меросзудоии адабӣ ба такрор мисол оварда мешавад. Ҳамчунин маълум мешавад, ки Ализода то 25 марти соли 1930 мудири бахши оммавии рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» будааст.

Баъди он ки аз аввали апрели соли 1930 (Бойгонии ҳизби Тоҷикистон, ф. 36, оп. 3, д. 18, л. 24) рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» ташкил карда мешавад, ӯро ба сифати котиби масъули рӯзномаи мазкур таъйин мекунанд. Ҳамин чиз ҳам маълум аст, ки вай чанд муддат муҳаррири ин рӯзнома будааст. Ниҳоят, ӯ аз январи соли 1931 то нимаи соли 1932 вазифаи Котиби масъули ТоҷАПП – ро иҷро намуд...

Ғ. Ализода на танҳо мақолаҳои танқидӣ менавишт, инчунин ба таълифи шеър низ машғул буд ва дар шоирӣ ба қавле «Занбӯр» тахаллус доштааст. Шеърҳояш аз ҳар ҷиҳат хеле суст будаанд ва ба намунаи онҳо Пайрав нақизаи ҳаҷвие навиштааст. Ва ҳамин рӯҳияи умумии ҷамъият, сарвар ва садорати он дар бисёр маврид ҳолу аҳволи муҳити адабӣ, вазъияти адабиёт ва нақди адабиро муайян мекарданд.

Бояд гуфт, ки дар замони фаъолияти Ҷамъияти (ассотсиастсияи) пролетарии нависандагон низ ҷомиаи шӯравӣ дар ҳолати ба ном ҳушёрии синфӣ, солимии мафкура, мубориза ба муқобили душманони синфӣ зиндагӣ мекард ва ҷамъияти мазкур низ дар тақозои ҳамин омил ба миён омада буд ва чунон ки гуфта шуд, садорат, бахусус сарвари он Ғ.Ализода ин вазъиятро аз буда муташанниҷтар месохтанд. Ақаллан, як ба номгӯи мақолоти дар он замон таълифшуда нигаред:

«Вазифаҳои болшевикикунонидани саноеъи нафиса» («Тоҷикистони сурх» аз 13 апрели соли 1931); Алӣ Хуш «Мулоҳизаҳои мо дар ҷабҳаи адабиёти пролетарӣ» («Тоҷикистони сурх» аз 28 январи соли 1932); М.Турсунзода «Мубориза дар роҳи истиқболи тиотри прулиторӣ» («Тоҷикистони сурх» аз 30 январи соли 1932); С. Улуғзода, Ғ. Ализода «Бар зидди пантуркизм-панисломизм» («Комсомоли Тоҷикистон» аз 16 ва 18 апрели соли 1932) ва ғ. Аз ҷумла, дар мақолаи мазкури Алӣ Хуш омадааст: «Дар айни замон вазифаи ҷиддӣ ва муҳими мо ин аст, ки дар Тоҷикистон адабиёти синфии прулиториро, ки ӯ вуҷуд дорад, чунон ба роҳ монем, ки ин адабиёти мо ғайр аз иҷро кардани вазифаҳои худ, монанди инъикос шудани зиндагии сохтмони сотсиалистӣ ва тасвир кардани муборизаҳои синфии пролетариат як зарра ҳам берун набошад. Дар ҷабҳаи адабиёти прулитории ҷавони тоҷик иҷро кардани ин мақсад аз муҳимтарин вазифаҳои имрӯзаи мост» (Ҳамон мақола).

Дар ҳамин давра мақолаи маълуми Н. Бектош «С. Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик» («Тоҷикистони сурх аз 3, 5 августи соли 1931) аз чоп баромад, ки боиси мақолаи ҷавобии устод Айнӣ «Эзоҳ» («Тоҷикистони сурх» аз 23 сентябри соли 1931) гардид. Аммо сазовор ба таъкид аст, ки мақолаи Бектош яке аз таълифотҳои мӯътадили илмӣ дар бораи таҳаввули эҷодиёти С. Айнӣ дар он айём аст. Эзоҳи устод бошад, ба фикри инҷониб, пеш аз ҳама, дар ҷавоби рӯҳияи замон, ки зикри камбудии эҷодиро ба сифати нокифоягии мафкуравӣ ва бегонагӣ аз ҷомиа ҳамл мекард, ба вуҷуд омадааст.

Бахусус, қарорҳои Ҷамъият ва гузоришу мақолаҳои шахсии Ғ. Ализода намунаҳои боризи муносибати чапгароёна ба осори адабӣ ва шахси эҷодкор мебошанд. Имрӯз аз сабаби дастрас набудани матбуот (масалан, бастаи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» аз нимаи август то охири соли 1931 зери даст нест) аз намунаи қарорҳо танҳо якеро мутолиа карда метавонем. Он ҳам қарори «Маҷлиси ҷамъияти нависандагони прулитории Тоҷикистон бо иштироки шоирон ва нависандагон» аз 13 моҳи июни соли 1931 мебошад (ниг. «Тоҷикистони сурх» аз 17 июли соли 1931). Муҳтавои асосии қарори мазкурро, чунон ки адабиётшинос С. Табаров менависад, муҳокимаи

ҳикояи М. Турсунзода «Сирри шаб» ва тақризи ба он навиштаи С. Улуғзода ташкил менамуд. Хулосаи қарори мазкур иборат аз он буд, ки ҳардуи ин таълифот (ҳам ҳикоя ва ҳам тақриз) аз ҳама бештар аз нуқтаи назари суст инъикос шудани муборизаи синфӣ норасоиҳо доранд.

Махсус бояд таъкид кард, ки маводҳои аз ҳама бештар ҳангома-талобонае, ки бо усули прокурорӣ (додситонӣ) таълиф шудаанд, низ ба қалами Ғ. Ализода мутааллиқ мебошанд. Яке аз онҳо маърӯзаи вай дар «Анҷумани якуми мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон» (сентябри соли 1931) ва дигаре, мақолаи бузургҳаҷми ӯ таҳти унвони «Мубориза барои фирқагии адабиёт» («Тоҷикистони сурх» аз 26 май то 9 июни соли 1932) мебошад. Ин ҷо мавриди баррасии муфассали ин мақолаҳо нест (Аммо чунин корро дар оянда барои равшан шудани таърихи нақднависии тоҷик ва вазъи инкишофи ҳаракати адабии тоҷик дар солҳои 30 кардан бисёр муҳим аст).

Аммо дар мақолаҳои мазкур таъкид мешуд, ки дар Тоҷикистон баробари сохтмони сотсиалистӣ адабиёти нави пролетарӣ низ пеш рафтааст, шоирону нависандагони наву ҷавон аз байни коргарону деҳқонон расида истодаанд. Аммо муаллиф аз чӣ бошад ба таҳлили ин муваффақиятҳо, аз чӣ иборат будани адабиёту ҳунари ба камол расидаистодаи пролетарӣ ва роҳҳои расидан ба офаридани асарҳои шоистаи бадеӣ таваққуф намекунад. Баръакс, вай хеле ба зудӣ дар хусуси дар соҳаи адабиёт аз байн нарафтани муборизаи синфӣ сухан мекушояд, мисли ин хулосаҳо:

«Аммо дар адабиёти мо зоҳир шудани мафкураи буржуазӣ ҳаст, ки мо ба онҳо мубориза мебарем ва бо роҳбарии фирқа онро ҳам бо ғолибият нессту нобуд мекунем».

Ё ин ки:

«Бо агентҳои душмани синфӣ ва бо либорализми пӯсида дар майдони адабиёт ва дар майдони мафкура боз ҳам муборизаро сахттар карда шавад».

Ва Ғ. Ализода дар ҳамин замина ба дарёфту ошкор кардани камбудиҳо мепардозад, намунаи садоқатмандӣ ба сиёсати ҳизб нишон медиҳад (маълум нест, ки оё ҳизб аз ӯ чунин садоқати ғуломонаро талаб доштааст ё не) ва ба сиёҳ кардани аҳли адаб мегузарад. Дар асл ин мақолаи охирини Ализода баъди як моҳи қарори ҳизб дар бораи азнавсозӣ ба чоп расид. Аз он маълум аст, ки вай моҳияти қарори мазкурро иборат аз поксозии яксараи адабиёт аз ҳамагуна адибоне донистааст, ки ба гузашта алоқае доштанд ва ё дар ҷараёни омӯзишу ҳаваскории эҷодӣ ҳастанд.

Ба ин маънӣ, Ғ. Ализода ба ҷуз аз устод Лоҳутӣ – шоири инқилобии Шарқ, дигар ҳамаро дар роҳи расидан ба марҳалаи нависандаи

пролетарӣ ҳанӯз ба куллӣ омода намеҳисобад. Ҳатто устод Айнӣ аз назари ӯ ба ин савия нарасидааст. Ализода навиштааст: «Рафиқ Айнӣ ҳоло «союзник» -и мост, ки рӯз ба рӯз ба тарафи прулиториот наздик мешавад». Ё ки: «Азизӣ ҳам рӯз ба рӯз ба тарафи мо наздик омада истодааст» ва ғ. Танҳо як – ду нависандаи ҷавон аз танқиди ӯ эмин мондаанд. Дигар ҳама аз дунёи гузашта чизе бо худ доранд ва ё дар забон бо «мо»-анд, вале дар дил аз мавқеи душман ҳарф мезананд: чӣ Бектошу Ҳ. Каримзода ва Ш. Ҳусейнзода, чӣ Пайраву Икромӣ, Фитрату Вадуд Маҳмудӣ, Суҳайлӣ, Сарвару Мунзим ва Зеҳнӣ ҳама аз ҷиҳати мафкура камбудиҳои ҷиддӣ доранд, дар пардаи «метуди символизм» афкори зиддишӯравӣ баён мекунанд, ақидаҳои пантуркистиву панисломистӣ, воронскичигӣ ва опортунизми ростро дар зери ниқоби образҳо ва мақулаҳои илмӣ пинҳонӣ ба хонанда пешниҳод менамояд. Ализода, бахусус, ба Пайрав ва Бектош сахту беасос ҳуҷум мекунад, ки мо дар ин бора дар рисолаи «Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 садаи XX» (2004) мулоҳизаҳои худро муфассал баён кардаем.

Усули ногувори нақди ТоҷАПП ва сарвари он чунин буд, ки на танҳо камбудиҳои сиёсию мафкуравиро ҷустуҷӯ мекард ва онҳоро ба таври худ дурушту ғалат шарҳу тавзеҳ менамуд, зиёда аз он, ба ҳайсияти эҷодиву шахсии аҳли илму адаб даст дароз мекард, онҳоро ба по нишондан мехост ва тавбаву надомати эшонро ба таври расмӣ талаб мекард. Кор ба ҷое расида буд, ки аз расмиятчигии ифротиии Ализода баъзе аз аҳли адаб назди ӯ чун гунаҳгор ба узрпурсӣ, шарҳу тавзеҳ додани камбудиҳо меомаданд (Обид Исматӣ) ва ё иҷборан ба саҳифаҳои матбуот мактубҳои узрхоҳона менавиштанд (Бектош) ва ё дар садади навиштани чунин пӯзишномаҳо буданд (Пайрав)...

Ҳамин тавр, достони пурмоҷарои Ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон давом дошт, то он рӯзе ки он бо эъломи қарор оид ба азнавсозии ташкилоти адабии Тоҷикистон аз байн бурда шуд. Чун аз кору кирдори ин ҷамъият ҳатто ба таври умумӣ огоҳӣ пайдо мекунед, пай бурдан душвор нест, ки он, дарвоқеъ, ба як омили ҷазо, расмиятчигии адабӣ ва буғикунандаи фаъолияти нисбатан озоди эҷодии мавҷуда табдил гашта будааст, ки аз байн рафтанаш ногузир ва ба манфиати кори ҳаракати адабии Тоҷикистон бояд дониста шавад. Ва дар ҳамон замон қарори ҳизб «Дар бораи аз нав ташкил кардани ташкилотҳои адабӣ – бадеӣ» аз 23 апрели соли 1932 қабул карда шуд. Чӣ гуна амалӣ шудани қарори мазкур ва пайомадҳои мусбату манфии он сазовори гуфтугӯи дигар аст.

## Мақолаи савум:
# БЮРО ВА КУМИТАИ ТАШКИЛОТИИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Марҳалаи дигар дар ҳаракати адабии Тоҷикистон дар замони нав ва корҳои расидан ба созмон додани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баъди эъломи қарори ҳизб «Дар бораи аз нав ташкил кардани ташкилотҳои адабӣ – бадеӣ» аз 23 апрели соли 1932 оғоз мегардад.

Оид ба зарурат ва аҳамияту зарари ин қарор ва пайомадҳои он дар арзи зиёда аз 70 сол ҳарфҳои зиёде гуфта шудаанд. Масалан, дар замони шӯравӣ онро аз дастурҳои қисматсоз дар ташаккули адабиёти реализми сотсиалистӣ ба шумор оварда, таърифу тавсиф мекарданд. Аммо дар айёми бозсозии горбачевӣ ва, бахусус, пас аз фурӯпошии давлати шӯравӣ бошад онро чун як омили барҳамзанандаи чандандешии идеявӣ ва ҳунарӣ, дастури ба зери тасарруфи қатъии ҳизби коммунист даровардани қувваҳои адабӣ ёд кардаву мазаммат мекунанд.

Дар ин маврид низ, агар аз ҳадди инсоф берун наравем, пас бояд сухане гуфта бошем, ки ба шароити мушаххаси таърихии ҷамъияти шӯравӣ, аз як ҷониб, ва шароити воқеиву рӯҳияи аҳли адаби тоҷик, хусусан фаъолияти ҷамъияти пролетарии адибони Тоҷикистон, аз тарафи дигар, мувофиқ бошад. Бахусус, ки дар шароити онвақтаи Тоҷикистон ҳеҷ гуна иттиҳодияи адабии ғайрандеш ва мустақил, ки дар баробари ТоҷАПП истода бошад, вуҷуд надошт. Фақат, ба тахмин метавон аз сабкҳои гуногун, масалан баёни намодин (символизм) ва ё ишораҳои рамзиву киноӣ мисолҳо дарёфт кард ва шарҳу тавзеҳи ғайрандешона кард. Аммо дар Русия, дарвоқеъ, вазъият дигар буд ва гӯруҳҳои адабии мухталиф байни ҳам мубориза ҳои эҷодӣ ва мафкуравӣ доштанд ва ҳизб низ баъди зиёда аз 25 сол ба роҳи аз боло, дар шакли маъмурӣ дар як ташкилоти шӯроӣ муттаҳид кардани иттиҳодияҳои эҷодӣ иқдоми ҷиддӣ гузошт.

Ин амал, шояд ба манфаати кори ҳаррӯзаи ҳизб ва мақсадҳои идеявии он буд, аммо барои фаъолияти адабӣ, ки зотан озодиро тақозо дорад, ба ин тарз гузоштани масъала, албатта, монеа эҷод мекард.

Аммо дар Тоҷикистон вазъият як андоза дигар буд. Аз он ҷо ки дар ҳаёти адабии мо аз иттиҳодияҳои адабии дигар нишонае набуд, пас ҳамагуна талошу мубоҳиса ва бархӯрдҳо дар дохили ТоҷАПП сурат мегирифт. Чунон ки аз бахши гузашта маълум гардид, фаъолияти ин ҷамъият хеле дурушту чапгароёна ва ифротӣ буд, ки аз адабиёт танҳо мафкураи бегона ва шиддати мубоеизаи

синфиро ҷустуҷӯ мекард ва ошкоро изҳор медошт, ки «ҳамсафар не, ё ҳамраҳи мо бош ё душмани мо». Ин тарзи муносибат ба сари хеле аз аҳли адаб хавфу хатари ҷиддӣ ба бор оварда буд. Ва дар ҳамин замон ба майдон баромадани қарори ҳизб оид ба аз нав ташкил кардани ташкилотҳои адабӣ шиддати ин низоъҳо ва тундравиҳои чапгароёнаро паст кард, балки сарчашмаи он – ТоҷАПП ва сарвари онро бетараф намуд. Бинобар ин, гуфта метавонем, ки қарори мазкур дар баробари ба якандешии адабӣ мувоҷеҳ сохтани аҳли адаб, дар айни замон онҳоро аз фишору тазйиқҳои шахсиву мафкуравӣ як муддат озод намуд.

Инак, 23 апрели соли 1932 қарори мазкури КМ ВКП(б) эълом гардид. Аммо амали он дар ҷумҳурияҳои собиқ шӯравӣ, аз ҷумла Осиёи Миёна ва Тоҷикистон ба он шакле набудааст, ки баъзеҳо тасаввур мекунанд: гӯё дар баробари эълом шудани қарори мазкур ҳама бо зудӣ аз пайи иҷро ва амалӣ кардани он шуда бошанд. На. Кори амалӣ кардани он хеле ба кундӣ ва мураккабӣ сурат гирифта будааст.

Масалан, пас аз қарори бахши Осиёимиёнагии ҳизб, ки аввали моҳи майи соли 1932 ва қарори ҳизби коммунисти Тоҷикистон танҳо 10 июли соли 1932 қабул шуд, Оргбюрои Иттифоқи нависандагони шӯравии Тоҷикистон танҳо моҳи августи он сол ташкил гардид. Маълум мешавад, ки байни ин ҳама қарору дастурҳо на камтар аз 3-4 моҳ сипарӣ шудааст.

М. Раҷабӣ ақида дорад, ки ҳизби коммунист тақозо доштааст, ки дар байни даҳ рӯз на танҳо Оргбюро ва шарту шароити даъвати анҷуман муайян карда шавад, балки гӯё анҷуман ҳам дар ҳамин муддат бояд баргузор мегардидааст. Ин тавзеҳ, чунон ки мебинед, он қадар боварбахш намебошад ва ҳеҷ мумкин нест, ки ҳизб (ва мунаққид низ) ғайриреалӣ будани муддати тартиб додани реҷаи чорабиниро то даъвату гузаронидани он тамиз дода натавонанд. Ҳол он ки як каси сода ҳам наметавонад бовар кунад, ки чунин як чорабинии муҳимро дар давоми даҳ рӯз (декада) баргузор кардан имкон дошта бошад. Бо чунин тарзи муҳокима ба тавзеҳи масъалаҳои ҷиддӣ набояд сару кор гирифт. Воқеан, агар мо, аҳли илм, нисбат ба касе, ташкилоте, ҳизбе адоват ё ғаразе дошта бошем, агар ҳадди инсофу адолатро риоя карда натавонем, бояд дар ин бобат чизе нанависем... Ҳамин тавр, қарори ҳизб, ба фикри инҷониб, барои тайёрӣ дидан ва мувофиқи мақсад гузаштани анҷуман масъала гузошта буд, на гӯё танҳо барои мақсадҳои худро зудтар амалӣ кардан дар ин кор осемасариро пеш гирифта бошад.

Зиёда аз он, дар қарори мазкур як силсила чорабиниҳое пешбинӣ шудаанд, ки табиатан вақти зиёдро талаб мекарданд (созмон додани

ташкилотҳои маҳаллии Иттифоқи нависандагон, табдили мақсад ва ташкили маҷаллаи адабӣ дар заминаи маҷаллаи «Раҳбари дониш», нашри осори нависандагон, тарғибу ташвиқи адабиёти нав, ривоҷ бахшидан ба нақди адабӣ ва ғ.).

Аслан дар қарори мазкур сареҳан омадааст, ки: «Ба Бюрои ташкилотӣ таклиф карда мешавад, ки барои анҷумани ҷумҳуриятии нависандагони Тоҷикистонро даъват намудан корҳои тайёриро васеъ намояд (таъкид аз мост – А. Н.).

Ба шуъбаи мадании комитети фирқаи марказии К(б) Тоҷикистон супорида шавад, ки бо ҳамроҳии Бюрои ташкилотӣ дар муддати даҳ рӯз (декада) вақти даъват намудани анҷуман, ҳам рӯзномаи онро кор карда баромада, барои тасдиқ ба кумитаи фирқаи марказии К(б) Тоҷикистон диҳад» (БАС, 1932, № 1, с.3; Бойгонии ҳизбии Тоҷикистон, ф. 3, оп. 5, д. 520, лл. 49-50).

Бюрои ташкилотӣ иборат аз шахсони зерин таркиб ёфта буд: Лоҳутӣ, Айнӣ, Расулӣ, Улуғзода, Тӯрақулов, Дайламӣ, Ҳасанӣ, Рустамова, Азизӣ, Бурҳонов, Юртаев.

Ҳамин тавр, дар ваҳлаи аввал ҳолу ҳавои адабӣ ва фарҳангие ба вуҷуд овардан лозим буд, ки аҳли адаб ва ҷомиа ба он хӯ гиранд ва ташкили Иттифоқи нависандагон чун як ҳодисаи табиии дохилиадабӣ сомон дода шавад.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи кӣ будани сарвари Бюрои ташкилотӣ низ мавриди баҳс аст. М. Раҷабӣ гӯё маълум кардааст, ки «аз соли 1932 ба тахмин то аввали нимаи соли 1933 Ғ. Ализода сарвари Бюрои ташкилотӣ буд. Ва ӯ ин дақиқкориашро бо мақолаи Ғ. Ализода «Мубориза барои фирқагии адабиёт», ки Котиби масъули Бюрои ташкилотии нависандагони пролетарии Тоҷикистон имзо гузошта буд, асоснок мекунад. Ба фикри инҷониб, ин тахмини муҳаққиқ шубҳанок аст. Аввалан, дар қарори соли 1932 бо сароҳат навишта шудааст, ки «Бюрои ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон», аммо Ғ. Ализода худро ба сифати Котиби масъули ТоҷАПП муаррифӣ кардааст. Аз ин ҷо ӯ сарвари Бюрои ташкилотӣ буда наметавонист. Шояд М. Раҷабиро баъди қарори охирини ҳизб навишта шудани мақолаи мазкури Ғ. Ализода ба ин тариқ хулоса баровардан во дошта бошад. Аммо, як чизро набояд фаромӯш кунем, ки ТоҷАПП баъди қарори ҳизби коммунисти Тоҷикистон, яъне баъд аз 10 июли соли 1932 барҳам дода мешавад. Шояд то ин вақт ҷамъияти нависандагони пролетарӣ бо сарвараш кору фаъолият доштанд, ки ин ба Бюрои ташкилотии Иттифоқи нависандагон ҳеҷ рабте надорад ва касе ин ду ташкилоти адабиро меросбари якдигар ба шумор наовардааст, балки онҳо якдигарро инкор мекунанд. Яке аз нуктаҳои асосии қарори азнавсозӣ иборат аз барҳам задани ТоҷАПП

буд ва вазифаҳои муҳими Бюро ва Кумитаи ташкилотӣ бошад, ислоҳи хатоиҳои аз ҷониби ҷамъияти мазкур, хоса сарвари он нисбат ба адибони алоҳида, бахусус «ҳамсафарон» содиршуда ва умуман солим кардани самти инкишофи ҳаракати адабии Тоҷикистон ва рӯҳияи умумии муҳити адабӣ буд.

Банда бар ин ақидаам, ки сарвари Бюрои ташкилотиро аз байни аъзои он ҷустан мантиқӣ хоҳад буд. Ҷустан мегӯям, барои он ки бо ягон қароре сарвари Бюро таъйин ва эълон карда нашудааст. Зиёда аз он, бисёр чорабиниҳо аз номи Бюрои ташкилотӣ ё Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроӣ (ниг.: БАС, 1933, № 1-2, с. 5-6) эълом дошта мешуд.

Аммо дар натиҷаи ҷустуҷӯҳо дар саҳифаҳои матбуот маълум шуд, ки давраи аввал ин вазифаро, яъне сарварии Бюро ва шояд баъд Кумитаи ташкилотиро Маъруф Расулӣ ва котиби масъулии онро Рашид Абдулло ба ӯҳда доштаанд. Масалан, дар эълони озмун барои асарҳои бахшида ба Вахшстрой бо номи «Вахшстрой ва адабиёти бадеӣ» (БАС, 1933, № 1-2), ки ҳайати бонуфузи комисиюн дошт, чунин имзо гузошта шудааст:

«Раиси кумитаи ташкилотии ИНШТ Расулӣ
Котиби масъул Р. Абдулло».

Аз ин далел маълум мешавад, ки Кумитаи ташкилотӣ ҳеҷ гоҳ аввал «Котиби масъул» ва баъд «Раис» надошта, балки аз аввал садорати онро Раиси кумита роҳбарӣ мекарда ва «Котиби масъул» вазифаи дигари иҷроия дар сохтори садорати ин ташкилот будааст. Ба ин маънӣ низ метавон гуфт, ки Ғ. Ализода ба Кумитаи ташкилӣ алоқадор буда наметавонист.

Далелҳо собит мекунанд, ки Бюрои ташкилотӣ тақрибан ё охири соли 1932 ё аввали (январи) соли 1933 ба Кумитаи ташкилотӣ табдил шудааст. Ва гоҳе шудааст, ки ин ду унвон дар мақолаву ҷаласаҳо баробар ба истифода рафтааст (масалан ниг.: «Қарори маҷлиси нависандагони шӯроии шаҳри Сталинобод» аз 13 ноябри соли 1932 // БАС, 1932, № 3-4, с. 44-45). С. Улуғзода низ дар гузорише, ки дар ҷаласаи мазкур дода буд, аз Бюрои ташкилотӣ ва шахси Расулӣ ном бурдааст ва ҳам аз Кумитаи ташкилотӣ.

Инчунин, гуфтан мумкин нест, ки маҳз дар замони интихоби Носиров Бюро ба Кумита табдил дода шудааст. Инро эълони дар боло омада низ собит менамояд. Аммо маълум мешавад, ки аз нимаи аввали соли 1933 (тахминан баъди пленуми якуми Кумитаи ташкилӣ, ки аз 24 то 29 феврали соли 1933 баргузор гардид) сар карда Носиров Раиси Кумитаи ташкилотӣ ва Содиқов котиби масъули он интихоб шудаанд. Маҳз баъди ин пленуми Кумита С. Носиров ба сифати Раиси Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони

Тоҷикистон бо номи «Дар арафаи анҷумани Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон» (БАС, 1933, № 5-6) баромад мекунад. Носиров ва Содиқов то баргузор шудани анҷуман ва интихоботи баъди он шуда вазифаҳои мазкурро ба ҷо овардаанд. Ҳаминро ҳам қайд кардан лозим аст, ки масъалаҳои Кумита бештар дар пленуми садорат ва ҷаласаҳои ташкилотҳои поёнии он гузошта ва ҳал карда мешуданд.

Пас биёем ба сари пурсише, ки Бюро ва Кумитаи ташкилотӣ кадом вазифаҳоро ба ӯҳда доштанд ва онҳоро то чӣ дараҷа ба ҷо овардаанд. Чунин ақидае ҳаст, ки Бюро ва Кумита асосан «кӯшиданд, ки афкори назариву эстетикиро дар қолаби пиндорҳои болшевикӣ оид ба адабиёт комилан ворид созанд ва бинобар андаке дигарандеширо бераҳмона саркӯб кардаанд. Бюрову Кумита барои ҳар чи зудтар, ифротгароёна сиёсиву иҷтимоӣ гардонидани афкори адабӣ саҳм гирифтанд...» (М. Раҷабӣ). Ва гӯё инчунин фаъолиятро доираҳои сиёсӣ тайёрӣ ба анҷуман ба шумор меовардаанд. Хулосаҳои муҳаққиқ бисёр ҷиддӣ ва сиёҳкунанда мебошанд. Вале аз чӣ сабаб бошад, ки барои тасдиқ далел надоранд. Дар воқеъ, мақсади ҳизб иборат аз тавассути Бюро ва Кумита ба зери як ташкилоти адабии сиёсӣ муттаҳид кардани аҳли адаб буд. Вале оё ин кор бо ин сахтӣ ва ифротгароёна анҷомидааст? Оё ба ҷуз аз масъалаҳои сиёсӣ мақсади дигаре дар назди Кумита намеистод? Ва ё ҳизб оё бо он ғаразу қудрате, ки дошт, бо як фармон ҳамаи ин корҳои ташкилотии ду-сесоларо хотима бахшида, ба мақсад расида наметавонист?

Барои ҷавоб ёфтан ба ин пурсишҳо беҳтараш ба маълумотҳои дар матбуот дарҷшуда муроҷиат намоем, ки ҷараёни воқеии тайёриро барои созмон додани анҷуман ба қадри имкон инъикос кардаанд. Масалан, баъди он ҳама чорабиниҳои ташкилӣ ба муносибати яксолагии қарори ҳизб «Муроҷиатномаи Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон ба ҳамаи нависандагони шӯроӣ» дар маҷаллаи адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (БАС, 1933, № 1-2) чоп мешавад, ки дар он аз корҳои анҷомёфта ва вазифаҳои ояндаи Кумитаи ташкилотӣ сухан ба миён оварда шудааст. Аз ҷумла, дар он ҳуҷҷат омадааст:

**Дар назди Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроӣ, ки ба қарибӣ таъсис ёфтааст, дар бораи роҳбарӣ кардан ба ҳаракати адабии ҷумҳурият, тарбия кардани нависандагони ҷавон, ёрӣ расонидан барои инкишофи қобилияти эҷодии онон, то дараҷаи талабҳои даврамон ривоҷ додани танқиди адабӣ, ба воситаи пурзӯри ёрмандӣ ба тараққии эҷодии ҳамаи нависандагон табдил додани он ва ниҳоят дар хусуси тайёрӣ**

**дидан ба якумин анҷумани таърихии нависандагони шӯроии Тоҷикистон вазифаҳои калони масъулиятнок истодааст.**

Ва маълум мешавад, ки барои расидан ба ин мақсадҳои сиёсиву эҷодӣ Кумита вазифаҳои мушаххасеро пешниҳод мекунад, ки аз ҳар гуна тазйиқу фишор озод буда, барои ба ҳам омадани адибон мусоидат мекунад. Чунончи:

«— Монда нашуда нависанда асарҳои нафис ва олии ба даврамон лоиқ эҷод кунад;

— донишҳои назариявии марксистӣ – ленинии худро аз ҳар ҷиҳат такмил намуда, тамоми тарафҳои ба мо қиматноки мероси адабии кӯҳнаро аз худ намуда, барои қафо намондан аз он талабҳое, ки давраи ҳозираи тараққиёти сотсиалистӣ ба пеши онҳо мегузорад, саъй ва кӯшиш кунад;

— ба дурустӣ дар образҳои олии бадеӣ ва нафис нишон додани ҳақиқати мавҷудаи моро бо тамоми чуқурӣ, бо тамоми тарафҳои мусбат ва манфии он аз рӯйи манфиатҳои фирқа ва синфи коргар биомӯзад ;

— дар атрофи журноли «Барои адабиёти сотсиалистӣ», ки дар ҷумҳурияти мо ягона журнали адабӣ буда, бо қарори Кумитаи марказии ФК(б) Тоҷикистон таъсис ёфтааст ва дар иҷро кардани вазифаҳои таърихии ҳаракати адабии мо рули бузургеро бозӣ мекунад, муташаккил шавад» (БАС, 1933, № 1-2).

Аз ин пешниҳодҳо бар меояд, ки мақсади чорабиниҳои ташкилӣ танҳо иборат аз тарбияи сиёсии адибон набуда, он баста, балки ҷудонашаванда бо ҳалли масоили эҷодӣ ва баланд бурдани сифати корҳои адабӣ низ будааст.

Дар марҳалаи тайёрӣ хеле аз корҳои ташкилии эҷодӣ низ ба амал бароварда шуд. Нависандагоне, ки дар мавқеи шӯроӣ буданд, асоси Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистонро ташкил медоданд, насли калонсол, ки омодаи хизмат кардан ба адабиёти пролетарӣ буданд, ба узвияти Иттифоқи нависандагон ворид гаштанд; ҷавонон, хусусан ба ном «насли комсомол»-и адибон, ки гӯё аз байни коргарону деҳқонон баромада буданд ва ифтихори ҳизб ба шумор меомаданд, ба сафи нависандагон бо ғайрати ҷавонӣ ворид шуданд. Аҳли қалам дар маҳалҳо ба ташкили шӯъбаҳои Иттифоқи нависандагони шӯроӣ пардохтанд, шоиру нависандагон ба деҳот, ба истеҳсолот сафарҳои эҷодӣ анҷом доданд ва ба ин васила гӯё асарҳои нав низ ба миён омад. Нахустин маҷаллаи сирф адабӣ бо номи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» аз моҳи августи соли 1932 ба нашр сар кард ва сифати нашру маводҳояш бад набуд.

Аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ озмуни асарҳои драмавӣ эълон шуд, ки дар он аксар драмнависони ҷавон иштирок доштанд ва

рафиқон Ғанӣ Абдулло, Мирзо Турсунзода, Ҳаким Каримзода ва дигарон ғолиб омаданд. Ҳамчунин сабқати эҷодӣ дар мавзӯи инъикоси сохтмони Вахш дар адабиёти бадеӣ эълом гардид. Дар чи шакле бошад, кори адабӣ як андоза ба ҷунбиш даромад ва аҳли адаб аз калтаки ҷазои АПП, ки доимо болои сарашон бардошта буд, то дараҷае озод шуданд.

Аммо ҷараёни корҳои ташкилӣ ва тайёрӣ ба анҷуман аз хатову каҷравиҳо холӣ набудааст. Дар нимаи аввали соли 1933 дар муҳити адабиву сиёсӣ як чорабинии пурсарусадои «фошу маҳкум кардан»-и душманони синфӣ, миллатчиёни олимақом ва миллатгароёни маҳаллии буржуазӣ оғоз гардид, ки охирӣ ба номи фош кардану ҷазо додани миллатчиёни маҳаллӣ Комилӣ ва Бектош машҳур гардид ва решаҳои он ба Нусратулло Махсум, А. Ҳоҷибоев ва А. Муҳиддинов марбут дониста мешуд.

Дар натиҷа на танҳо ин ду олиму ноқид ва кормандони собиқадори илму маориф ва фарҳангу адабиёт маҳкум гардида, аз вазифа ва узвияти ҳизб озод ва ҳатто ба маҳкама кашида шуданд, балки хеле аз адибони ҷавону калонсол мисли Б. Азизӣ ва М. Турсунзода ҷазо диданд – яке аз сафи нависандагон берун ронда шуд ва дигаре аз узвияти комсомол барканор гардид. С. Улуғзода низ бо таваҷҷӯҳ ба Бектош муттаҳам карда шуд. Банда дар ин бора дар рисолаи «Нарзуллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 тоҷики садаи ХХ» (2004) маълумоти муфассалтаре додаам.

Дар ҳамин замон адибон «Сарвар, Суҳайлӣ, Муинзода ва Қозиҷонуфҳо» аз он сабаб, ки «дар платформаи шӯроӣ будани худро натавонистанд дар таҷриба нишон диҳанд», бо қарори Президиуми КТ нависандагони шӯроии Тоҷикистон «аз аъзогии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон бароварда» шуданд (БАС, 1933, № 7, с. 39).

Баъд аз фош карда шудани Комилӣ, Бектош ва дастнигарону ҷонибдорони онҳо дар Кумитаи ташкилотӣ рӯҳияи чапгароӣ рӯ ба афзоиш ниҳод. Агар роҳбарони собиқи ТоҷАПП масъаларо ба таври қатъӣ: «ё ҳамсафар ё душмани мо» гуфта ба миён гузошта бошанд, пас масъалаи иртиботи наву кӯҳна дар муҳити адабӣ дар баромади Котиби масъули Кумитаи ташкилотӣ Содиқов тамоман ранги дигар гирифт. Рафиқ Содиқов, ки дар амалиёташ унсурҳои чапӣ гаҳ-гоҳ зоҳир шуда меистод, ниҳоят мақолае навишт бо номи «Муборизаи синфиро дар майдони адабиёт қатъитар бинамоем» («Тоҷикистони сурх» аз 20 октябри соли 1933) ва дар бораи чун синф нест кардани нависандагон ба ин оҳанг ҳукм кард: «Қарори кумитаи марказӣ аз 23 апрел дар муддати якуним сол имконият дод, ки аз як тараф, мо нависандагони коргарӣ ва колхозчӣ ба ҳам расонем ва аз тарафи

дигар, муборизаи синфиро дар майдони адабиёт боқувват намуда, дар натиҷаи он муборизаи қатъӣ нависандаҳои буржуазии миллӣ – кулакон, боқимондаҳои давраи феодалии Осиёи Миёна ва дигар ҷойҳои Иттифоқи шӯроҳоро монанди синф аз даруни нависандагони пролетарӣ ва ҳамсафарони он берун кунем».

Ва табиист, ки чунин тундравии чапгароёна ва тавзеҳи нодурусти қазияи мавқеи нависанда дар ҷомиа байни аҳли адаб ва доираҳои расмӣ баъди чанде мавриди интиқод қарор гирифт ва пеши роҳаш гирифта шуд.

Зоҳиран марҳалаи муҳим ва солими тайёрӣ ба созмон додани анҷумани якум, тибқи маълумотҳо, пас аз ба роҳбари аввали ҳизб таъин шудани Г. И. Бройдо ва пас аз анҷумани II ҳизби коммунисти Тоҷикистон, ки моҳи феврали соли 1934 баргузор гардид, оғоз мешавад. (Ғ. Абдулло. Дар бораи чанд этапҳои ҳаракати адаби мо // Тоҷикистони сурх аз 6 майи соли 1934). Мо лозим донистем, ки ба хотири муҳиму муассир будани чорабиниҳои дар арафаи анҷуман амалӣ шуда, мазмун ва моҳияти онҳоро дар бахши алоҳида мавриди баррасӣ қарор диҳем.

## Мақолаи чорум: ДАР АРАФАИ АНҶУМАН

Ҳамчунон ки дар мавриди Бюро ва Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон гуфта шуд, ҷараёни тайёрӣ ба анҷумани нависандагон қариб ду сол идома ёфт (агар қарори ҳизби коммунисти Тоҷикистонро, ки танҳо 10 июли соли 1932 дар ин мавзӯъ қабул гардид, ба ҳисоб гирем), вале руҳияи умумии омодагӣ аз рӯзи қабули қарори ҳизби умумииттифоқ оғоз гардида буд. Аммо ин тайёрӣ дар арафаи анҷуман боз ҳам суръат гирифт, ки бастаи чандин хусусият буда метавонист.

Вобаста ба ҳусни таваҷҷӯҳе, ки ба тариқи расмӣ изҳор мегардид, чорабиниҳои вобаста ба корҳои ташкилӣ ва эҷодию адабӣ моҳиятан ғанӣ шуда, суръати нав гирифтанд.

Пеш аз ҳама, бригадаҳои махсуси нависандагон ба ноҳияҳо сафарбар карда шуданд, дар айни замон бахшҳои иттиҳодияи нависандагон, ки дар маҳалҳои гуногуни Тоҷикистон ва манотиқи тоҷикнишин ташкил шуда буд, ҷоннок гардонида шуд. Хусусан, Бройдо дар Самарқанд ҳангоми сӯҳбат бо устод Айнӣ масъалаи ба зудӣ даъват кардани иҷтимоъи нависандагонро ба миён гузошт.

Дар саҳифаҳои рӯзномаҷот («Тоҷикистони сурх», «Ҷавонони Тоҷикистон» ва ғ.) «Саҳифаҳои адабӣ»-и доимӣ ва дар нашрияи адабии «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чопи мақолаву осори нависандагон ба муносибати даъвати анҷуман шакли мунтазамро мегирад, ки ба ин васила ҳам қувваҳои адабӣ садо баланд мекунанд ва ҳам як навъ «симои» умумии адабиёти тоҷикӣ рӯшантар намудор шуда меистад. Аз ҷумла, ба муносибати анҷуман дар таҳрири умумии Носиров ва Содиқов як маҷмӯа аз навиштаҳои нависадагони тоҷик бо номи «Тӯҳфа: алманах» (1934, адади нашр 3000, дар ҳаҷми 246 саҳифа) ба табъ расид, ки фарогири асарҳои 40 муаллиф буд.

Дар ҳамон вақт (7 марти соли 1934) пленуми Кумитаи ташкилоти Иттифоқи нависандагони шӯроии СССР баргузор гардида, то андоза вазифаҳои пеш аз анҷумани якумро муайян намуд. Дар ин ҷаласа низ боз аз шиддат ёфтани муборизаи синфӣ чи дар ҷомиа ва чи дар адабиёт масъала гузошта шуда буд. Дар айни замон масъалаи диққати алоҳида додан ба адабиётҳои миллӣ ва мавқеи онҳо дар иттиҳоди адабиёти дигар халқҳо махсус таъкид карда мешавад. Пленуми мазкур Низомномаи муваққатии Иттифоқи нависандагонро низ тасдиқ кард, ки бояд як навъ ойинномаи анҷуманҳои дар пеш истодаи ҷумҳуриҳои миллӣ гардида бошад. Аз ҷониби нависандагони Тоҷикистон дар пленуми мазкур Абулқосим Лоҳутӣ баромад карда буд («Тоҷикистони сурх» аз 29 марти соли 1934).

Як нукта, ки дар пленуми мазкур таъкид шудааст, хеле муҳим ба назар мерасад. Гуфта мешавад, ки: «Сифати баланди эҷодиёти бадеӣ – шиори сиёсии мо дар адабиёт мебошад. Бигзор китобҳо 5-10 маротиба кам бошад, вале бояд ҳар як китоб як ҳодисаи мадании бузург бошанд...». Воқеан, ин нияти хуб аст, вале амалияи роҳбарӣ ба кори адабӣ ва усули ҳукмравоӣ, ки сабаби маҳдудияти эҷодӣ мегардид, аксаран дар роҳи «сифати баланд» монеа меомад.

Ҳар чи бошад, кӯшиши асари асили бадеӣ ва сифатан баланд офаридан ҳеҷ гоҳ аз назар дур намондааст ва ҳар чизи хубе, ки адабиёти шӯравӣ дорад, дар роҳи иҷрои ҳамин ният ба майдон омадааст. Бесабаб нест, ки дар ҳамон вақт, яъне ба муносибати анҷумани якум ва дар арафаи он, мақолаи Обид Исматӣ таҳти унвони «Мубориза барои сифат дар адабиёт» («Тоҷикистони сурх» аз 23 апрели соли 1934) ба табъ расид, ки муаллифаш аз дастовардҳо камтар сухан ба миён оварда, бештар аз камбудиҳои сифатӣ, техникаи шеър, забон ва вазн, умуман шакли адабӣ дар адабиёти тоҷик, ки ислоҳашон ба манфиати адабиёт ва адибон буд, мулоҳизаҳои ҷолиб баён кардааст. Муаллиф дар ин маврид масъалаи ҷоннок кардани танқид, нақди холисонаву беғараз ва таҳам-

мули фикри интиқодиро аз воситаҳои муҳими ислоҳи камбудиҳо ба шумор овардааст.

Дар иртибот ба масоили сифати адабиёти бадеӣ, ки аз афташ, бояд яке аз масъалаҳои муҳими анҷуман ва вазифаҳои баъдии он дар кори эҷодӣ ба шумор меомад, чорабиниҳои дигар низ андешида шуд. Масалан, дар арафаи анҷуман (охири моҳи апрел) як даста аз аъзои Кумитаи умумииттифоқии ташкилотии нависандагони шӯроӣ ба Душанбе (он ҳангом Сталинобод) меоянд. Ин ҳайат иборат буд аз А. Лоҳутӣ, Бруно Ясенский (роҳбари даста), Виктор Шкловский, Борис Лапин, Захар Хатсревин, Павел Василев, Михаил Зинкевич ва нависандаи франсавӣ Пол Низан.

Зоҳиран, дастаи мазкур тибқи изҳороти Б. Ясенский дар маҷлиси якҷояи даста ва адибони тоҷик, ки 22 апрел баргузор гардид, барои «дар бобати аз нав сохтани кори Кумитаи ташкилотии маҳаллӣ, дар бобати тайёрӣ ба анҷумани нависандагони Тоҷикистон ва дар бобати бо қувват тайёр кардани ташкилотҳои адабии Тоҷикистон ба анҷумани умумииттифоқии нависандагон» ёрӣ расонидан омада будааст («Тоҷикистони сурх» аз 28 апрели соли 1934). Вале чизи муҳим дар сафари ин ҳайат ҳамоно хондани маърӯзаҳои назарӣ оид ба адабиёт ва кори эҷодӣ, ибрози андеша аз таҷрибаи амалии худ, шиносоӣ бо вазъи корҳои тайёрии Кумитаи ташкилотӣ ба анҷуман ва ошно шудан ба фаъолияти адабии нависандагони тоҷик дар иртибот ба ин маъракаи муҳим, яъне савия ва сифат, дараҷаи касбиву ташкилии аҳли адаб будааст.

Бинобар ин аъзои даста гузаронидани семинарҳо, кӯмак барои баланд бардоштани сифати адабиёти ҷавони тоҷик ва ба нависандагон барои азбар кардани устодии (ҳунари - А.Н.) адабӣ ёрӣ расониданро вазифаи муҳими худ ба шумор меоварад. Ҳамчунин масъалаи бо иштироки нависандагон аз ду ҷониб – аъзои бригада ва адибони тоҷик таълиф кардани асари илмӣ- бадеӣ оид ба Тоҷикистон, ба чоп омода кардани маҷмӯаи осори беҳтарин адибони маҳаллӣ ба забони русӣ аз вазифаҳои асосӣ будааст.

Даста бо муваффақият ва камбудиҳои адабиёти тоҷик, корҳои эҷодии нависандагони алоҳида ба таври мушаххас шинос шуда, оид ба асарҳои адибони ҷавон Раҳимӣ, Ҷабборов, Абдуллоев, Дилмуродов, Рабиӣ, Давлатшоҳ, Қозиҷонов, Исматӣ, Маҳмудова, Икромӣ, Нурмуҳаммадов, Бурҳонов фикру мулоҳизаҳои ҷолиб баён мекунад.

Андак пештар, 20 апрел, узви дастаи мазкур, нависанда, баъдҳо низариётчии поэтикаи наср ва яке аз муаллифони киномаи «Дохунда» Виктор Шкловский дар хонаи «Аскарони сурх» дар мавзӯи «Кино ва адабиёт» маърӯза мехонад. Вай оид ба ҳунари таҳияи кино

ва навиштани кинонома, ҳамкории нависанда бо ҳунари кинооафарӣ маслиҳатҳо дода, ба суолҳои иштирокчиён ҷавоб мегардонад. Чунон ки мебинем, дар ин маврид низ як масъалаи муҳими адабию ҳунарӣ ба миён гузошта шудааст, ки барои ҳунари тоҷикӣ ҳодисаи навоғоз башумор мерафт.

Воқеан, дастаи адибони Маскав, ба қадри имкон кӯшиш кардаанд, ки дар сӯҳбатҳо аҳли адаб ва шунавандагони худро мутаваҷҷеҳи омӯхтани ҳунари нигорандагӣ ва афзудани сифати асари бадеӣ сохта бошанд. Чорабинии дигари дастаи адибон, ки 23 апрел амалӣ гардид, «Шаби муаллифи ҷавон» ном дошт ва пеш аз ҳама масъалаи такмилу боло бурдани ҳунари адабӣ дар он матраҳ гардид.

Ин чорабинӣ низ бо ташаббуси Кумитаи ташкилотӣ баргузор мешавад ва онро Саид Носиров – Комиссари маориф ва садри Кумитаи ташкилотӣ бо маърӯза оғоз мебахшад. В. Шкловский дар бораи кор бо нависандаи навқалам бо номи «Гуфтугӯ бо нависандаи ҷавон» маърӯзаи муфассал мекунад. Ғ. Абдулло бошад аз намоишномаи «Вахш» порае мутолиа кардааст. Бруно Ясенский аз мӯҳтавои асар ва ҷасорати нависандаи ҷавон қаноатманд, вале ислоҳи камбудиҳои ҳунарии ӯро, ки иборат аз тасвири схематикии иштирокдорони асар, сергапӣ дар монологу диалогҳо ва нақлу публитсистикаи хушк буда, ба мукаммал нишон додани симои инсон халал расонидаанд, ҷиддан талаб мекунад.

Агарчи Хидиров ҷавононро ба фош кардани душмани синфӣ даъват намудааст ва Б. Ясенский таваҷҷӯҳи эшонро ба мавзӯъҳои нав қадр кардааст, вале боз ҳам масъалаи маҳорати нависандагӣ сарфи назар намешавад.

Ин тарзи гузоштани масъала, баррасӣ ва нақди осори адибон дар Тоҷикистони он рӯз бисёр муҳим буд. Зеро чунон ки аз таҷрибаи ТоҷАПП дидем ва дар замони Кумитаи ташкилотӣ низ сахт мутаваҷҷеҳ шудан ба масъалаи мафкура гоҳо имкон намедод, ки аҳли нақд ба мушкилаҳои ҳунарӣ диққати даркорӣ диҳанд. Зиёда аз он, нақде ки дар заминаи табиати хоси асари адабӣ навишта мешуд (осори Бектош ва С. Улуғзода) аксар нодуруст тавзеҳ карда мешуд ё ба танқид рӯ ба рӯ меомад. Ҳатто 30- солагии фаъолияти А. Лоҳутӣ барин як шоири инқилобии соҳибҳунар бештар дар зери шиори мубориза бо миллатчиёни буржуазии миллӣ ва аҳамияти мафкуравии эҷодиёти вай гузашт ва ба равшан кардани сирру асрор ва ҳунари чӣ тавр осори баландсанъати замонавӣ навишта тавонистани ӯ камтар диққат ҷалб гардид.

Бинобар ин, корҳое ки дастаи Маскав дар арафаи анҷуман оид ба ҷабҳаи ҳунарии кори адибони тоҷик мекард, аҳамияти бузургеро молик буд. Масалан, 25 апрел ҳамин гуна як чорабинии хуб - «Маҷ-

лиси машваратии шоиронаи шоирони тоҷик» баргузор шуд, ки боз ҳам рӯҳияи умумии онро масъалаи ҳунари нависандагӣ муайян мекард ва коргардони он ҳамон дастаи адибони маскавӣ буданд.

Устод Лоҳутӣ ба ҷаласаи мазкур сарварӣ кард ва оид ба аҳамияти корҳоеро, ки дастаи нависандагон оид ба «боло бардоштани ихтисоси адабии кадрҳои нависандагони маҳаллӣ» ба ҷо овард, махсус таъкид намуд.

Ҳаминро низ бояд эътироф кард, ки адабиёти нави тоҷикӣ дар 15-16 соли мавҷудияташ ҳеҷ гоҳ бо ин ҷиддият мавриди таҳлили мушаххас қарор нагирифта буд ва аҳли адаби он дар атрофи кори ҳунарӣ гуфтугӯи фоидабахш накарда буданд. Масалан, дар ҷаласаи мазкур:

Михаил Зинкевич камбудии асосии шеъри тоҷикро дар: а) номушаххасӣ, б) баёниячигӣ ва бештар публитсистӣ будан ва в) дар он ҳал нашудани масъалаи азнавсозии иҷтимоии инсони зинда дидааст, ки ҳама ҷолибанд ва то охир ҷолиб монданд. Инчунин вай, барҳақ,як омили муҳими баланд шудани сифати шеъри тоҷикро дар истифода аз мероси ғании адабиёти классикӣ медонад, ки як намунаи барҷастааш эҷодиёти Лоҳутӣ мебошад.

В. Шкловский аз таҷрибаи А. Блок дар истифодаи шакли кӯҳна ва оҳангу забони халқ дар ифодаи мазмуни нав истинод мекунад ва зарурати омӯхтани классикҳои форс ва шоирони навпардози русро ба миён мегузорад.

Шоир Павел Василев «ниҳоятдараҷа умумӣ будан» ва «суст ифода шудани хусусияти миллӣ»-ро аз камбудиҳои шеъри тоҷикӣ ҳисобидааст. Вай дуруст мегӯяд, ки тасвири деҳқони тоҷик дар ашъори шоирони мо аз деҳқони дигар миллатҳо тафовут надорад ва мураккабиҳои тағйири иҷтимоиву равонии ӯ дар ҷараёни гузариш ба зиндагии нав мавриди тасвир нест. Ва ниҳоят: «бояд ба назм ва ашъори Тоҷикистон либоси миллии тоҷикӣ пӯшонд» - дуруст хулоса мекунад вай.

Б. Ясенский ба Василев гӯё ҷавоб дода, таъкид мекунад, ки аз амали саргарм шудан ба хусусиятҳои зоҳирии миллӣ ҳазар кунанд, беҳтараш хазинаи эҷодиёти халқро омӯзанд. Ясенский ба як камбудии ҷиддии шоирони тоҷик – беэътиноӣ ба лирика диққат ҷалб намуда, бепоя будани чунин амалро дуруст шарҳ додааст. Вай мегӯяд, ки лирикаро «... бисёр шоирҳо боқимондаи индивидуализми буржуазӣ гуфта ҳисоб мекунанд. Ҳиссиёти шахсӣ, ишқ, марг, дӯстӣ мавзӯъҳои ба адабиёти сотсиалистӣ лаёқат надоштагӣ ҳисоб карда мешаванд. Дар ин хусус рафиқ Лоҳутӣ мустасно аст. Вай тавонистааст намунаҳои лирикаи навро офарад».

Аммо худи Лоҳутӣ бошад, дар анҷоми ҷаласа ба таъкид дар бораи «зарурати қувват бахшидани омӯзиши эҷодӣ ва дар масъалаи мероси классикӣ» муфассал таваққуф карда, аз шоирони классики форсу тоҷик ва худаш мисолҳои ибратбахш намуна нишон додааст.

Ҳамин тавр, аҳли адаби тоҷик бо тайёрии ҷиддӣ ба анҷумани якуми худ наздик мешуд ва дар ин роҳ, чунон ки дар он замон хос буд ва баъзеҳо инро чун ҳодисаи манфӣ аз буда зиёд мегӯянду мазаммат мекунанд, ҳизби коммунист ва сарвари он дар Тоҷикистон Г. И. Бройдо раҳнамоӣ менамуд.

Ин ҷо мавриди он аст, ки тасаввури нодурусти М. Раҷабиро дар бораи аз охири соли 1933 то охири соли 1934 бесарвар будани ҳизби коммунист рад намоем. Ин корро таърихшинос У. Ғафforов дар мақолаи фавқ бо далелҳо анҷом дода, аз корҳои наҷиби Бройдо мисолҳои ҷолибе овардааст. Аслан ин факти хеле маълум аст. Аммо банда ба як чиз диққат ҷалб кардан мехоҳам: М. Раҷабӣ низ аз он бехабар набудааст ва дар рисолаи «Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ» (1997) аз ин факт истифода кардааст. Аз чӣ бошад, ки пас аз 2-3 сол онро аз ёд бурдааст. Ин кори бахшиданӣ буд, агар чун саҳви «техникӣ» ё «қалам» мешуд. Аҷобаташ дар он аст, ки ӯ ин далели набударо ҷиддӣ гирифта ба таври худ қазоват мекунад, боз ҳам ба мавзӯи дӯстдоштааш корҳои булаҷаби гӯё ба ҳизб хос мепайвандад, муҳокимаҳо ороста, хулосаҳо мебарорад. Яке аз онҳо ҳамин аст, ки гӯё ба сабаби набудани роҳбари ҳизбӣ дар Тоҷикистон сарвари Иттифоқи нависандагон низ интихоб нашуда монд (ва ба шудани чунин кор ҳеҷ шубҳа надорад, балки ба сифати шахси аз сирру асрори ҳизб ва усули корбариҳои он огоҳ, бовараш қатъист).

Аммо чӣ мегӯед, ки хулосаи дувуми М. Раҷабӣ низ хатост ва баъди тавзеҳоти боло онро аз як воҳимае беш ба шумор овардан мумкин нест, зеро сарвари Иттифоқи нависандагон дар анҷоми анҷуман, аниқтараш дар пленуми аввали баъди он баргузоршуда интихоб гардида, аниқ ном бурда мешавад. Аммо дар ин хусус баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Вале дар мавриди аз ёдҳо рафтани Бройдо ва ё то имрӯз ба кӯйи фаромӯшӣ супорида шудани кору амали вай мешавад, ки таасссуф хӯрд. Ин аз он сабаб аст, ки мо ҳама – аз каси оддӣ сар карда то муҳаққиқини «дақиқназар» аслан гирифтори кадом як дарди бузургманишӣ ҳастем ва нисбат ба таърихи наздики халқи худ беэътиноӣ зоҳир мекунем (тазоди қазия дар он аст, ки қисми дигар бошад, ба ҷуз ин гузашта ҳеҷ ба воқеияти имрӯза тан додан намехоҳанд) ва бинобар ин, ба он аз рӯи ҳавобаландӣ сабуксарона назар меандозем, далелу арқоми онро ба таври худ, барои тасдиқи ғаразҳои худ нодуруст ва худсарона шарҳу тавзеҳ мекунем. Мо,

навназарони имрӯза, на аз болшевикҳои инқилобии дирӯза камтар сиёсатзада ҳастем, балки инро ба як роҳи хеле осони мавқеъёбӣ дар илм ва расидан ба мақсадҳои шахсии худ табдил додаем. Зеро ҷомиа, бахусус ҷавонон аксар таҷрибаи кофӣ ва афкори сиҳати сиёсӣ ва илмӣ надоранд ва ҳангомаро аз ҳақиқат хубтару хуштар мепазиранд ва ҳангомасозонро ба сифати қаҳрамон қабул доранд. Бадбахтона, дар доираҳои илмӣ низ садоқат ба ҳақиқати илмӣ, беғаразӣ ва адолати илмиро олудаи сиёсатзадагӣ кардаанд ва маҳз чунин навиштаҳоро тарҷеҳ медиҳанду қадр менамоянд. Балки имрӯз илм ба майдони ҳисоббаробаркуниҳои шахсӣ табдил ёфта истодааст...

Ва баргардем ба сари масъалаи шинохтану нашнохтан, аз ёд кардану накардани Бройдо. Ба фикри банда, ин кор (фаромӯш кардани ӯ) барои ҳар як тоҷики худшинос айб аст, агар гуноҳ набошад. Зеро вай на камтар аз ҳар як фарди андешаманди мо дар ғами фарҳанг, ҳунар, адабиёт, миллат ва сарнавишти таърихии мардуми тоҷик будааст. Худатон қазоват кунед, ки ӯ дар ин масъалаҳо чӣ фикру ақида ва ниятҳо дошта ва дар ин роҳ чӣ икдомҳои ҷасуронае бардоштааст.

Мақолаи панҷум:

## Г. И. БРОЙДО – ҲИМОЯТГАРИ АДАБИЁТУ ФАРҲАНГ ВА ДӮСТИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Оре, Григорий Исаакович Бройдо беҳтарин дӯсти адабиёт ва фарҳанги тоҷик буд. Зиёда аз он вайро метавон чун миллатчии тоҷик ба шумор овард. Банда ин тавсифро на барои шавқангезии зоҳирӣ ва ё ҳангоматалабӣ истифода мекунам, балки пас аз шинос шудан ба кору амали ин фарзанди халқи яҳуд дар як соли фаъолияташ ба сифати Котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон ва ҷадалҳои ӯ баҳри инкишофи фарҳангу адабиёти миллии тоҷикон ва кӯшишаш барои барқарор кардани ҳақиқати таърихӣ дар хатоҳои рафта ҳангоми марзбандиҳои солҳои 1924-1929, машҳур бо унвони «табартақсим», ба чунин хулоса расидам. Воқеан, ин тавсиф аз ман нест, балки баргирифта аз айбномаест, ки баъди аз вазифаи сарварии ҳизби коммунисти Тоҷикистон барканор шудани ӯ котиби аввали навинтихобшудаи ҳизб Шадунс С.К. ба ӯ эълом дошта буд.

Он вақт (охири соли 1934) ин гуноҳи бузурге ба шумор меомад. Вале ҳоло шоистаи он аст, ки мо дар замони истиқлоли миллии худ ва барқарор шудани давлати воқеии тоҷикон аз чунин шахс ба некӣ ва сипосгузорӣ ёд кунем, балки ба қадри имкон хидмати ӯро қадр карда бошем.

Инак, дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» омадааст (мухтасаран):

Бройдо Григорий Исаакович (7. Х1. 1884 – 1967) дар шаҳри Вилнюс таваллуд шуда, ба ҳизби болшевикон (1903) дохил ва дар ҳаракати коммунистӣ иштирок мекунад. Факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи Петроградро (1907) хатм кардааст. Пас аз инқилоби соли 1917 дар вазифаҳои гуногуни шӯроӣ ифои вазифа мекунад. Бештари фаъолияти ӯ дар кишвари Осиёи Марказӣ гузашта ва ба масъалаҳои миллӣ, маорифу маънавият марбут будааст. Солҳои 1917-20 раиси Совети депутатҳои коргарон ва солдатҳои ш. Тошканд, узви Совети ҳарбии инқилобии фронти Туркистонии КИМ-и умумиросиягӣ ва СКХ РСФСР шуда кор мекунад. Аз соли 1920 то соли 1933 ҷонишини комиссари халқии корҳои миллии РСФСР, мудири Университети коммунистии меҳнаткашони Шарқ, мудири Нашриёти давлати СССР ва ғ. будааст. Аз декабри соли 1933 то ноябри соли 1934 ба сифати котиби якуми КМ ВКП(б) Тоҷикистон кор мекунад. Минбаъд низ дар соҳоти маорифу маънавият ифои вазифа намудааст.

Бройдо замоне ба ҳизби Тоҷикистон сарвар интихоб шуд, ки роҳбарони гузаштаи ҷумҳурӣ Нусратулло Махсум – раиси КИМ, Абдураҳим Ҳоҷибоев – сарвари СКХ-и Тоҷикистон ва котиби аввали ҳизб Д. М. Ҳусайнов ба гуноҳи «ҷонибдории кулакҳо ва дастгирии миллатчиён», суст намудани мубориза бо унсурони зиддипартиявӣ маҳкум ва аз вазифаҳои худ барканор карда шуда буданд. Зоҳиран, Бройдоро лозим меомад, ки камбудиҳои, ба истилоҳи он замон, «роҳбарони гузашта»- ро ислоҳ кунад: яъне, бояд бештар ба тарбияи интернатсионалистӣ, маҳдуд кардани ҷанбаи миллӣ дар афкори ҳайати раёсати ҷумҳурӣ ва ҳаёти ҷомиа, шиддат додани мубориза бо боқимондаҳои табақаҳои доро, масалан, кулакҳо диққат медод. Аммо ӯ дар муддати як соли фаъолияташ дар вазифаи котиби якуми КМ ҳизби Тоҷикистон аз худ озодӣ ва мустақилият нишон дод ва баръакс, ба масъалаи саҷҷияи миллии зиндагӣ дар Тоҷикистон, бахусус дар фарҳангу адабиёти он мутаваҷҷеҳ гардид, ки ҳеҷ яке аз роҳбарони аз берун омада ва ҳатто баъзе аз сарварони миллӣ низ ба ин дараҷа ғамхориву ҷасорат зоҳир накарда буданд.

Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки дар адабиёти илмӣ фикре баён шуда буд, ки гӯё дар имтидоди охири соли 1933 то охири соли 1934 гӯё ҳизби коммунист бесарвар буд. Ин чунин маъно дорад,

ки дар ин маврид мо хидматҳои бузурги Бройдоро, ки маҳз дар ҳамин давра ҳизбро сарварӣ мекард, нодида мегирем. Ҳоло бошад, бояд ин ҳақиқати оддӣ ва маълумро бе ҳеҷ гуна муҳокима қабул намоем ва зиёда аз он, дар бораи шахсияти вай ва муҳаббату ғамхории ӯ нисбат ба маданияту адабиёти миллии тоҷикон чанд сухани миннатдорӣ гуфта бошем...

Чунин ба назар мерасад, ки Бройдо Г. И. баръакси қарорҳои мазкур рафта, огоҳона ба масъалаи шакли (моҳияти) миллии фарҳангу маданияти тоҷикӣ бештар мутаваҷҷеҳ мешавад. Масалан, вай пас аз андак муддати котиби якуми ҳизб интихоб шуданаш бо роҳи оҳани Душанбе – Тирмиз ба Самарқанд сафар мекунад. Ва ин сафар бесабаб набудааст: аввалан, аксари қувваҳои адабии тоҷикӣ, бахусус устод Айнӣ дар Самарқанд зиндагӣ мекарданд ва чанд муассисоти таълимии Тоҷикистон дар он ҷо фаъолият доштанд, ки дидану сӯҳбат кардан ва ғамхорӣ зоҳир кардан нисбат ба онҳо аз вазифаҳои муҳими ин сафар ҳисобида шудааст; сонияҳ, ғарази Бройдо аз сафари Самарқанд ҳамоно омӯхтани бунёди миллии ин шаҳри бостонӣ ва дар амал татбиқ намудани он дар сохтмони шаҳраки навбунёди Душанбе (он замон Сталинобод) – пойтахти тоҷикон будааст. Ва сӯҳбати вай бо устод Айнӣ атрофи масоили мазкур сурат гирифта буд: Бройдо хоҳиш кардааст, то ки устод «дар бобати хоста гирифтани беҳтарин устоҳои кӯҳнаи санъати гилкорӣ, дуредгарон, рассомон ёрмандӣ расонад, барои ин ки дар бобати ба шаҳри сотсиалистии Тоҷикистон формаи миллӣ додан кори онҳо ташкил карда шавад» («Тоҷикистони сурх» аз 4 марти соли 1934). Бройдо дар сӯҳбати мазкур ба масъалаи театриояндаи тоҷик ва бо асарҳои миллӣ таъмин намудани он, тарбияи драматургҳои ҷавон сухан ба миён овардааст. Умуман ӯ ғамхорӣ ба аҳли адаб ва эҷодро аз вазифаҳои асосии худ меҳисобидааст.

Бройдо дар сӯҳбат бо устод Айнӣ доир ба фаъолияти эҷодии ӯ (таълифи румони «Ғуломон» бо забони узбакӣ ва тоҷикӣ) ва корҳои адабӣ, нашру табъ ва камбудиҳои ин соҳот, беэътиноии сарварони дахлдор ба ривоҷи кори ин риштаҳои фарҳанг махсус диққат ҷалб менамояд ва таъкид мекунад, ки барои ба таври мушаххасу муфассал муҳокима кардани масъалаҳои муҳими мафкуравӣ, маданӣ-маишӣ, эҷодиёти адабии оммавӣ, осори намоишӣ ва «ҷоннок кардани фронти танқид», ки ба якдигар вобастаанд, анҷумани нависандагони Тоҷикистон ҷеғ зада мешавад (Ҳамон сарчашма).

Чунон ки маълум мешавад, ҳизби коммунисти Тоҷикистон на танҳо бесарвар набуд, балки ин роҳбар (Г. И. Бройдо) бештар аз ҳамаи ҳампешаҳои худ (то замони Б. Ғафуров) касе буд, ки масъалаи

инкишофи фарҳангу адабиёти миллиро дар мадди аввали кори мафкуравӣ гузошта, хеле аз чорабиниҳои амалиро ба иҷро расонид.

Аз ҷумла, ӯ моҳи март ба Хуҷанд сафар дошт ва 22-уми ҳамон моҳ дар бинои клуби «Лоҳутӣ» ба шарафи ин сафар аз тарафи театри дуввуми давлатии Кумиссариати маорифи Тоҷикистон дар Хуҷанд шаби хурсандӣ баргузор гардид. Баъди анҷоми консерт Г. И. Бройдо ҳамроҳи нависандагон ба ходимони театр меҳмон шуд, ҳисоботи «режиссори калон» Маҳмудовро шунид ва аз вазъи ҳунари болшевикӣ сӯҳбати муфассале баргузор кард. Фикри марказии ӯ ба асли миллӣ ворид сохтани ҳунари тоҷикӣ будааст. Аз ҷумла, вай қайд кардааст, ки: «... то ҳол театрҳои мо шакли худашонро ба он дараҷае, ки халқи меҳнаткаши мо аз онҳо талаб мекунад ба як шакли миллӣ дохил карда натавонистаанд. Ин яке аз камбудиҳои бузурги санъати имрӯзаи мо аст» (БАС, 1934, № 3-4, с. 8).

Бройдо ҳам ороиши саҳнаҳои «Оршин мол-олон» ва ҳам барномаҳои консертиро тоҷикӣ намеҳисобад ва мегӯяд: «Ин ҳамагӣ шакли вайроншудаи кӯҳнатарини Аврупо ҳисоб меёбад. Рақсҳо бошад, тамоман тоҷикӣ нест...». Хеле ҷолиб аст, ки Бройдо аз хусуси ороиш, сару либос, бозии ҳирфаии ҳунармандон сухан ба миён оварда, онҳоро огоҳ мекунад, ки аз тақлидҳои бесамар ба ҳунари аврупоӣ барҳазар бошанд, хусусан ки ҳоло ҳар ҷузъи намоишҳои театр баргирифта аз нишонаҳои миллатҳои гуногунро ба хотир меорад. Аз ҳама муҳимаш Бройдоро чунин як ҳодиса ба ташвиш овардааст, ки: «Саҳна шакли ӯзбакиро гирифтааст».

Бройдо дар бораи драмаи «Ҳалима» сухан ронда, тарҷумаи он ва маводи ҳаётии вайро аслан асари тоҷикӣ меҳисобад ва аз он ки дар саҳна маҳз «шакл ва мундариҷаи ӯзбаконидашудаи он»-ро махсус таъкид кардан хостаанд, норизоиятӣ нишон медиҳад. Ӯ фикрашро дар ин бора чунин идома додааст:

«Мисли ин ки «Лайлию Маҷнун», «Фарҳоду Ширин» ва ғайра як қатор опираҳое, ки имрӯз дар саҳнаҳои Ӯзбакистон ва Тоҷикистон ҳукмронӣ мекунанд, ин ҳама асарҳои клоссикии Тоҷикон (дар тамоми мақола – хабар вожаи тоҷик бо ҳарфи калон омадааст – А. Н.) аст.

Мана, рафиқон як қатор ингуна асарҳои таърихии моро ӯзбакон аз худ карда бошанд, тоҷикон шакли ӯро бо вайронӣ қабул кардаанд, ки аз ин ҷо шакли миллии Тоҷикӣ нест шуда меравад. Ин саҳнаро ӯзбакикунонидан, ин саҳнаро русикунонидан аст. Аввало даъвати мо, ки «шакл миллӣ» аст, бояд ба ин итоат кард ва ба ҳаёт татбиқ намуд».

Бройдо дурравиҳо аз мусиқии миллиро низ зери танқид гирифта, пешниҳод мекунад, ки ҳатто пешсаҳнаҳо низ бояд аз гилему сузанӣ ва дигар ҷиҳозҳои халқӣ оро дода шавад. Зоҳиран, ин пешниҳодҳои

ӯ гоҳо ба назар як дараҷа чун зиёдаравӣ дар масъалаи мазкур менамояд. Аммо онҳо ҳама аз муҳаббати Бройдо ва бовари дастурии ӯ ба масъалаи ташаккул додани фарҳангу адабиёти миллии асил ибтидо мегиранд, ки солим ва созанда буданд. Вай чунин дастур медиҳад:

«Кунун бояд барои саҳнаро тоҷикӣ кардан аз асарҳои классикии тоҷик ва аз адабиётҳои халқ дар песа ва ашӯлаҳо комилан фоида бурда, шаклҳои рақсҳоро ҳам ба шакли миллии тоҷикӣ табдил дода шавад. Барои ин аз одамони кӯҳнаи ҳунарманд истифода карда шавад...» (Ҳамон сарчашма, с. 9).

Бори дигар пас аз тамошои намоиши рассомони Тоҷикистон, ки 1 майи соли 1934 баргузор шуда буд, 4 май Бройдо иҷтимоъи «рассомон ва дигар коркунони санъати нафисро» ҷамъ карда, дар баробари таҳлили сифати асарҳои рассомӣ, инчунин як қатор масоили марбут ба ҳунари миллии тоҷикиро матраҳ менамояд, балки ба қавли худаш «вазифаҳое, ки дар пеши рассомони Тоҷикистон истодаанд, конкрет (мушаххас)» намудан хостааст.

Маълум мешавад, ки ташкилкунандаи ин намоиш (выставка) идораи «Главискусство»-и Тоҷикистон будааст. Бройдо қайд мекунад, ки ин ташкилот як органи пешбаранда ва ба роҳ андозандаи кори рассомон нашудааст ва аз ҳама бадтар нашуда истодааст. Зиёда аз он, ба қавли вай асарҳои выставкаро «ҳеҷ гоҳ гуфтан мумкин нест, ки ин кори рассомони Тоҷикистон аст». (Бройдо. Барои санъати бузурги миллишакл ва сотсиалистимазмуни тоҷик» (қайдҳои мухбирӣ) // БАС, 1934, № 5-6, с. 21).

Вай барои рафъи чунин камбудии ҷиддӣ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

«Бояд рассомон – аз рассомони муваққатӣ ё худ доиман дар Тоҷикистон зиндагӣ мекардагӣ ба рассомоне, ки барои Тоҷикистон кор мекунанд, табдил шаванд» (Ҳамон ҷо, с. 21). Ин нуктаро ӯ барои он дар мавриди аввал ба миён мегузорад, ки зоҳиран ҳайати рассомон бештар аз миллатҳои дигар буданд ва барои чанд муддат ба Тоҷикистон омада буданд.

Ба ақидаи вай рассоме, ки танҳо барои худаш расм мекашад, кори муҳимеро иҷро накардааст, балки ҳеҷ чиз аст, вай бояд барои оммаи васеъи меҳнаткашон асар эҷод кунад. Аммо Бройдо амалӣ шудани ин мақсадро боз ҳам тибқи бовари худ ба муҳим будани шакли миллӣ дар ҳунар вобаста медонад ва бинобар ин изҳор медорад, ки: «Лекин барои ин бояд ба санъати нафис ҳамчун ба эҷоди миллишакл ва сусиёлистимазмун наздик шуд». Аз ҳама муҳимаш: «Ба таври эстетик қабул кардан бе шакли миллӣ вуҷуд надорад» (Ҳамон ҷо, с. 21).

Бройдо роҳҳои расидан ба ин мақсадро низ дуруст нишон медиҳад. Ӯ гуфтааст: «Бояд кори омӯхтани шаклҳои миллиро ташкил намуд». Вай омӯхтани ҳамаи намудҳои конкретии шаклҳои миллии бадеиро бояд дар бар гирад, он шаклҳое, ки онҳоро «дар нақши қолинҳо, дар маҳсули ҳунармандон аз гилкориҳо, дар метал ва архитектураи кӯҳна» ёфтан мумкин аст.

Бройдо худ шахсан эътиқодманди сиёсати ҳизб буд ва ба таври куллӣ наметавон гуфт, ки вай аз дастурҳои фарҳангии ҳизб дурӣ ҷуста бошад. На, балки вай ақида дошт, ки мазмуни сотсиалистӣ дар санъат чизи муҳим аст, дар ояндаҳои дур бар асари ба ҳам наздик шудани халқҳо, шояд шакли миллӣ аз байн равад ва ғайра ва ҳоказо. Вале ӯ аз ҳизбиёни воқеъбин буд ва мазмуни сотсиалистиро аз сурати дастгоҳи истеҳсолот тарҷеҳ дода, мегӯяд, ки сурати (тасвири) ҳунарӣ бояд ба одамон фикреро талқин кунад. Ба ақидаи ӯ рассомон ҳаёти Тоҷикистонро аз ҷиҳати ҳунарӣ дуруст дарк накардаанд ва бояд Тоҷикистони имрӯза ва дирӯзаро маҳз аз ҳамин дидгоҳ ба тасвир гирифт. Бройдо, ҳамин тавр ба табиати хоси фарҳанг низ аз рӯи қонуниятҳои ба он мувофиқ муносибат карданро тақозо дошт. Ба ҳамин сабаб аст, ки вай ба ҳамҳизбҳои маҳдудназараш ҳуҷум мекунад:

«Дуруст аст, ки ҳоло баъзе коммунистҳое ҳастанд, ки ба назари онҳо омӯхтани ин тавр масъалаҳо (шакли миллӣ ва суннатии халқӣ – А.Н.) – «вазифаи музей» мебошад ва «онҳо дар зиндагонӣ даркор нестанд» ва «ин қадам ба ақиб» аз баландиҳои коммунистӣ аст, ки онҳо ба даст овардаанд» (с. 22). Бройдо ин ақидаро бо яроқи худи ҳизбиҳо, ки «дар шароити конкрети таърихӣ кор карда тавонистан» шиорашон буд, мулзам месозад.

Вай ба онҳое, ки ба ҳунари рассомӣ унсурҳои имрӯзаро ворид кардан мехоҳанд, мувофиқ аст, аз пешрафтҳои фарҳанги ҷаҳон баҳра бурданро ҷонибдорӣ мекунад, аммо ба такрор таъкид менамояд: «Лекин аз ин такомулот набояд шакли миллӣ партофта шавад». Ба ақидаи ӯ сурате, ки як рассоми ҳирфаии тоҷик (дар муқобили рассомони аз берун омада) бо тамоми қонунҳои санъати замони ҳозира кашида бошад, боз хоҳед ҳис кард, ки онро рассоми тоҷик кашидааст. Дар ин бобат далели Бройдо тасвири Маркс аст, ки аз ҷониби як рассоми хитоӣ бо диди миллӣ кашида шуда, он ба мардуми хитоӣ аз ҳамаи дигар суратҳои Маркс наздиктар аст. Вай дар асоси ин далелҳо ба мутасаддиёни соҳаи фарҳанг сахт метозад ва изҳор мекунад, ки: «Ҷинояти асосии «Главискусство» ин аст, ки дар байни шумо тоҷикон нестанд» (Ҳамон сарчашма, с. 24).

Бройдо дар бораи имкониятҳои зиёди ҳунару фарҳанги тоҷикон сухан ронда, намунаҳои осори чойхонаҳои шаҳри Уратеппаро ба

сифати «санъати бузург» мисол меорад, ки шоистаи омӯзишанд ва низ даъват намудааст: «ба харобаҳои масҷид назар андозед, дар он ҷо ҳам санъати устодҳои бузургеро мушоҳида хоҳед кард..., ҳамаи инҳоро рассомони пуриқтидори маҳаллӣ кардаанд» (Ҳамон ҷо, с. 24).

Ва масъалаи истифода аз ин гуна суннатҳои олӣ ва онҳоро дар заминаи ҳунари муосир такмил додан, ба ҳам созиш додани навъҳои мухталифи ҳунар – рассомӣ бо кулолгарӣ, ҳайкалтарошӣ, шаҳрсозӣ, наққошӣ бо мақсади дороиафзоӣ ва зиннатбахшӣ ба намунаҳои санъат ба миён гузошта мешавад.

Бройдо ба сохти шаҳри Сталинобод, сохтмонҳои он, ороиши онҳо сахт нукта мегирад ва талаб менамояд, ки бинову зали КМ Тоҷикистон, хонаҳои истиқоматӣ, дӯкону кӯчаҳо бояд ҳама ҷанбаи миллӣ дошта бошанд. Ва дар ин замина дар рӯзномаҷот дар бораи тарҳи шаҳрсозии пойтахт мақолаҳо чоп мешаванд, муҳокимаҳо ба амал меоянд. Аз он ҷо, ки Бройдо ба ҳунари театрӣ таваҷҷӯҳи хоса дошт, ба ин масъала низ таваққуф кардааст, вале муқобили дар он замон сохтани бинои театр барои 5000 кас будааст. Ба фикри ӯ дар шароите, ки вазъи беҳдоштӣ, таъмини об ва заруратҳои муқаррарии рӯзгор ба маблағгузорӣ мӯҳтоҷанд, пас аз шаҳоматкории зоҳирӣ даст кашида, театри мавҷударо ба дараҷаи театри муосир таъмир кардан ба мақсад мувофиқтар будааст. Ва ниҳоят, барои он ки ҳунару фарҳанги тоҷик бо моҳияти миллиаш рӯ ба инкишоф орад, вай аз соли 1934 сар карда кушодани техникуми рассомиро ба миён мегузорад, то дар он истеъдодҳои маҳаллӣ тарбия карда шаванд. «Зеро, - таъкид мекунад вай, - дар чунин шароите, ки на ба воситаи тоҷикҳо, балки фақат «барои тоҷикҳо» карда мешавад, формаи миллӣ ба вуҷуд овардан мумкин нест. Ҳамон тавр ҳам шӯроҳоро «барои тоҷикҳо» ташкил кардан мумкин нест, бояд ҳам «барои» ва ҳам «ба воситаи» тоҷикҳо сохта шавад» (Ҳамон ҷо, с. 23).

Ва аз сабаби он, ки шояд дар ҳамаи риштаҳои ҳунари онрӯзаи Тоҷикистон намояндагони миллати дигар аксариятро ташкил мекарданд, Бройдо дар охир бори дигар таъкид менамояд:

«Мо бояд бо диққат кор карда аз онҳо (тоҷикҳо – А.Н.) кадрҳои нағзи рассомон ба вуҷуд оварем. Бо дигар навъҳои санъати нафиси театр, мусиқӣ, нависандагон, ҷавонони тоҷик зиёдтар алоқадор шавем» (Ҳамон ҷо, с. 25).

Бояд гӯем, ки ин вохӯрӣ ва суханронӣ аслан 4 май баргузор шуда буд ва он дар рӯзномаҷот дар рӯзҳои анҷумани якуми нависандагон ба чоп расид. Шояд ин ҳам бесабаб набошад: мақсад аз тавҳиди ҳамаи риштаҳои фарҳанги миллӣ аст, ки аҳли адаб як ҷузъи муҳиму фаъоли он мебошанд. Ва дигар ин, ки бояд кори анҷумани якуми

навиcандагон низ дар рӯҳияи умумии баромадҳои миллигароёнаи Бройдо ҷараён мегирифт.

Бешубҳа, гуфтан мумкин аст, ки анҷумани якуми навиcандагони Тоҷикистон зери сарварӣ, раҳнамоии ӯ гузашт. Бройдо, чунон ки гуфтем, аз оғози кор ба масъалаи ташкилу гузаронидани анҷуман эътибори махсус медод. Вай, пеш аз ҳама, рӯҳияи адибонро ба анҷуман тайёр намуд, якчанд касони ба ноҳақ бо миллатчигӣ сиёҳшударо, мисли Комилӣ ва Бектош, ба қавле аз ҳабс озод кард ва эшон дар анҷуман иштирок ва баромад намуданд.

Бо роҳбарии вай рӯзномаи анҷуман муайян гардида ва бо дастури ӯ дар анҷумани якум дар арафи тайёрӣ ба ҷашни ҳазораи Абулқосим Фирдавӣ аз ҷониби Фитрат маърӯзаи муфассали илмӣ хонда мешавад. Бройдо дар анҷуман иштироки фаъолона дошт ва бо саволу ҷавобҳо масъалаҳоро аниқ ва барои худу дигарон равшан месохт. Аз ҷумла, вай чанд бор суханронии А. Раҳимбоевро боздошта, бо саволҳо ба вай муроҷиат мекунад. Ба ҳамин васила масъалаи сарнавишти асари устод Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик», сабаби ба забони ӯзбакӣ сар кардани таълифи румони ӯ «Ғуломон», масъалаҳои тақсими ҳудуди миллии Осиёи Миёна дар солҳои 1924-29 аз ҷониби вай дақиқ карда мешавад. Аз ҳама муҳимаш Бройдо бо маърӯзаи муфассале (3 соату 20 дақиқа) дар анҷумани навиcандагон гузориш медиҳад.

Бройдо натиҷаҳои муҳими анҷумани аввалро чунин ҷамъбаст намудааст: «Мо, бешубҳа, ба ягонагии бузурги байни навиcандагон муяссар шудем. Шубҳае нест, ки аз ҷониби баъзе аз навиcандагон боз камбудиҳо содир мешавад. Аммо, аллакай маълум аст, ки ягонагии онҳо халалнопазир аст. Ин ваҳдат имрӯз вуҷуд дорад. Аҳли ҳунар, ки чанде пеш ба бемории гурӯҳбозии бемаънӣ машғул буданду ба ҳамдигар бо ҳар роҳ тамғаҳои «инқилобчӣ», «аксиинқилобӣ», «шовинист-миллатчӣ»-ро мечаспониданд, имрӯз аз хоҳиши барои оммаи меҳнаткаш, барои Тоҷикистони шӯравӣ, барои партия кор кардан саршор гардидаанд».

Бройдо дар ин маврид низ аз суннатҳои адабии тоҷикон ёд мекунад ва ба сифати намунаи истифода аз мероси гузашта эҷодиёти яке аз шоирони бузурги форсу тоҷик Умари Хайёмро мавриди гуфтугӯи алоҳида қарор медиҳад. Дар рӯзҳои анҷуман бо ташаббуси Бройдо маҳфилҳои шеър, ба хусус «Шоҳномахонӣ» баргузор гардид ва масъалаи чопи мунтахаби асари бузурги Фирдавсӣ ба миён гузошта шуд, ки баёнгари муҳаббати беандозаи ин роҳбари ҳизбӣ ба адабиёти бузурги мо шуда метавонад. Худи Бройдо бошад, аҳли адабро ба хонааш ба меҳмонӣ даъват карда, бо эшон сӯҳбати

самимие барпо менамояд. Ғ.Абдулло аз он рӯзҳо чунин ёдовар шудааст: «...Г.И. Бройдо як гурӯҳ нависандагонро ба манзили худ таклиф намуд. Мо ба як хонае даромадем, ки ба меҳмонхонаҳои қадим монанд буда, ба усули Шарқ ҷиҳозонида шуда буд. Барои ман, ки он вақт хеле ҷавон будам, аз ҳама ғалатӣ ва ҷолиби диққат ин буд, ки ҳама рӯи курпачаҳо нишастанду тамоми шаб бо шоҳномахонӣ ва сурудгӯӣ гузашт. Дар байни ҳозирон, махсусан Лоҳутӣ дар шоҳномахонӣ аз ҳама гузашт, гарчанд Айнӣ, Ҳамдӣ ва Фитрат низ буданд» (Ғ. Абдулло. Дар ёди устод Лоҳутӣ // «Маориф ва маданият» аз 12 декабри соли 1967).

Бройдо интихоби садорат ва роҳбарияти нави Иттифоқи нависандагонро низ зери назари худ дошт. Дар пленуме, ки баъди анҷуман баргузор гардид, ҳайати котиботи правления иборат аз 5 нафар интихоб гардид. Аз мактубҳои то ҳол ба табъ нарасидаи устодон Айнӣ ва Лоҳутӣ («Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ», мураттиб Х. Отахонова, - Душанбе: Деваштич, 2003) маълум мешавад, ки Бройдо дар интихобот мустақилият нишон дода, ҳатто ба рағми хоҳиши ин устодон Раҳим Ҳошимро Котиби масъули Иттифоқи нависандагон интихоб карда будааст.

Г. И. Бройдо дар соҳоти дигари хоҷагӣ, табъу нашр, шаҳрсозӣ, бахусус пойтахти тоҷикон саҳми бузурге гузоштааст. Аммо гӯё ӯро бо сабаби иҷро нашудани плони пахтасупории ҷумҳурӣ охири соли 1934 аз вазифаи котиби якуми ҳизб озод мекунанд. Гумон меравад, ки сабаби асосии барвақт аз вазифа озод шудани Бройдо бояд дар ҳамин муҳаббати беандозаи ӯ ба фарҳангу адабиёти халқи точик, алалхусус дар шиддат бахшидан ба ҳайсияти миллии мардуми тоҷик аз ҷониби ӯ алоқаманд бошад.

Зеро, аз он чи гуфта шуд ва аз он гуноҳҳое, ки баъдтар, баъди озод шудан аз вазифаи котиби якуми ҳизб бевосита ба вай бастанд, пайдост, ки ин сарвари ҳизбии Тоҷикистон дар ҷараёни амалӣ кардани сиёсати «маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ» ба куллӣ ба мавқеи миллатпарастии тоҷикӣ гузаштааст, миллатчигии олимақоми русу ӯзбакро танқид карда, бахусус амали дуввумиро нисбат ба он беадолатиҳое, ки нисбат ба сарнавишти тоҷикон ва таърихи ин халқ ба бор овардааст, фошу маҳкум намуд. Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки Бройдо ҷонибдори аз нав дида баромадани тақсимоти марзии солҳои 1924-1929 ва ба Тоҷикистон пайвастани шаҳрҳои бузурги тоҷикнишине чун Самарқанду Бухоро будааст (Ва ин ҳодиса бандаро ба хаёле мебарад, ки мутобиқи қонунияти равонӣ ва табиати давлатдорӣ, агар сарвар ба куллӣ шахси беирода ва дастнигар набошад, пас табиӣ ва мантиқӣ ногузир дар зеҳни вай

эҳсос ва масъулияти кишвардорӣ, ватанпарварӣ ва миллатдӯстӣ гоҳе ошкоро ва гоҳи дигар дар сурати пӯшида бошад ҳам, зоҳир мешавад).

Бесабаб нест, ки котиби нави ҳизби Тоҷикистон Шадунс дар аввалин ҷаласае, ки баъди аз вазифа озод шудани Бройдо баргузор гардид (дар «маҷлиси фаъолони партиягии Сталинобод» аз 13 декабри соли 1934), ӯро ба миллатчигии тоҷик айбдор карда, рафтору афкорашро дар ин қазия ҳамреша бо ақидаву ормонҳои Абдуқодир Муҳиддинов ба шумор овард. Шадунс ба мақолаи машҳури А. Муҳиддинов «Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё узбак» («Раҳбари дониш», 1928, №8-9) истинод карда, кору амали Бройдоро ба муҳтаво ва мақсадҳои миллатпарастонаи дар мақолаи мазкур баёншуда ҳамоҳанг медонад ва ба ин сабаб ӯро гунаҳгор ба шумор меорад:

«Ҳамин фикрро дар ҳамон замина дар соли 1934 рафиқ Бройдо инкишоф медод. Дар моменте, ки вай масъалаи ба Тоҷикистон мулҳақ кардани Бухоро ва Самарқанд масъала мемонд, ба назари вай чунин меомад, ки вай як мафкураи навро пешниҳод мекунад. Вай эҳтимол намедонист, ки ин мафкура мафкураи нав нест, ҳамин мафкураро соҳибмафкураи савдогарони тоҷик – Муҳиддинуф пешниҳод мекард...»

Ва ниҳоят Шадунс суханашро чунин идома додааст: «Ба мо мегӯянд, ки: «Магар рафиқ Бройдо соҳибмафкураи миллатпарастӣ дар Тоҷикистон шуда метавонад, дар ҳоле ки вай тоҷик нест?» Ва посух медиҳад:

«Барои соҳибмафкураи дӯкончӣ шудан, дӯкончӣ шудан тамоман маҷбурӣ нест. Ва рафиқ Бройдо дӯкончӣ набуда, мафкураи дӯкончиҳоро ифода мекард». Дар омади сухан бояд гӯем, ки ҳарчанд Шадунс дар мавриди Бройдо бо сатхгирии ҳизбӣ ҳарф задааст, вале худи ӯ низ дар айёми иҷрои вазифа ба масъалаи шакли миллӣ ва адабиёти гузаштаи тоҷик бармегардад ва дар ин ришта корҳои ҷолиберо ба роҳ меандозад.

Ин аст, ки Бройдо Г. И. ба қатори роҳбарони собиқ Нусратулло Махсум ва Абдураҳим Ҳоҷибоев дохил мешавад ва ҳизби коммунист аз ӯ ба сифати як миллатгаро ё ташаннуҷдиҳандаи ҳайсияти миллӣ баҳои манфӣ медиҳад. Вале мо тоҷикон то ҳол дар ҳаққи ӯ чӣ хидматеро ба ҷо овардем? Алҳол ба ин пурсиш ҷавоби қаноатманде ёфтан мумкин нест.

Воқеан дар ин рӯзҳои ҷашн ба мавлуди Г. И. Бройдо 120 сол пур мешавад. Одилона мебуд, агар дар айёми фаро расидани 70-солагии

Иттифоқи нависандагон, 80-солагии шаҳри Душанбе, бахусус дар айёми расидан ба истиқлоли миллии воқеии халқамон ӯро ба некӣ ёд кунем ва барояш ёдгорие чун нишони эҳтирому миннатдорӣ барои он ҳама хидмату муҳаббаташ ба мардуми тоҷик гузошта бошем.

## Мақолаи шашум:
## НАХУСТИН АНҶУМАНИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Пеш аз он ки дар бораи ҷараёни баргузор гардидани анҷуман сухан гуфта бошем, лозим аст ёдрас шавад, ки стенограмаи (тунднавишти) ин ҷаласаи таърихии ҳаёти фарҳангии тоҷикон ҳоло ба даст наомадааст: он дар бойгонии Марказии Тоҷикистон мавҷуд нест ва онҳое, ки бо Бойгонии Ҳизби Коммунист сари кор доштаанд ва кору пажӯҳишашон вобаста ба қазияи мазкур ва ҳамин давру замон будааст, аз будани маводи мазкур хабар надоранд. Банда бар ин ақидаам, ки бояд ин мавод дар вақташ стенограма (тунднавишт) шуда бошад ва рӯзе, албатта, бояд ёфт шавад ва он гоҳ мо дар бораи ҷараёни зиндаву воқеии анҷуман тасаввури мукаммал пайдо мекунем.

Аммо, афсӯс, ки аҳли тадқиқ ба он чи дар матбуот оид ба анҷуман дарҷ шудааст, сари кор нагирифта, фақат ба ахбори фишурдае, ки дар маҷаллаи «Литература народов Средней Азии» (1934, № 2, с. 104-105) ҷой дода шудааст, иктифо мекунанду бас. Ҳол он ки ҷараёни кори анҷуман ва маърӯзаву чорабиниҳои асосии он дар рӯзномаҳои «Тоҷикистони сурх» (11-24 май), «Коммунист Таджикистана» (11-22 май) ва дар Маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (1934, № 5-6) то андозае мукаммал дарҷ гардидааст.

Ва банда, аз он ҷо ки тунднавишти анҷуман мавҷуд нест, хостам як дараҷа ҷараёни анҷуман – қисми ташкилӣ, ҳайати роҳбарӣ, рӯзнома, тартиби маърӯзаву музокирот ва мӯҳтавои дастраси онҳоро ба тартиби рӯзҳо пешкаши аҳли назар намоям ва дар мавриди зарурат баъзе масъалаҳоро шарҳу тавзеҳ карда, ба қадри фаҳмиши худ мундариҷаи умумии масоили дар анҷуман мавриди муҳокима қарор гирифтаро нақду баррасӣ кунам. Шояд ба ин васила як дараҷа манзараи умумии анҷуман ва рӯҳияи иштирокдорони он ва натиҷаҳое, ки аз кори ин иҷтимоъи адабӣ берун омадааст, пеши назар омада бошад.

Ҳамин тавр, дар аввал рӯзномаи анҷуман аз ҷониби Бюрои КМ ҲК(б) Тоҷикистон бо имзои Г. И. Бройдо аз 19 апрели соли 1934 тасдиқ карда мешавад ва рӯзи баргузории он 3 май таъин мегардад. Аммо, чунон ки медонем, анҷуман рӯзи 10 майи соли 1934 оғоз гардида, то 18 май давом кард.

Рӯзномаи анҷуман ба ин тартиб муайян шуда буд:

1) Маърӯзаи ҳисоботии Бюрои Осиёимиёнагии нависандагон;

2) Маърӯзаи ҳисоботии раф. Носиров;

3) Шаби адабӣ бахшида ба Пайрав Сулаймонӣ ва Мунзим (маърӯзачиён рафиқон Қ. Дайламӣ ва Р. Ҳошимӣ);

4) Шаби адабӣ бахшида ба эҷодиёти Фирдавсӣ;

5) Дар бораи забони адабиёти бадеӣ ва аз ҷумла адабиёти тоҷик;

6) Дар бораи вазъи ҷамъоварии фолклор (маърӯзачӣ Ҷабборӣ);

7) Инъикоси Тоҷикистон дар адабиёти рус (маърӯзаи рафиқ Шкловский);

8) Дар бораи драматургияи тоҷик;

9) Ташкили кор бо адибони ҷавон (маърӯзаи узви бригадаи аз Маскав омада);

10) Интихобот.

Ҳамчунин барои гузаронидани анҷуман Комиссияи ҳукуматие ташкил шуда будааст, ки бо қарори КМ ба он Бруно Ясенский, А. Лоҳутӣ, С. Айнӣ низ шомил карда мешаванд. Дар ҷараёни анҷуман сафари нависандагон ба ноҳияҳои кӯҳӣ, сарҳадӣ ва водии Вахш дар назар дошта шуда буд. Дастаи адибони Маскав бояд якчанд семинар дар бораи адабиёт ташкил мекард, ки ин кор, чунон ки дидем, дар арафаи анҷуман хуб ва самарабахш анҷомид. Бояд маърӯзаи муфассали Пол Низан дар бораи корҳои «фарҳангӣ» дар колонияҳои Фаронса ташкил карда мешуд. Ба ҷуз аз ин нишон додани ду асари саҳнавии тоҷикӣ ва ду асари саҳнавии ӯзбакӣ, ҳамчунин ташкили шаби намоиши кинофилмҳо оид ба Тоҷикистон (мутасаддӣ Познанский) дар назар дошта шуда буд. Ин рӯзномаро шахсан худи Г. И. Бройдо ба имзо расонидааст. (Из истории культурного строительства в Таджикистане (Сборник документов и материалов), том I . – Душанбе: Ирфон, 1966, с. 588).

Ба кори анҷуман ба ҷуз аз дастаи нависандагони Кумитаи ташкилотии нависандагони умумииттифоқ боз аз ҷумҳуриҳои бародар меҳмонон даъват шуда буданд. Дар назар дошта шуда буд, ки анҷуман ба иҷтимоъи коркунони фарҳанги тоҷикӣ табдил ёбад ва дар он дар баробари нависандагон намояндагони ахбори умум, нашриёҳо ва дигар навъҳои ҳунар даъват шаванд, то ки ба тавҳиди фарҳангии қувваҳои эҷодии ҷумҳурӣ имконият фароҳам ояд.



*Раёсати анҷумани якуми нависандагон: дар минбар А. Лоҳутӣ;*
*нишастагон С. Носиров, Г. И. Бройдо, А. Раҳимбоев.*

Дар арафаи анҷуман як қатор табрикномаҳо ба анҷуман, аз ҷумла аз нависандагони Ӯзбакистон, аз КМ Комсомоли Тоҷикистон ба табъ мерасад, «Саҳифаи адабиёт»-и рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» интишор меёбад. Вале дар ин миён мақолаи муҳаррири рӯзномаи мазкур Қ. Дайламӣ «Ба ҳушёрии баланди синфӣ барои адабиёти миллишакли сотсиалистимазмун» («Тоҷикистони сурх» аз 10 майи соли 1934) як андоза рӯҳияи умуман эҷодиро бо таъкиди «ҳушёрии баланди синфӣ» халалдор мекунад.

Инак, рӯзи **10 май** Анҷумани якуми нависандагон ба кори худ оғоз кард.

Дар ибтидо анҷуманро Бригадаи нависандагони шӯроии СССР, Котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон Бройдо ва раиси Шӯрои Комиссарони халқ А. Раҳимбоев табрик мекунанд.

Дар табрикнома таъкид шудааст, ки КМ ва Ҳукумати Тоҷикистон аҳли адабро ба «кори бавуҷуд овардани маданияти миллишакл ва сотсиалитстимазмун ва хусусан бавуҷуд овардани адабиёти бадеии ба давраи бузурги мо сазовор... даъват менамояд».

Гуфта шудааст: КМ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тамоюлҳои «рост» ва «чап», шовинизми великодержавӣ ва миллатчигии маҳаллӣ, гурӯҳ-

бозии бепринсип, ки дар атрофи шахсони ҷудогона ташкил шуда буд ва ба мубориза иғвогарона сабаб гардиданд, ки онҳо ҷойи мубориза барои кори мусбати эҷодиро гирифтанд...зарба ва шикасти қатъӣ хоҳад дод ва умедвор аст, ки анҷумани нависандагон дар таҳти шиори муттаҳид кардани қувваҳои маданӣ ва нависандагон дар платформаи Ҳокимияти шӯроӣ, худтанқидкунии виҷдонӣ хоҳад гузашт».

Бояд гуфт, ки Бройдо барои ҳолу ҳавои солим дар ҷамъияти нависандагон аз аввали фаъолият диққат ҷалб карда буд. Вай бахусус гурӯҳбозӣ барин як маразеро, ки дар ибтидои солҳои 30 дар муҳити илмиву адабии Тоҷикистон хеле ривоҷ ёфта, бо истифода аз дастурҳои «покизагии мафкура» ва «муборизаи синфӣ» гоҳо вазъи ногувор гирифтаву ба беадолатӣ ва қисматсӯзиҳо сабаб мегардад, бо қатъият аз байн бурд. Бройдо ба ҳамин васила кӯшид, ки анҷумани нависандагон дар рӯҳияи солими хайрхоҳӣ ва созандагӣ омода шавад ва баргузор гардад. Аз ҷумла, Комилӣ ва Бектошро, ки дар илму маорифи тоҷик хизматҳои арзанда карда буданду вале дар асари «хусуматҳои гурӯҳӣ» аз ҳизб ва вазифаҳои муҳими илмӣ озод ва ба ҳабс гирифта шуда буданд, озод намуд. Балки эшон дар Анҷуман иштирок карда, дар кори он саҳм гирифтанд. Сарвар, ки аз узви Иттифоқи нависандагон ронда шуда буд, дар рӯзи анҷуман бо мақолаи шеърӣ баромад мекунад, ки ин бояд нишонаи эътирофи вай бошад. Гумон меравад, ки М. Турсунзода ва С. Улуғзода, ки чанде пеш ба гурӯҳи болоӣ ҳамдаст дониста шуда, ҷазо гирифта буданд, низ аз мадди назари ӯ дур намонданд.

Аз ҳама муҳимаш Бройдо кӯшиш кард, ки Анҷуман нишонгари мавҷуд будани қувваҳои адабии маҳаллӣ шавад, соҳиби фарҳангу адаби ғаниву бисёрасра будани миллати тоҷикро ба субут расонад ва аҳли адаби тоҷикзабон дар ҷодаи эҷоди адабиёти миллӣ масъулияти ҷиддӣ эҳсос намоянд.

Ҳамин тавр, бегоҳии **10 май** дар хонаи Аскарони сурх 300 нафар вакилон аз ҳамаи манотиқи Тоҷикистон ва тоҷикзабонон, инчунин меҳмонон барои гузаронидани анҷуман гирдиҳам меоянд. Саҳна, чун анъана бо сурати доҳиёни ҳизб, бо гулу гулдаста ва боз бо сӯзании миллӣ оро дода шудааст. Ҷаласаро Раиси Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон рафиқ **Носиров** ифтитоҳ менамояд.

Сараввал бюрои фахрии анҷуман интихоб мешавад, ки ба он дар баробари роҳбарони ҳизбӣ бо сарварии доҳӣ инчунин рафиқон Бройдо, Лоҳутӣ, Раҳимбоев, М. Горкий, Статский, Айнӣ дохил мешаванд.

Бо таклифи мудири шӯъбаи тарғибу маданияти КМ Хидиров аъзоёни призидиум дар ҳайати 32 нафар ташкил карда мешавад. Ва:

**«Ҳайати президиуми Съезди нахустини нависандагони Тоҷикистон**

Ба ҳайат рафиқон: Бройдо, Раҳимбоев, Исмоилов, Лоҳутӣ, Айнӣ, Носиров (Раиси Кумитаи ташкилотӣ), Хидиров (мудири култпрофи КМ), Мелник (Котиби КМ Комсомол), Аликсеев (кумитаи ташкилотии Осиёи миёнагӣ), Деҳотӣ (Самарқанд), Маҷидӣ (Ӯзбакситон), Рабиӣ, Армон (Арманистон), Ҷурмабеков (Туркманистон), Ҷолмирзоев (Қарақалпоқ), Пол Низан (Франсия), Раҳим Ҷалил (Хуҷанд), Тоҳирӣ (Панҷакент), Сафаров (Ғарм), Давлатшоҳ (Помир), Давидов (Совпроф) Миршакар (Вахш), Маҳмудова (Сталинобод), Тӯйғун (Сталинобод), Юртаев, Фузайлов (Тоҷикполк), Ҳамдӣ (Тошканд), Малшаков (Коммунисти Тоҷикистон), Дайламӣ (Тоҷикистони сурх), Тӯрақулов (Қизил Тоҷикистон), Музаффарова (Сталинобод) бо чапакзаниҳои дуру дароз интихоб карда шуданд». Ба

**Ҳайати таҳририя**

Хидиров, Розенерова, Расулӣ, Савосин, Дайламӣ, Малшаков, Турақулов, Ҳошимов, Латипов, Қурбонов, Исмоилзода дохил гардиданд.

**Котибот**

дар ҳайати:

Баҳромӣ, Нурмуҳаммадов, Познанский, Турсунзода, Каримзода, Алӣ Хуш ва Набӣ Фахрӣ;

**Комиссияи мандат**

дар ҳайати:

Расулӣ, Дайламӣ, Аҳмедов Д., Раҳимӣ ва Азимов Ҷӯра интихоб мешаванд.

Пас аз сомон додани ҳайати раёсати анҷуман, котиби Кумитаи ташкилотии ИНШ Тоҷикистон рафиқ Носиров суханро ба раиси фахрии Нависандагони шӯроии Тоҷикситон, ба шоири пролетарӣ рафиқ **Лоҳутӣ** медиҳад.

Устод Лоҳутӣ муддати 3 соат ба тоҷикӣ ва русӣ дар назди вакилон ва меҳмонони анҷуман таҳти унвони «Барои кори амалӣ, барои дар таҳти роҳбарияти партия кор кардан» суханронӣ мекунад.

Лоҳутӣ аз анҷумани дувуми ҲК Тоҷикистон, ки анҷумани ғалаба бар унсурони кулакҳо, бар аҳволи рӯҳияи буржуазӣ ва ислоҳи хатоҳо меҳисобад, сухани худро оғоз карда, расидани айёми наверо дар

корҳои Тоҷикистон ва ҷамъияти нависандагони он таъкид намудааст. Ба фикри Лоҳутӣ ба анҷуман муяссар шудааст, ки афроди бори адабиёт ба душ доштаро ҷамъ оварад, ҳол он ки чанде пеш нависандагон пароканда буданд ва ҳатто маҷбур шуда буданд, ки Тоҷикистонро тарк кунанд, зеро дар як-ду сол пеш ба аҳли адаб тазйиқ оварда, якеро аксулинқилобӣ меҳисобиданд, дигареро аз ҳайати нависандагон хориҷ мекарданд ва савумиро аз ҳуқуқи гражданӣ маҳрум сохта, умуман ба вай барои зиндагиашро сомон додан кор ҳам намедоданд. Ин ҳама чун айби роҳбарони кӯҳна тавзеҳ шудааст.

Пас устод ба таҳлили вазъияти кори адабӣ дар Тоҷикистон мепардозад ва изҳор медорад, ки худи ҳамин анҷуманро, ки нависандагони гунаҳкору рӯ ба гурез оварда ва пинҳоншударо ҷамъ овардааст, яке аз муваффақиятҳои калон ҳисобидан равост. Меарзад, ки ҷиҳати моддии нависандагон беҳ карда шавад ва аз ин гузашта вазъи маънавии онҳоро хуб кардан лозим аст.

Устод Лоҳутӣ аз қувваи бузурги дигарсозандаи шуури одамон будани адабиёт ёд мекунад. Ба фикри ӯ «Баъзан якчанд шеър ҳазор бор зиёдтар аз садҳо лексия ва даҳҳо китобҳои илмӣ маълумот медиҳад». Аммо он ин вазифаро ҳамон вақт ба иҷро расонида метавонад, ки воқеан асари адабиёт бошад.

Барои иҷрои ин кор ӯ чунин вазифаҳои муҳимро пеши нависандагони тоҷик гузоштааст:

— Мо бояд ва вазифадор ҳастем забони худро нағз донем, мо бояд вайро аз ҳамаи ифлосиҳое, ки дар вай ҳастанд, тоза кунем ва мо махсусан инро дар ҳаққи забони тоҷикӣ кунем...

— дар баробари забон техникаи (ҳунари) адабиёти худро аз худ кунем; зеро ба ин забон (и форсӣ) 50 миллион аҳолӣ дар хориҷ гуфтугӯ мекунад, вале техникаи адабиёт дар он ҷо ба дараҷае баланд аст, ки адабиёти Тоҷикистонро ба онҳо нишон додан, ҳатто, барои мо айб аст. Агар инро эътироф накунем, - гуфтааст Лоҳутӣ, - пас мо адабиёти нағзи бадеӣ доштан намехоҳем.

— ба фикри Лоҳутӣ адабиёти шӯравӣ аз ҷиҳати мазмун баланд аст, инро дар хориҷ ва ҳатто ҳамзабонони хориҷиамон низ эътироф мекардаанд. Ва ин ҳам вазифадор мекунад, ки аз ҷиҳати ҳунарӣ босавод шавем ва умуман савод доштан барои нависанда бисёр лозим аст.

— вай бо таъкид гуфтааст, ки бояд лирикаи адабиёти Эронро биомӯзем. Вай дар ин масъала хеле дуруст ва ботаҳайюр чунин изҳор мекунад: «Рафиқони мо аз тамоми асарҳои кӯҳна якбора эълони ҷанг ва байкот кардаанд. Онҳо мегуфтанд «дар сурате, ки ин асарҳо асарҳои кӯҳна, асарҳои пешазинқилобӣ ҳастанд, онҳо аз они

мо нестанд». Ман рафиқонеро медонам, ки онҳо Саъдиро душмани синфӣ ҳисоб мекунанд».

Лоҳутӣ ба такрор масъалаи омӯхтани ҳунари нависандагӣ, шакли адабии босифатро ба миён мегузорад ва аз ин ҷиҳат нависандагону шоирони тоҷикро мазаммат мекунад, ки чизе барои пешниҳод кардан ба хонандаи хориҷии ҳамзабон надоранд.

Устод Лоҳутӣ гурӯҳбозиро дар байни адибон мазаммат намуда, онҳоро ба ҳамкории эҷодӣ, тарбияи адибони ҷавон даъват мекунад ва дар ин бобат Айниро истисно мешуморад.

Даъвати охирини устод низ иборат аз омӯхтани ҳунари нависандагӣ, ёрӣ ба ҳамдигар, эҷоди асари нағзи шӯроӣ, омӯзиш барои босаводии худ ва босаводии рафиқони дигар будааст.

Воқеан, агар ин ҳама суханони Лоҳутиро мулоҳиза кунем, пас маълум мешавад, ки сарварони адабиёт ҳамон қадар, ки ба мазмуни нав диққат медодаанд ва боз зиёдтар аз он аз пайи баланд бардоштани сифати осор ва ҳунари нависандагӣ буданд. Ин чунин маънӣ дорад, ки анҷумани нависандагон дар заминаи дурусти дарки табиати кори эҷодӣ фаъолияти худро оғоз карда, кӯшишҳои пеш аз ин дар ин маврид шударо тақвият додан мехост. Зиёда аз он, маълум мешавад, ки инкори саросарии мероси гузашта, агар таълим дар мактабҳоро сарфи назар кунем, дар такомули кори адабӣ ва омӯзиши маҳорати эҷодӣ гапи сустбунёд будааст.

Суханронии Лоҳутӣ ба кори рӯзи аввали анҷуман анҷом мебахшад.

**11 май** – рӯзи дуюми анҷуман. Ҷаласаи саҳариро Хидиров оғоз мекунад. Дар мавриди аввал табрики Совпрофи Тоҷикистон ва Бригадаи Кумитаи ИНШ СССР хонда мешавад, ки аз ҷумла дар он омадааст: «маданияте, ки ба ҷаҳон ёдгориҳои Самарқанд ва шоҳкори Фирдавсиро додааст, табрик мегӯем».

Сипас, аз номи КМ ПК(б) Точикистон ва ҳукумати он бо нутқи муфассал **А. Раҳимбоев** суханронӣ намуд, ки дар матбуот таҳти унвони «Барои муваффақиятнок ҳал кардани вазифаҳои таърихии панҷсолаи дуввум бо ҳамроҳии партия ба пеш» (БАС, 1934, № 5-6, с. 5-9) чоп шудааст.

А. Раҳимбоев дар бораи шароити хоси Тоҷикистон ва дастовардҳои он дар сохтмони сотсиалистӣ таваққуф карда, ба таҳлили вазъи адабиёту фарҳанг мегузарад. Ба ақидаи ӯ дар Тоҷикистон «маданият миллишакл ва сотсиалистимазмун низ тараққӣ карда истодааст». Вай аз равнақи адабиёт ва ташкилотҳои нависандагон сухан ронда, онро бо мисолҳо собит мекунад: «Дар соли 1929 Тоҷикистон фақат 9 асари адабӣ, 16 листи чопӣ, 21000 ҷилд адабиёт дошт». Дар соли 1933 – 28 асар, 80 листи чопӣ, 97000 адабиёт дорад. Дар соли 1934

танҳо дар семоҳаи якум ба миқдори 59 листи чопӣ адабиёт нашр карда шудааст.

Миқдори нависандагони миллии мо ҳам афзуда истодааст. **Дар соли 1930 онҳо 20 нафар буданд, вале соли 1934 мо қариб 100 нафар нависандаи тоҷикро дорем. Аз инҳо 46 нафар дар забони тоҷикӣ асарҳои адабии худро доранд** (таъкид аз мо – А. Н.). Тоҷикистон бо чунин адибҳои бузурги худ монанди Лоҳутӣ, Айнӣ...ифтихор мекунад». А. Раҳимбоев аз шоири колхозчӣ – Рабиӣ, шоиру шоираҳои ҷавон Рустамова, Маҳмудова, Ғанӣ ва Рашид Абдулло, Тӯйғун, Миршакарро ном мебарад ва нависандагони ҷавон Турсунзода, Каримзода, Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Дунган, Алӣ Хушро ба хушнудӣ ном мегирад.

Асарҳои драмавии драматургони ҷавон «Мубориза»-и Усмонов, «Душман»-и Ҷалол Икромӣ ва «Ҳукм»-и Турсунзодаро тавсиф кардааст. Тарҷума низ оҳиста ҷон мегирад ва имрӯз асарҳои Горкий, Шолохов, Войнич, Гюго ва дигарон ба тоҷикӣ баргардон шудаанд, таъкид кадааст вай.

Дар ҳамин маврид ва умуман вобаста ба кори анҷуман бояд як нуктаро тавзеҳ дод. Дар адабиёти илмӣ ақидае ҳаст, ки ба сабаби ҷазои комсомолӣ гирифтанаш М. Турсунзода дар кори анҷуман ва маърӯзаҳо ҳеҷ мақоме надоштааст (Ошёни меҳр, - Душанбе: адиб, 2001, с. 217-218). Аммо далелҳо собит мекунанд, ки М. Турсунзода вобаста ба имконияте дошт, хубу бомаврид қадр карда шудааст...

А. Раҳимбоевро низ сифати асарҳои адабии адибони тоҷик қаноатманд накардаанд ва ӯ дар ин бобат бисёр кор карданро ба миён гузоштааст. Вай, мисли аксари гузоришгарон, камбудиҳоро ба сиёсати нодурусти Н. Махсум ва А. Ҳоҷибоев мепайвандад ва таъсири онро дар мисоли ҳикояи «Бузкашӣ»-и Азизӣ ва асарҳои Бектош гӯё нишон доданӣ мешавад.

Ба ақидаи А. Раҳимбоев роҳбарони кӯҳна нисбат ба аҳли адаб сиёсати зуровариро муносиб медонистаанд, мутахассисони миллиро гурезонда, террор карда, пароканда намудаанд. Вай гуфтааст: «Дар натиҷаи ҳамин гуна роҳбарии пӯсидаи «чапӣ» дар амал сиёсати аз Союзи нависандагон баровардани як қатор нависандагон ва адабиётчиён пеш бурда шудааст. (Ғанӣ Абдулло, мутарҷими «Занбӯр» ба забони тоҷикӣ – Улуғзода ва дигарон). Бисёр нависандагон маҷбур шуданд, ки Тоҷикистонро партофта раванд. Улуғзода дар яке аз қишлоқҳои вилояти Тошканд муаллим шуда кор кардааст».

Сипас, А. Раҳимбоев рӯзномаҳои руспубликавӣ, бахусус «Тоҷикистони сурх»-ро барои танқидгурезӣ мазаммат мекунад ва чапгароии ӯро дар айни замон фош менамояд.

Дар ҷараёни маърӯзаи А. Раҳимбоев оид ба эҷодиёти устод Айнӣ низ радду бадали фикр шудааст. Масалан, А. Раҳимбоев далели ба ташкилоти адабии Ӯзбакистон муроҷиат кардани Саидов ном адиби тоҷикро барои таълифи асар ба забони ӯзбакӣ мисол меорад. Ва Бройдо дар ин маврид чунин луқма медиҳад: «Мегӯянд, ки Айнӣ ҳам ба забони ӯзбакӣ навиштанӣ шудааст». Дар ин маврид устод Айнӣ аз роҳбарони кӯҳна шикоят кардааст, ки ба номаи ӯ дар бораи навиштани асари нав ҷавоб надоданд ва вай ин иҷозатро танҳо апрели соли 1934 гирифтааст. Зоҳиран бояд сухан дар бораи таълифи румони «Ғуломон» равад, ки устод онро бо ӯзбакӣ сар кардаву пештар анҷом дода буд.

Мавриди дигар, ҳангоме ки А. Раҳимбоев «Намунаи адабиёти тоҷик» ва қисмати талхи онро ба «саргуми»-и замони роҳбарони кӯҳна вобаста мекард, Бройдо боз бо луқма аз мавҷуд будани маводи ба ҳукумати шӯро номувофиқ дар асари мазкур пурсон мешавад.

Ин масъаларо устод Лоҳутӣ хеле муфассал, асоснок ва бо кинояи «коммунистони садфоиза» шарҳу тавзеҳи қаноаткунанда додааст.

Ва дар ҳамин маврид Бройдо зарурат ва имконияти навиштани «Таърихи Тоҷикистон»-ро ба миён гузоштааст.

А. Раҳимбоев ба масъалаи танқиди марксистӣ ва худтанқидкунӣ, иқрори гуноҳҳои худ аз ҷониби ашхоси маҳкумшуда ҳарф зада, ислоҳ шудани онҳоро табрик мекунад. Зимнан, мегӯяд, ки Бектош ба Бройдо ариза навишта хоҳиши навиштани «Таърихи тоҷикистон»-ро кардааст, ки бояд ба вай дар ин кор имконият фароҳам овард. Аммо ба чӣ анҷомидани ин нияти хуб то ба ҳол номаълум мондааст.

Аз суханронии А. Раҳимбоев як чиз маълум аст, ки сарварони ҷумҳурӣ нисбат ба адабиёт ва нависандагону шоирон хоҳиши ҷиддии кӯмак кардан доранд ва ба инкишофи босифати он манфиатдоранд, масъалаҳоро танҳо ба фарогирии сиёсат дар адабиёт маҳдуд намесозанд, балки хоҳони ба миён омадани адабиёти воқеии миллӣ бо мазмуни сотсиалистӣ мебошанд. Ва ин оғози хубе буд, вале солҳои минбаъда ва тағйири сиёсат масъалаҳоро ба куллӣ ба ҷониби муқобил равона сохтанд, ки ин ҷо мавриди гуфтугӯи он нест.

Дар ҷаласаи бегоҳии рӯзи 11 май табрики Кумитаи ташкилотии нависандагони Самарқанд ва Қазоқистон ба съезд расонида мешавад.

Сипас, раиси Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон рафиқ **Носиров** бо маърӯзаи ҳисоботӣ баромад мекунад (БАС, 1934, № 5-6, саҳ. 11-15).

Баромади С. Носиров дар рӯҳияи ба суханрониҳои А. Лоҳутӣ ва А. Раҳимбоев умумӣ оғоз ёфтааст: яъне сухан аз бартарии сохти

сотсиалистӣ ва имконияти ривоҷи адабиёт дар он меравад. Вай барои мисол далелу арқоми А. Раҳимбоевро оид ба ривоҷи табъу нашр такрор мекунад. Маълум мешавад, ки **ҳаракати адабии Тоҷикистон аз 20 нафар нависандаи ғайри муташаккили соли 1930 дар замони баргузории анҷуман ба зиёда аз 100 нафар расидааст** ва эшон хоҳиши дар Иттифоқи эҷодӣ фаъолият карданро доштаанд.

С. Носиров ҷараёни ташаккули ҳаракати адабиро ба ёд оварда, камбудӣ ва чаправиҳои АПП-ро дар мисоли муносибати нодуруст ба шоирони кӯҳансол, бахусус нисбат ба П. Сулаймонӣ танқид мекунад. Вай гуфтааст, ки ба тақозо ва «фармони боло» аз ҷониби Кумитаи ташкилӣ низ аз ин қабил норасоиҳо зоҳир гардид. Аз ҷумла, шоирони насли калон Мунзим, Сарвар ва Муинзода бе сабаби ҷиддӣ аз сафи нависандагон ронда шуданд ва нисбат ба ҷавонон низ чунин сахтгирӣ ва беадолатиҳо раво дида шуд. Бо ташаббуси роҳбарони кӯҳна Комилӣ ва Бектош на танҳо ҷазоҳои сахт мебинанд, балки ба хешу ақрабои онҳо низ тазйиқ оварда мешавад.

С. Носиров гуфтааст, ки ба сабаби бефарқӣ ва хунукназариҳо дар гузашта ба кори ба китобхона ҷалб кардани китобҳои хаттию қаламии мусодирашуда ва намунаҳои адабиёти гузашта, ки аҳамияти илмӣ ва адабӣ доштанд, монеа бунёд карда мешуд, ба ташаббускоронаш (масалан, ба худи вай) бошад, айбҳои мафкуравӣ эълон медоштанд.

Дар баромади С. Носиров оид ба камбудии корҳои адабӣ, бахусус эҷодиёти адибони ҷавон таваққуф шудааст. Хусусан шеърҳои Ғ. Ализода, Турсунзода ва аз бузургон Суҳайлиро ба халтурагуна буданшон мазамммат мекунад. Ба назари вай Деҳотӣ дар «Манзараҳои сегона» аз худ ҳунар ва соҳибистеъдодӣ нишон додааст. Сабаби бисёр роҳ ёфтани камбудӣ дар асарҳои ҷавононро ӯ аз он донистааст, ки эшон камтаҷрибаанд ва дар болои асарҳояшон кам кор мекунанд.

С. Носиров ба фаъолияти Кумитаи ташкилӣ таваққуф карда, қайд менамояд, ки он дар муддати фаъолияти худ 55 қарору резолутсия қабул карад, 3 пленум гузаронидааст. Ва кумита ин корҳоро бе ягон буҷа иҷро мекардааст, ки ин як сабаби мушкилӣ дар амалӣ сохтани реҷаҳои он мегардидааст. Ин вазъ, ба қавли вай, дар замони роҳбарияти нав ислоҳ мешавад ва Кумита минбаъд ҳам дар корҳои худ маблағ меёбад ва ба нависандагон кӯмак расонида метавонистагӣ шудааст.

Дар баромади С Носиров як нуктаи муҳим он аст, ки ӯ ба хатоҳои гузаштаи худ иқрор мешавад. Аз ҷумла вай баҳои нодурусташро нисбат ба тавзеҳи Бектош дар бораи қазияи босмачигарии то

инқилоб эътироф мекунад. Ҳамчунин муносибати беадолатона нисбат ба Комилиро маҳкум менамояд.

Ӯ эътироф кардааст, ки пештар фаъолияити Кумитаи ташкилотӣ бештар ба айбҷӯиву айбгузорӣ ва ҷазодиҳӣ равона шуда буд, аммо дар масъалаи кори эҷодӣ, вусъати адабиёт ва тарбияи ҷавонон кори муассире ба ҷо оварда нашудааст. Ин камбудиҳоро ислоҳ кардан ва чораи ривоҷи адабиёти нави тоҷикро дидан лозим аст, - хулоса мекунад С. Носиров.

Баъд анҷуман ба муҳокимаи суханронии С. Носиров оғоз мекунад ва он рӯзи 12 май идома меёбад. Маҷлиси пагоҳиро Лоҳутӣ мекушояд. Рафиқон Исоев (Бауманобод), Обид Исматӣ (Сталинобод), Ҷаррор, Ғанӣ Абдулло, Алӣ Хуш, Ҷабборов, Алӣ Ҳусайн (Тоҷикистони сурх), Раҳим Ҷалил (Хуҷанд), Юртаев (хонаи Аскарони сурх) ба музокира баромадаанд.

Онҳо кори сусти Кумитаи ташкилӣ бо нависандагон ва ба Кумита мадад накардани худи нависандагон, набудани алоқа ба муассисаҳо, колхозҳоро танқид мекунанд. Ғанӣ Абдулло, Алӣ Хуш, Ҷабборов ва Раҳим Ҷалил аз камбудиҳои худ ва танқидҳои сахти «чапӣ», ки дар ҳаққи онҳо шуда буд, сухан ронда, аз пайи ислоҳи камбудиҳо буданашонро изҳор доштаанд.

Дар рӯзҳои анҷуман раиси ГПУ Минжинский ва фарзанди М. Горкий фавтиданд, ки раёсати анҷуман ва вакилони он ба ин ҳодисаҳо муносибати худро ифода кардаанд.

Дар ҳамин рӯз нависандаи фаронсавӣ **Пол Низан** низ суханронии муфассале кардааст.

Баъд, дар маҷлиси бегоҳӣ Тоҳирӣ (Панҷакент), Миршакар (Вахш) ва Т. Алексеев (Кумитаи Осиёимиёнагии нависандагон) ба музокира мебароянд. Масалан, Миршакар аз кори эҷодӣ ва истеҳсолии худ маълумот дода, оқибати гурӯҳбозиро дар нисбат ба Комилӣ ва Бектош маҳкум мекунад. Т. Алексеев диққати вакилонро ба баланд бардоштани сифати корҳо, амиқ омӯхтани мавзӯи тасвир, кори ҷиддӣ дар болои забони асарҳо ва дарунмояи онҳо ҷалб намудааст.

Дар рӯзи **13 май** музокираҳо аз рӯи суханронии С. Носиров идома меёбад ва рафиқон Сафаров (Ғарм), Давлатшоҳ (Помир), Турсунзода, Рабиӣ ва Хидиров баромад мекунанд.

Аз ҷумла, мудири бахши фарҳанги КМ ҳизб рафиқ **Хидиров** дар мавзӯи «Барои муттаҳид шудан дар атрофи партия, барои худтанқидкунӣ ва танқиди болшевикӣ» (БАС, 1934, № 5-6, с. 16-19) суханронӣ кардааст.

Чунин ба назар мерасад, ки ин котиби дирӯзаи ҳизбии ш. Уротеппа, аз сиёсати фарҳангии ҳизб ва таърихи мубоdo ризаҳо (ақидаҳои Троцкий, Бухарин), тарафдорону муқобилони ташаккули маданияти

пролетарӣ хуб огоҳ аст. Ва дуруст таъкид мекунад, ки роҳбарони АПП-и Тоҷикистон корҳои дар дигар манотиқ мешударо бе баҳисобгирии вазъи кишвари мо дар ин ҷо татбиқ карданӣ шуда, ба хатоиҳои дағали «чапӣ» роҳ медоданд. Мақсадашон фаҳмидани вазъ ва тарбия кардани аҳли адаб набудааст. Аз ин ҷиҳат Бектош, Азизӣ, Суҳайлӣ ва Мунзимро мисол меорад, ки асосан ноҳақ танқид ва гунаҳгор ҳисобида шудаву ҷазо дидаанд, ҳол он ки моҳияти қазияҳои илмии онҳо (Бектош)-ро фаҳмидан лозим ва хатоҳои дигаронро нишон додан, барои ислоҳаш кӯшидан кори оқилонае мебуд.

Хидиров, хусусан ба ақидаи ба таври дурушт ба тамоми корҳои сохтмони хоҷагӣ пайвастани адабиёт ва дар ин амал ҷавобгар донистани аҳли адаб одилона муқобил баромада, тарафдорони онро сахт танқид мекунад. Нуқтаи назари вай нисбат ба муносибати мероси адабӣ низ солим аст, Мисли Лоҳутӣ ва Айнӣ аз онҳо истифода карданро талаб мекунад ва роҳи ин ду устодро ягона роҳи солими расидан ба офаридани адабиёти замонӣ меҳисобад.

Дар маҷлиси бегоҳии рӯзи 13 май бошад, нависандагони ҷавон Ҳаким Каримзода ва Ғанӣ Абдулло нависандагон Турсунзода, Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил ва Туйғунро ба муносибати 10-солагии Тоҷикистон ба мусобиқаи эҷодӣ барои офаридани асари баландсанъат бахшида ба сохтмони сотсиалистӣ дар Тоҷикистон даъват мекунанд. Даъват қабул мешавад ва барои офаридани китоб дар бораи Комбинати абрешими Хуҷанд дастаи эҷодӣ ташкил дода мешавад.

**14 май** дар анҷуман муҳокимаи суханронии ҳисоботии С. Носиров анҷом мепазирад. Рафиқон Содиқов (Котиби масъули Кумитаи ташкилотӣ), Глазков, Расулӣ (КМ), Музаффарова, Тӯрақулов (Қизил Тоҷикистон), Комилӣ, Дайламӣ (Тоҷикистони сурх) баромад мекунанд.

Дар ин маврид як нуктаи муҳим он аст, ки дар анҷуман дар ҷаласаҳои **бегоҳии 14 ва субҳи 15 май Комилӣ** дар бораи забони адабиёти тоҷик маърӯза кардааст. Ин ҳам аҷиб аст, ки вай чанде пеш аз узвияти ҳизб берун ва сарвари миллатчиёни маҳаллӣ ба шумор оварда шуда буд. Афсӯс, ки матни маърӯзаи вай дастрас нест ва дар ҷое чоп нашудааст. Аммо месазад, ки дар бораи фаъолияти вай дар соҳаи маорифу фарҳанг ва илму адабиёти тоҷик тадқиқоти алоҳида бурда шавад.

Бегоҳии 14 май маърӯзаи **Виктор Шкловский** дар мавзӯи «Инъикоси Тоҷикистон дар адабиёти рус» шунида мешавад. Вай ибтидои ин мавзӯъро ба асри XIII нисбат медиҳад ва ривоҷи онро дар асри XIX ва ибтидои асри XX ва, бахусус, баъди инқилоб тавсиф карда, ба чунин хулосаи ҷолибе расидаст: **«Дар бораи Тоҷикистон бояд пеш**

**аз ҳама, зиёдтар аз ҳама ва беҳтар аз ҳама худи нависандагони Тоҷикистон бинависанд».**

Баъд дар бораи «Ташкили кор бо ҷавонони адабӣ» рафиқ Зинкевич маърӯза мекунад. Вай аз таърихи тарбияи адибони ҷавон ва саҳми М. Горкий дар ин амал нақл намуда ва ташкили машварат (консултатсияҳо), маҳфилҳои адабӣ ва бо адибони калонсоли таҷрибадор вобаста кардани ҷавононро шаклҳои самарабахши кор бо онҳо медонад. Аз ҷумла, вай гуфтааст: «**...техникаи нависандагиро ёд гирифтан даркор аст, барои ин адабиётро омӯхтан, мероси гузаштаро омӯхтан ва ҳаётро донистан, эҷодкориро аз худи ҳаёт омӯхтан лозим аст».**

Ҳамчунин дар ин рӯз Туйғун дар бораи вазъи драматургияи тоҷик суханронӣ мекунад.

Вале ҳодисаи муҳими рузи 15 майро маҷлиси бахшида ба ҳазораи Фирдавсӣ ба шумор овардан мумкин аст. Ин маҷлисро устод Лоҳутӣ ифтитоҳ бахшидааст. Кам шоирон – гигантҳо ҳастанд, ки ҳазорсолаи онҳо қайд шуда, аз хотираҳо фаромӯш нашаванд. «...Ба ин гиганти сухани бадеӣ бешубҳа шоири шаҳири Эрон Фирдавсӣ мансуб аст»- сухани худро Лоҳутӣ дар бораи ҳазораи Фирдавсӣ чунин сар карда, дар бораи тайёрии ҷашни ӯ, ки дар Маскав ва Ленинград мерафт, маълумот додааст. Ташкили сесияи илмӣ ва нашри китобҳову мақолаҳо ба ин омодагӣ дар назар гирифта шудаанд. Лоҳутӣ гуфтааст, ки Фирдавсӣ барои адабиёти Тоҷикистон махсусан аҳамияти бузург дорад. Ва, сипас, барои маърӯза дар бораи эҷодиёти Фирдавсӣ сухан ба профессор **Фитрат** дода мешавад. Ҳусни таваҷҷӯҳи вакилон ба ин мавзӯъ аз он низ маълум мешавад, ки ҳама дафтарчаҳои қайд кушода, қалам дар даст, ба минбар наздиктар меоянд ва маърӯзачӣ суханро аз рӯзгору корномаи Фирдавсӣ сар мекунад... Матни маърӯзаи хуби Фитрат, ки бештар ба маҳорати Фирдавсӣ бахшида шуда буд, бо зикри нуктаҳои асосӣ дар матбуот дарҷ шудааст. Фитрат махсус таъкид кардааст, ки «Бояд нависандагони Тоҷикистон навиштани забон ва додани шаклро аз Фирдавсӣ ёд гиранд». Дар анҷом байни Фирдавсӣ - ин ҳамосасарои бузург ва шоири инқилобии муосир Абулқосим Лоҳутӣ будани нуқтаҳои пайванд дар хизмати адабии эшон барои ривоҷи адабиёти халқҳои форсизабон махсус таъкид карда мешавад. Дар охир гӯё ҳама бо як овоз «Зинда бод Лоҳутӣ – Фирдавсии Тоҷкистони шӯравӣ» гуфтаанд. Лоҳутӣ бошад, Айниро аз ҷой хезонда ба ҳамаи зал нишон медиҳад ва мегӯяд: «Ана ин кас меросбари арзандаи Фирдавсӣ аст. Дар байни шумоён низ бисёр адибони сазовори давру замон ба воя мерасанд. Мероси ғании Фирдавсиро омӯзед ва кори такмили маҳоратро ҳеҷ гоҳ қатъ накунед». Лоҳутӣ, Фитрат

ва Содиқов аз осори Фирдавсӣ намунаҳо мехонанд ва бо сухани мутантан, мукаммал ва муҷаззои Фирдавсӣ ҷаласа хотима меёбад.

Ҳаминро низ қайд кардан лозим аст, ки дар ҷараёни анҷуман ба кору хизмати ин ду устод – Лоҳутӣ ва Айнӣ бисёр таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад. Шояд ин аз он сабаб аст, ки ба ҷавонон дарс шавад ва онҳо низ дар кори адабӣ барои расидан ба дараҷаҳои адабиву ҷамъиятии ин ду устод ҷадал намоянд. Масалан, дар ин рӯзҳо (аниқтараш 14 май) чанд маҳалле аз ҷамоати Харангон ва ҷамоати Ховалинг ба унвони Айнӣ, Дохунда ва Лоҳутӣ номгузорӣ шудаанд. Бо қарори муттаҳидаи КМ ПК(б) Тоҷикистон, СКХ ва КИМ-и ҷӯмҳурӣ бошад Лоҳутӣ бо ордени Ленин мукофотонида мешавад.

Ҷаласаи саҳарии **16 май** бо муҳокимаи маърӯзаҳои Шкловский, Комилӣ, Туйғун ва Зинкович идома меёбад.

М. Расулӣ дар баромади худ масъалаи «салоҳ будани газетаи адабиро дар Тоҷикистон» ба миён гузоштааст.

Профессор Фитрат низ он рӯз дар анҷуман маърӯзаи муфассал кардааст. Ҳамчунин Ҷалол Икромӣ, Исмоилзода, Каримов (Панҷакент), Исоев (Бауманобод) бо музокираҳо дар кори анҷуман иштирок доштаанд.

Дар маҷлиси пагоҳии **17 май** рафиқон Бектош (дар дигар сарчашмаҳо ин баромад 13 май нишон дода шудааст), Деҳотӣ (Самарқанд), Чирпов, Познанский (мудири Тоҷикфилм), Умарҷонов, Мар (Сталинобод), Абдуллоев (Хуҷанд), Маҳмудов (режиссёри театри давлатӣ) иштирок мекунанд. Ин ҷо низ дар мавриди Бектош ҳаминро гуфтан лозим аст, ки маҳз ба туфайли сиёсати одилонаи Бройдо ӯ аз ҳабс озод карда шуда, аз нав ба корҳои илмию эҷодӣ баргардонида мешавад.

Дар маҷлиси бегоҳии рӯзи 17 май устод Айнӣ ва Расулӣ (комиссияи мандатӣ) ба музокира баромадаанд. Маърӯзаи Айнӣ низ дар матбуот чоп нашудааст, бинобар ин аз мӯҳтавояш огоҳ нестем.

Рӯзи **18 май**, шабона устод Лоҳутӣ маҷлиси 15 - уми анҷумани Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистонро мекушояд. Дар ин ҷаласа ба ҷуз аз вакилони анҷуман коркунони масъули идораҳо, донишҷӯёну хонандагон иштирок кардаанд.

Лоҳутӣ кори анҷуманро хулоса карда диққатро: а) ба бартараф кардани саҳвҳои гузаштаи нависандагони Тоҷикистон; б) ба нокифоя будани худтанқидкунӣ дар анҷуман; в) ба вазифаҳои ояндаи нависандагон ҷалб намуда, роҳ надодан ба гурӯҳбозӣ ва ҳуҷумҳои бемавқеъ ба кори Иттифоқи нависандагонро таъкид кардааст.

Комитети Иҷроияи Марказии шӯроии Тоҷикистон рафиқ Шотемур қарори партия ва ҳукумати Тоҷикистонро дар бораи ба рафиқ Лоҳутӣ додани нишони Ленин эълон мекунад, ки аз ҷониби вакилон

истиқболи гарму ҷӯшон мебинад. Полки савораи кӯҳии Тоҷикистон ӯро ба сифати аскари сурхи фахрӣ қабул мекунад ва шаҳодатнома медиҳад...

Пас аз ин ҳама тантанаҳо сухан ба Котиби якуми КМ ПК(б) Тоҷикистон **Г. И. Бройдо** дода мешавад. Чунон ки дар боло дар мавриди муносибати Бройдо ба фарҳангу адабиёт ва миллати тоҷик гуфта шуд ва ҳамчунон ки дар кори тайёрӣ ва ҷараёни гузаронидани анҷуман мушоҳида кардем, тамоми рафти анҷуман ва рӯҳияи он мувофиқи дастурҳои ӯ сурат гирифт. Худи ӯ дар баромадаш гуфтааст: «Аҳамияти анҷумани нахустини нависандагони Тоҷикистон хеле фарозтар аз иҷтимоъи нависандагон аст. Ин иҷтимоъ, дар воқеъ, анҷумани қувваҳои фарҳангии мо, анҷумани ҷабҳаи маданӣ буд, анҷумане буд, ки тавассути он дурустӣ ва муассирии фаъолияти роҳбарияти нав санҷида шуд...» Мо дар мавриди мақом ва аҳамияти фаъолияти Бройдо, муҳтавои баромадҳои ӯ оид ба фарҳангу ҳунар ва дар анҷуман дар боло таваққуф кардем. Анҷуман низ дар заминаи нутқи Бройдо қарори махсус қабул кард, ки аз ин ду нукта иборат аст:

1. Баромади ҷамъбастии рафиқ Бройдо ҳуҷҷати барномавии фаъолияти минбаъдаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дониста шавад.

2. Ба Правленияи Иттифоқи шӯроии нависандагон супорида шавад, ки дар асоси баромади рафиқ Бройдо ва табодули афкоре, ки дар анҷуман ба вуҷуд омад, барои дар амал ҷорӣ шудани нишондодҳои дар баромади рафиқ Бройдо оид ба вазифаҳои дар назди Иттифоқи нависандагон гузошташуда чорабиниҳои мушаххас андешад.

Пас аз ин анҷуман ба бахши «Интихобот»-и рӯзнома мегузарад. Ба ҳайати нави иҷроияи марказии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон иборат аз 19 нафар ва ба Комисияи тафтиш иборат аз 3 нафарро интихоб мекунанд.

**Ҳайати аъзоёни идораи марказии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон**

аз рафиқони зерин иборат мебошад:

Лоҳутӣ, Айнӣ, Расулӣ, Носиров, Хидиров, Дайламӣ, Музаффарова, Рабиӣ (шоири колхозӣ), Маҳмудова, Икромӣ, Ғанӣ Абдуллоев, Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил (Хуҷанд), Раҳим Ҳошим, Миршакаров (Вахш), Тоҳирӣ, Комилӣ, Юртаев ва Туйғун.

**Аъзоёни ҳайати тафтиш:**

Тӯрақулов, Малишков ва Алӣ Хуш.

**Ҳайати вакилон ба анҷумани умумиттифоқии нависандагон:**

Лоҳутӣ, Айнӣ, Носиров, Раҳим Ҳошимов, Рабиӣ, Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҷалил, Миршакар, Туйғун.

Ҳамин тавр анҷумани якуми нависандагони шӯроии Тоҷикистон дар соати яки шаб ба кори худ анҷом мебахшад.

Дар охир бояд гӯем, ки аз кори анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон, ки имрӯзҳо дар атрофаш ақидаҳо мухталифанд, чӣ гуна натиҷаҳо бардоштан мумкин аст. Ба фикри мо, ба ҳамаи маҳдудиятҳо дар соҳаи дигарандешӣ, озодии эҷодиёт, талқини якфикрӣ, талаби сахт гаравидан ба сиёсат ва дар платформаи идеологияи коммунистӣ содиқ истодан нигоҳ накарда, анҷуман ба бисёр натиҷаҳои мусбат низ даст ёфт. Мо дар бораи бисёре аз онҳо дар мавридаш изҳори андеша кардем.

Дарвоқеъ, корҳои ташкилие, ки ба ин муносибат анҷом дода шуд, хеле бузург аст. Иттиҳоди қувваҳои адабии тоҷикзабон, ташкили нашрияи адабӣ, чопу табъи осори нависандагон ва ниҳоят, созмон ёфтани худи Иттифоқи нависандагон. Пас аз анҷуман тавассути Кумитаи ҷамъиятии Иттифоқи нависандагон низ як силсила чораҳо ва корҳои амалие андешида шуд, ки башубҳа, барои ривоҷи адабиёт мусоидат карда метавонист. Ин чорабиниҳо ба сурати зерин буданд:

«1. Дар назди кумитаи ҷамиятии иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон ин сексияҳо ташкил карда шуд:

а) Сексияи миллатҳои майда роҳбар Тӯйғун

б) Сексияи оммавӣ – Алӣ Хуш

в) Сексияи ҳарбӣ ва мудофиа – Юртаюф

2. Дар назди кумитаи ҷамъиятӣ барои ёрдам ба нависандагони ҷавони навкор машварат (консултатсия) ташкил гардид.

Ҳоло рафиқ **Ҳамдӣ** бо таври доимӣ дар кумита кор карда ба нависандагони ҷавон маслиҳатҳо дода истодаанд.

3. Кумитаи марказӣ ҳозир набудани газетаи махуси адабиро дар назар гирифта, қарор дод, ки барои ба таври мунтазам ташкил кардани саҳифаҳои адабӣ дар газетаҳои марказӣ ёрдам расонад.

Ҳозир ба гезатаҳои «Тоҷикситони сурх», «Коммунисти Тоҷикистон» ва «Қизил Тоҷикистон» музокира карда шуд, ки онҳо ҳар моҳ чор-панҷ бор саҳифаи адабӣ ташкил мекунанд. Барои ин дар ҳар як газета аз нависандагон ба ҳайати таҳририя ёрдамчӣ таъин карда шуд.

4. Кумитаи ҷумҳуриятӣ чоп шуда истодани асарҳои ӯзбакӣ ва русиро ба назар гирифта, хабар дод ки ҳар сол се алманах дар забони русӣ ва ӯзбакӣ баровагда шавад...

5. Кумитаи ҷумҳуриятӣ ба қабул кардани аъзоҳои нав шурӯъ кард. Кумитаи аъзоқабулкунӣ аз рафиқон Расулӣ, Раҳим ва Юртаюф таъин карда шуд...

6. Кумитаи марказӣ архиви шоири марҳум Мунзимро ҷамъ карда ба чоп тайёр карда, маҷмӯъаи шеърҳои нав ва кӯҳнаи Мунзимро ба як комиссияи махсус супорид.

7. Барои кружокҳои адабӣ прогроммаи муваққатии ду моҳа тартиб дода шуда, ба районҳо ва ба ҷойҳои лозимӣ фиристода шуд.

8. Барои ба ҳисоб гирифтани нависанда ва шоирони район ба районҳо барои гирифтани ҳисобот анкетаҳо фиристода шуд.

То 15 июн бояд ҳисоботи умумии ҷумҳурият тайёр карда шавад.

9. Дар назди муассисаҳои поёнӣ дар тобистон кружокҳои адабӣ ташкил карданро кумита дар назар гирифтааст:

а) дар пеши редаксияи газетаҳо роҳбар **Дайламӣ, Малшаков.**

б) дар пеши матбааи давлатӣ – **Обидӣ, Раҳимзода.**

в) дар пеши курси азнавтайёрии муаллимон – **Улуғзода, Алӣ Хуш, Муинзода.**

г) ба фабрикаи абрешим – **Ҷалол Икромӣ.**

ғ) хонаи аскарони сурх – **Юртаюф.**

д) полки тоҷикӣ – **Каримзода ва Раҳим Ҳошим.**

е) заводи пахта – **Обид Исматӣ.**

ё) рабфак – **Баҳлулзода.**

Ғайр аз ин ташкил кардани семинария барои нависандагон ба рафиқон Бектош, Улуғзода ва ба Р. Ҳошим супорида шудааст, ки ин семинарияҳо ташкил карда шавад:

а) Таҳлил ва хондани адабиёти классикӣ.

б) Таҳлил ва хонадни адабиёти рус ва ғарб.

в) Таҳлили асарҳои нави нависандагон.

г) Ҷараёнҳои адабӣ.

10. Куматаи ҷумҳуриятӣ тайёр кардани китобҳои бачагонаро ба гардани худаш гирифт. Ҳозир ду китобчаи манзуми бачагонаро аз русӣ иқтибос карда шуда, тарҷума карда шуд.

Аз он ҷумла «Муши аҳмақ» ном китобчаи Маршак аз тарафи рафиқ Ҳамдӣ ва «Почталён» ном китобчаи боз ҳам ҳамон нависанда аз тарафи Сиддиқ хеле бо услуби нағз тарҷума карда шуда ва кор карда шуд.

11. Ҳозир маҷмӯаи мукаммали асарҳои шоир Пайрав Сулаймонӣ дар матбааи Самарқанд хеле нағз кор карда шуда истодааст.

12. Кумитаи ҷумҳуриятӣ барои ба нашриёт ташкил кардани ёрмандӣ ба нашри асарҳои бадеӣ ба нашриёти давлатӣ ҳаргуна ёрдамҳо дода истодааст.

Ҳозир рӯйхати асарҳои муҳиме, ки бояд дар навбати аввал аз адабиёти рус ва ғарб тарҷума карда шавад, тартиб дода шуд.

13. Маърӯзаи рафиқ Бройдо ва нутқи рафиқон Раҳимбоев ва Лоҳутӣ дар анҷумани якуми нависандагон алоҳида чоп карда мешавад» (БАС, 1934, № 5-6, с. 54. Услуби ин ҳуҷҷат ва дигар маводҳо ҳангоми иқтибос он чунон, ки дар сарчашмаҳо дарҷ шудааст, нигоҳ дошта шуд –А. Н.).

Ба ҳамин тариқ, бад буд ё нек, дар ҷараёни тайёрӣ ва баргузории анҷуман бори аввал роҳи инкишофи адабиёти нави тоҷик, бурду бохти он мавриди андеша қарор гирифт. Аҳли адаб бо як ҷӯшу хурӯш ба кори эҷодӣ пардохтанд, то он замон, ки системаи бунёдаш диктотурӣ аз ваъдаҳои додаи худ баргашта, асли маънавиятзудоиашро бо тамоми қувва ба зуҳур овард (соҳои 1937 – 1953). Аммо ин мавзӯи гуфтугӯи дигар аст.

## Мақолаи ҳафтум:
## РАИСИ НАХУСТИНИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН КӢ БУД ВА ПАЙОМАДҲОИ ДИГАР

Чунон ки мебинем, дар интихоботи анҷуман сухан аз интихоби раис ва котиботи Иттифоқ сухане нест. Дар байни аҳли тадқиқ ва нависандагон то ба ҳол гӯё маълум нест, ки Раиси нахустин кӣ интихоб шуда ва ӯ оё аз миллати тоҷик будааст ё не? Ҳатто баъзеҳо (М. Раҷабӣ) чунин ақидаеро пеш меронанд, ки гӯё аз он ҷо, ки дар Тоҷикистон котиби аввали ҳизб набуд, бинобар он интихоб нашудани Раиси Иттифоқи нависандагон дар замони ҳокимияти ҳизби коммунист ва болшевикҳо як кори муқаррарӣ аст.

Сабаби ин норавшаниҳоро баъзе аз уламо аз набудани бойгонии мукаммали Иттифоқи нависандагон донистаанд. Дарвоқеъ, дар Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон бойгонии Иттифоқи нависандагон (Ф. 1505) танҳо маводи аз соли 1938 ба баъдро дар бар гирифтааст. Дар сарчашмаи ягонае, ки эшон истинод мекунанд (маҷаллаи «Советская литература народов Средней Азии», 1934, № 2, с. 104-105), низ ҷараёни итихобот тафсил дода нашудааст. Ва эшон бо камоли бовар мегӯянд, ки дар матбуот дар ин бора умуман маълумот мавҷуд нест. Аммо ин ҳама фаразияҳои зоҳи-

ран илмӣ ва бар ҷустуҷӯҳо асоснок кардашуда ҳанӯз мукаммал ва сухани охирин нест (Мо низ ин рисолаи кӯчакро сухани охир ва пажӯҳиши мукаммали ҳамаи масъалаҳои ҳаракати адабии Тоҷикистон намеҳисобем). Чунон ки ҳанӯз тунднавишти Анҷуман ба даст наёмадаст, аҳли тадқиқ маводи матбуоти мавҷудро низ бо мукаммалӣ зери назар нагирифтаанд. Дар мавриди муайян кардани раиси аввалини Иттифоқи нависандагон низ чунин саҳв роҳ ёфтааст. Ҳол он ки дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Коммунист Таджикистана» (аз 22 майи соли 1934) ва «Тоҷикистони сурх» аз 24 майи соли 1934 аз пленуми якуми Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хабар дода мешавад. Аз он ҷо ки ин мавод дар масъалаи муайян кардани нахустин Раис ва ҳайати раёсати Иттифоқи навивандагон ҳуҷҷати ягона мебошад, мо лозим донистем, ки онро ба пурругӣ ин ҷо зикр намоем. Дар хабари мазкур омада:

«Дар 19-ми май дар таҳти раёсати рафиқ Лоҳутӣ якумин пленуми Правленияи Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон шуд.

Пленум дар таҳти аломатҳои иттифоқи мустаҳками қувваҳои нависандагони Тоҷикистон, ҷамъ шудан дар гирди партия ва роҳбарияти нави Кумитаи Марказӣ, дар таҳти аломати иҷро намудани қарорҳо ва нишондодҳои рафиқ Бройдо, ки ба онҳо дар нутқи худ анҷумани нависандагони шӯроии Тоҷикистон дода буд, гузашт.

Пленум ҳайати котиботи Правленияро иборат аз рафиқон: Носиров (садр), Хидиров, Дайламӣ, Расулӣ, Раҳим Ҳошим (котиби масъул) интихоб кард.

Раиси комиссияи тафтиш рафиқ Алӣ Хуш интихоб шуд.

Рафиқ Лоҳутӣ дар таҳти чапакзании пурғулғула раиси фахрии Правленияи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб шуд.

Дар охири маҷлис рафиқ Айнӣ бо сухани кӯтоҳ ва оташин баромада нависандагонро барои дар таҳти роҳбарии Кумитаи Марказии партияи коммунистии (б) Тоҷикистон ва сардории рафиқ БРОЙДО дар асоси нишондодҳои равшан ва сареҳи якумин анҷумани Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон болшевикона ва босадоқат кор кардан, даъват кард» («Тоҷикистони сурх» аз 24 майи соли 1934).

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки нахустин **Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дар як вақт Кумисари халқии маорифи Тоҷикистон С. Носиров** интихоб шуда будааст. Ин факти таърихист ва онро ҳатто устод Лоҳутӣ, ки дар анҷумани якуми нависандагони умумииттифоқ аз номи вакилони Тоҷикистон баромад кардааст, тасдиқ мекунад. Вай суханронии худро дар мавзӯи «Вазъи адабиёт дар РСС Тоҷикистон» дар анҷуман бо чунин эзоҳ оғоз карда буд: «Рафиқон! Маърӯзачӣ оид ба адабиёти Тоҷикистон, Кумисари халқии



С. Носиров (1901-1938)

маориф, дар айни замон раиси Кумитаи ташкилотии нависандагони шӯроӣ ба анҷуман таъхир кард. Вай алҳол ба чорабинии ғунучини ҳосил банд аст ва ба сабаби мазкур маро лозим омад, ки ба ҷои ӯ дар бораи адабиёти тоҷик ҳарф занам. Ман ин корро бо хоҳиши дил ва мамнуният ба ҷо меорам, зеро бо Тоҷикистон ва мардуми тоҷик солиёни зиёд аз наздик шинос ҳастам» (Первый Всесоюзный съезд советских писателей. Стенографический отчёт, М., 1934. Аз кадом сабаб бошад, ки ин қисми баромад дар нашри тоҷикӣ –Куллиёт, ҷ. V1, с. 213- аз матн афтодааст- А. Н.).

Ҳамин тавр, С. Носиров, - омадааст дар ЭСТ, - соли 1901 дар Хуҷанд таваллуд шудааст. Мактаби ибтидоии Хуҷанд ва русии маҳаллиро хатм карда, дар корҳои советӣ, ҳизбӣ ва комсомолӣ хизмат кардааст. Дар озодкунии Бухорои Шарқӣ (1920-22) низ иштирок доштааст. Вай дар аксари манотиқи Тоҷикистон вазифаҳои ҳизбӣ ва ҳифзи ҳуқуқро иҷро карда, соли 1930-1931 Раиси комиҷроияи шаҳри Хуҷанд, соли 1931-1932 ҷонишини Раиси КИМ-и РСС Тоҷикистон шуда кор мекунад. Соли 1932 Кумиссари маорифи Тоҷикистон таъйин мешавад ва дар айни замон Раиси Кумитаи ташкилии Иттифоқи нависандагон буд. Як муддат Раиси Иттифоқи нависандагон низ интихоб шудааст. Аз июни соли 1934 (ба қавле аз соли 1935 – А. Н.) ба хидмати ҳарбӣ гузашт... Соли 1938 бо айби дар он солҳо маъмули «душмани халқ» дар шаҳри Сталинобод ба қатл расонида мешавад.

Аз ин маълумот, ки кори С. Носировро дар Иттифоқи нависандагон як андоза умумӣ дар бар гирифтааст, чизи ҷолиб он аст, ки вай аз июни соли 1934 ба хидмати ҳарбӣ гузашта аст. Агар ин далел рост бошад, пас маълум мешавад, ки аз ин вақт ба баъд Иттифоқи нависандагон Раис надошт ва дар анҷумани умумииттифоқии нависандагон иштирок накардани раиси ҳайати вакилони Тоҷикистон низ бояд ба ҳамин сабаб вобаста бошад. Шояд ин холигӣ бо будани Котиби масъул – Раҳим Ҳошим ва такя бар раиси ифтихорӣ будани Лоҳутӣ эҳсос карда намешуд. Аммо баробари аз сари вазифа

рафтани Г. И. Бройдо котиби нави ҳизби коммунисти Тоҷикистон Шадунс изҳор дошт, ки: «Дар мо то ҳоло ташкилоти мустаҳкками нависандагони шӯроӣ нест.

Кумитаи марказии Тоҷикистон ҳоли ҳозир дар ин соҳа баъзе қадамҳо пеш мондааст...» Вай масъалаи ба сомон даровардани корҳои Иттифоқи нависандагонро ба ӯҳдаи устод Лоҳутӣ гузоштан хостааст. Маълум аст, ки Лоҳутӣ аз оғоз (соли 1932) ва дар анҷумани якуми нависандагон (1934) Раиси ифтихории Иттифоқи нависандагон интихоб шуда буд. Вай бояд дар мавриди зарурӣ ин вазифаи худро ба ҷо меовард. Аммо Шадунс, аз чӣ бошад, ки баъди ба интиқод гирифтани тамоми фаъолияти Бройдо (ки дар мавридаш гуфта шуд) масъаларо чунин матраҳ кардааст:

«... дар ин бобат бо якҷоягии мо дар фронти маданият шоири муҳиби пролетарии мо, шоири оташинсухан рафиқ Лоҳутӣ кор хоҳад кард.

Мо боварӣ дорем, ки дар таҳти роҳбарии КМ ПК(б) Тоҷикистон барои рафиқ Лоҳутӣ муяссар хоҳад шуд, ки тамоми таҷрибаи кори худро дар сифати яке аз котибҳои Иттифоқи нависандагони шӯроӣ ба Иттифоқи ташкилоти навраси нависандагони шӯроии мо диҳад. Мо боварӣ дорем, ки рафиқ Лоҳутӣ ин таҷрибаро ба мо, ба ҷумҳурияти ақибмондаи мо медиҳад ва бо якҷоягии мо кадрҳои нависандагии моро тарбия медиҳад, аз онҳо инженерҳои рӯҳи одамизод ба вуҷуд меоварад» (БАС, 1935, № 1-2, с. 4. Ин суханон 13 декабри соли 1935 гуфта шудаанд – А. Н.).

Ин изҳороти Шадунсро метавон як навъ такя ба вазифаи фахрии Лоҳутӣ донист, ё ин ки Лоҳутӣ ба чунин ифтихор нигоҳ накарда, худро аз Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дур мегирифт (ба қавле дар бисёр масъалаҳои ташкилии адабӣ бо Бройдо ҳамақида набуд) ва Шадунс ӯро дар мақоми худаш барқарор кардан мехост. Ба ҳар навъ халои роҳбарии Иттифоқ ба ӯҳдаи Лоҳутӣ вогузор шуда буд.

Масъалаи дигари баҳснок дар ин маврид кай ва чӣ тавр ба Раисии Иттифоқи нависандагон интихоб шудани А. Мавлонбеков мебошад. Дар ин мавзӯъ ба ақидаи У. Ғаффоров метавон розӣ шуд, ки А. Мавлонбеков метавонист танҳо баъди ба Душанбе омаданаш ба кори роҳбарии Иттифоқи адабӣ ҷалб карда шавад. У. Ғаффоров ба Душанбе, ба КМ(б) Тоҷикиситон ба кор омадани ӯро ба барҳам хӯрдани бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) дар ноябри соли 1934 вобаста медонад. Баъди ин Мавлонбеков мудири шӯъбаи ташвиқотӣ-тарғиботии КМ Тоҷикистон таин мешавад. Тибқи маълумотҳо ӯ дар ҳамин ҳангом вазифаи Раиси Иттифоқи нависандагонро низ чанд муддат ба ӯҳда доштааст.

Аммо саволе ба миён меояд, ки ӯ чи тавр бе интихобот, ё даъвати пленуми Правления метавонист Раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шавад. Охир ин вазифа интихобист, на маъмурӣ. Ба тахмини инҷониб Шадунс бо истифода аз Раиси ифтихорӣ будани Лоҳутӣ дигар зинаҳои раёсати Иттифоқро зери дасти худ гирифта, аз интихобот ба таъйин кардани вазифаҳо гузаштааст.

Дар ин амал як мантиқи дигаре низ ҳаст. Дар замони шӯравӣ дар сатҳи умумииттифоқ кори роҳбарии Иттифоқи нависандагон (пештар ва баъди марги М. Горкий) асосан зери назорати доираҳои расмӣ будааст. Комиссариати маориф, ё яке аз иштирокдори собиқадори инқилоб, ё ягон дастнишондаи ҳизб барои сарварии иттифоқҳои эҷодӣ гузошта мешуданд. Аслан, Комиссариати маориф дар шӯравӣ аксари соҳоти маънавиятро зери назар дошт ва роҳбарӣ мекард. Як сабаби Раиси Кумитаи ташкилотӣ ва баъдтар Раиси Иттифоқи нависандагон интихоб шудани С. Носиров ҳам ба ҳамин суннат вобаста аст. Аммо маълум мешавад, ки дар солҳои баъди 1934 ҳизб роҳбарии Иттифоқи эҷодиро ба зери назорати бевоситаи худ гирифтан хостааст. Акнун мудири бахши тарғибу ташвиқи КМ ҳизб ба он сарварӣ ва назорат мекард. Воқеан, дар Тоҷикистон аз соли 1931 то солҳои 1937-38 (агар дар вазифаи ифтихорӣ будани шоир Лоҳутиро сарфи назар кунем) пас ҳама роҳбарони Иттифоқ дар ҳамаи марҳилаҳо ҳама – Дайламӣ, Ғ. Ализода, Содиқов, М. Расулӣ, С. Носиров, А. Мавлонбеков аз доираҳои расмӣ буданд ва ё ба он ҷо иртибот доштанд, на аз аҳли адаб.

Бинобар он, ба Раиси Иттифоқи нависандагон будани А. Мавлонбеков шубҳа нест, балки ҳақиқат аст ва бояд аз рӯи дастурҳои ҳизбӣ сурат гирифта бошад. Дарвоқеъ, бори нахуст Мавлонбеков ба унвони «Раиси Иттифоқи нависандагон» (котиб С. Улуғзода) зери қарори маҷлиси Правления аз 9-11 сентябри соли 1936 дар мавриди аз сафи нависандагон хориҷ ва аз ҳайати таҳрири маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» берун карда шудани «шоири колхозчӣ» Мирзо Сайфулло Рабиӣ ном бурда мешавад (БАС, 1936, № 8-9, саҳ. 48).

Ин ҷо як нуктаи дигар низ ба хотир мерасад, ки маҳз дар соли 1935 Раҳим Ҳошим аз вазифаи Котиби масъул озод шуда ба Самарқанд бармегардад. Гумон меравад, ки Шадунс дар ин амал охирин дастнишондҳои Бройдоро аз ҳайти роҳбарии Иттифоқи нависандагон барканор мекунад.

Дар роҳбарияти Иттифоқи нависандагон будани А. Мавлонбековро на танҳо С. Улуғзода, балки дигар аз «ифшогарон»-и соли 1937, аз ҷумла Самад Ғанӣ низ тасдиқ мекунанд (БАС, 1937, № 7-8, с. 17).

Аммо соли 1937 бунёди ҳама созандагиҳо ва ташкилкуниҳоро барҳам зад. Устод Улуғзода дар як баромадаш бо таассуф изҳор дошта буд, ки пас аз анҷуман ҳамаи корҳо хуб оғоз шуда буд, агар соли 1937 намебуд. Дарвоқеъ, дар он сол ҳамаи сохтори зиндагии шӯравӣ – аз шӯрои деҳот сар карда то ҳайати КМ ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ, аз қаламкаши оддӣ сар карда то Иттифоқҳои эҷодӣ ҳама аз панҷаи оҳанини «сегона»-и сталинӣ дар амон намонданд: ҷонҳо қурбон, хонаҳо вайрон, ташкилотҳо аз бунёд ларзон ва ғалтон гардиданд, ҷомиаро тарсу ваҳм, дуруягӣ, хабаркашӣ касиф мекард, оби чашмҳо наметавонистанд хунҳои ба ноҳақ рехтаро шуста покиза кунанд. Ва аз ин балои азими ба сари ҳама омада Иттифоқи нависандагон низ эмин намонд, балки сохтори он аз бунёд барҳам зада шуд. Чунон ки М. Раҷабӣ дуруст қайд мекунад, лозим омад, ки кори Иттифоқ аз нав, аз созмон додани Бюрои ташкилотӣ сар карда шавад. Аслан, дар КМ баъдтар ин ташкилотро аз ёд бурда буданд. Ҳамин тавр, дар солҳои 1938 –39 Кумитаи ташкилотии навтаъсисро А. Деҳотӣ ва солҳои 1940-44 М. Турсунзода сарварӣ кардаанд. Аз соли 1944 Иттифоқи нависандагон аз нав барқарор ва раиси он С. Улуғзода интихоб мешавд. Ва, ниҳоят, Иттифоқи нависандагон иқтидор пайдо кард, ба баррасии масоили адабӣ ва интихоботи садорати худ омода шуд ва органи олии худ Анҷумани Иттифоқро барқарор намуд. Ва аз соли 1947 ба баъд анҷуманҳои Иттифоқи нависандагон бо тартиби муайян тибқи низомнома даъват мешуданд, то ҳаракати адабии Тоҷикистон хомӯш нашуда бошад, суннатҳои маҳфилоройӣ ва тавҳиди адабӣ ҳамеша барқарор монанд.

Тартиби баргузории анҷуманҳои Иттифоқи нависандагон ба ин тартиб будааст:

| | |
|---|---|
| Анҷумани I | — соли 1934, 10-18 май |
| Анҷумани II | — соли 1947, 18-29 ноябр |
| Анҷумани III | — соли 1954, 18-23 август |
| Анҷумани IV | — соли 1959, 20-23 феврал |
| Анҷумани V | — соли 1966, 21-23 апрели |
| Анҷумани VI | — соли 1971, 11-12 май |
| Анҷумани VII | — соли 1976, 22-23 апрел |
| Анҷумани VIII | — соли 1981, 9-10 апрел |
| Анҷумани IX | — соли 1986, 27-28 март |
| Анҷумани X | — соли 1991, 28-31 март |
| Анҷумани XI | — соли 1997, 19 ноябр |
| Анҷумани XII | — соли 2003, 14 -15 март |

Дар имтидоди 70 сол Иттифоқи нависандагонро рафиқони зерин сарварӣ кардаанду мекунанд:

| | |
|---|---|
| Саид Носиров, солҳои | 1934-1935 |
| Аҳмадбек Мавлонбеков, солҳои | 1935-1937 |
| Сотим Улуғзода, солҳои | 1944-1946 |
| Мирзо Турсунзода, солҳои | 1946-1977 |
| Мӯъмин Қаноат, солҳои | 1977-1991 |
| Аскар Ҳаким, солҳои | 1991-2003 |
| Меҳмон Бахтӣ | аз соли 2003 |

Солҳои 1938-1939 раиси Кумитаи нави ташкилии Иттифоқи нависандагонро А. Деҳотӣ ва солҳои 1940-1944 М. Турсунзода ба ҷо овардаанд.

## Мақолаи ҳаштум:
# БА ҶОИ ХОТИМА: ЗАРУРАТИ ИТТИҲОДИЯИ АДАБӢ ВА РИСОЛАТИ ЭҶОДИИ ОН

Мо кӯшиш кардем, ки лаҳзаҳое аз оғози ҳаракати адабии тоҷикӣ дар замони нав ва ҷараёни ташаккули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба қадри тавон мавриди пажӯҳиш қарор дода бошем. Аммо намедонем, ки ин вазифаро то кадом дараҷа ба ҷо оварда тавонистем. Қазовати онро ба хонандагони мӯҳтарам во мегузорем ва умедвор ҳастем, ки эшон ба ин ҷониб аз тариқи нақду тақриз ва ё нома мулоҳизаҳои танқидӣ ва далелу арқоми тозаро ирсол медоранд, то дар таҳрирҳои оянда хатоҳои рафта бартараф шавад ва сифати ин рисола беҳтар гардад.

Маълум мешавад, ки хоҳиши дар ҷамъиятҳои адабӣ гирд омадан ва ё овардани аҳли адаб дар адабиёти форсии тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ доштааст ва дар оғози солҳои бистуми асри гузашта низ ин суннат зинда будааст. Аммо вобаста бо тақозои замон, ҳадафу армонҳои иҷтимоиву сиёсии худи нависандагон ва қасаду ғаразҳои сиёсиву идеологии ҳизби коммунист масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ ба кори маҳфилҳо ворид шуданд. Дар натиҷа чандин ҷамъиятҳои адабӣ ба майдон омаданд, ки фаъолияташон низ ба ҳар ранг – гоҳ суннатӣ ва гоҳи дигар тундгароёна, гоҳе дарозмуддат ва гоҳи дигар хеле кӯтоҳ ҷараён гирифтааст. Имрӯз дар натиҷаи ҷусторҳои пажӯҳишгарон ном ва фаъолияти «Ҷамъияти шоирон» (1922, муассис Абдулқаюми Қурбӣ), «Ҷамъияти муҳаррирон» (1925, дар назди рӯзномаи «Овози тоҷик»), «Қалами сурх» (ё «Қизил қалам»,

1926-1930), «Сексияи «Қалами сурх»-и тоҷикзабонон» (1930, дар Самарқанд), «Маҳфили адабии пролетарӣ» (1930, дар назди рӯзномаи «Тоҷикистони сурх») ва ниҳоят «Ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон – ТоҷАПП» (январи соли 1931 –июни соли 1932, раиси Бюро Ғ. Ализода), маълум аст. Дар ҷараёни тайёрӣ ба анҷумани якуми нависандагон аввал Бюро ва баъд Кумитаи ташкилотӣ (августи соли 1932- майи соли 1934 , дар оғоз раис он М. Расулӣ, котиби масъул Р. Абдулло, баъдтар аз соли 1932 то соли 1934 раис С. Носиров, котиби масъул Содиқов) амал кардаанд, то замоне, ки анҷумани якуми нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид ва дар он С. Носиров раиси Иттифоқ, Раҳим Ҳошим котиби масъул ва Абулқосим Лоҳутӣ раиси ифтихорӣ интихоб шудаанд. Аҳли адаби парокандаи Тоҷикистон дар зери як иттиҳодия - Иттифоқи нависандагон гирд омада, ба кору фаъолият оғоз карданд ва барои инкишофи адабиёти нави пролетарӣ ё ба ибораи дигар адабиёти реализми сотсиалистӣ (дар бисёр маврид реалистӣ) ба хидмат оғоз намуданд. Аммо ақидаҳо дар мавриди зарурати ташкил ва вазифаҳои Иттифоқи нависандагон чӣ дирӯз ва чӣ имрӯз якранг набудаанд.

Бояд гуфт, ки дар бораи ташкили Иттифоқи нависандагон дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ аз ҳамон замони созмон дода шуданаш (аз ҷониби дигарандешон, ки дар байни аҳли адаби дохилӣ низ кам набудаанд ва баъдҳо аз тарафи доираҳои сиёсиву эҷодии хориҷӣ ва бахусус, навбаҳоён пас аз фурӯпошии давлати Шӯравӣ) фикрҳои мухталиф дар бораи иҷборӣ будани ташкили Иттифоқ дар он замон ва нолозим шудани вай дар рӯзҳои мо баён гардидаанд. Ҷониби мухолиф ҳама бар он боваранд, ки ташкили Иттифоқи нависандагони Шӯравӣ дар соли 1934 як кӯшиши сиёсиву идеологие беш набуд, ки мехост аҳли адаби мухталифақидаву гуногунзавқу сабкро дар зери як ташкилоте ба ҳам оварад, гуногунандешии эшонро барҳам занад ва ба аҳли эҷод дасти раҳбарию роҳнамоӣ ва фармонравоӣ ёфта бошад. Ҳарчанд ки дар ҳақиқати ин ақида ва нияти доираҳои расмӣ ҷои шубҳа нест, вале сабаби ташкил ва мақсади иттиҳодияҳои эҷодиро наметавон танҳо бо ғаразҳои мазкур маҳдуд донист. Зеро нияти доираҳои расмӣ танҳо бо ғаразҳои сиёсӣ ва идеологӣ анҷом намеёфт, балки мақсади эшон, ҳеҷ набошад, офаридани як адабиёти бадеӣ дар идома ва радифи адабиёти классикии рус низ буд. Аслан, мутаваҷҷеҳ шудан ба ҷиҳатҳои хосу зотии адабиёт, ба ҳамаи маҳдудиятҳои расмӣ нигоҳ накарда, аз пайи худ дар мавриди мувофиқ барои ба вуҷуд омадани асарҳои хуб ва ё ба дарду армонҳои зиндагӣ ва одамон ҳамсадо гардидани адабиёт (масалан, дар даҳсолаи аввали пас аз инқилоб, солҳои ҷанг, баъди солҳои

60-и асри гузашта ва замони бозсозиҳои гобачевӣ) имкон фароҳам месохт. Як намунаи боризи ин фикри банда ба маёдон омадани «Ёддоштҳо»-и устод Айнист, ки асосан дар замони аз ҳама ҷиҳат хафақон кардани адабиёт аз ҷониби идеологҳои ҳизби коммунист (солҳои 1948-1954), эҷод гардида буд.

Зиёда аз он, чунон ки ба такрор гуфта шуд, дар шароити Тоҷикистони он солҳо, ки ҳеҷ як гурӯҳ ё иттиҳодияи адабӣ бо манфиату барномаҳои хоси эҷодӣ ба майдон наомада буд ва аҳли адаби тоҷикзабон дар Тоҷикистон, Самарқанду Бухоро ва дигар манотиқи Осиёи Марказӣ дар ҳолати парокандагӣ амалу эҷод мекарданд, ба номи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба зери як иттиҳодия даъват кардани онҳо аз чанд ҷиҳат бисёр муҳим буд. Онҳо дар мавриди зарурӣ, ки имкони эҷод ба забони тоҷикӣ маҳдуд мешуд, аз Иттифоқи нависандагон мадад мехостанд ва ёрӣ медиданд, асарҳояшон ба табъ мерасид, ба узвияти иттифоқ дохил мешуданд, ки ин барои ривоҷи адабиёти тоҷикизабон ва ҳам дар сатҳи расмиву адабӣ дар истифода боқӣ мондани забони тоҷикӣ имкон медод. Воқеан, ин масъала имрӯз аз дирӯза дида ба таври ҷиддӣ ба миён омадааст ва Иттифоқи нависандагон метавонад вобаста ба салоҳият ва имконияти худ, дар ҳалли он саҳм бигирад.

Иттифоқи нависандагон дар арзи фаъолияти 70-солаи худ ба мушкилоти зиёди сиёсиву маънавӣ мувоҷеҳ шудааст. Буданд вақтҳое, ки аъзоёни он аз ин мушкилот бо додани қурбониҳои ҷониву маънавӣ раҳо ёфтаанд, будаанд касоне, ки аз сиёсати ҳизб ва вазъи замон истифода карда, боиси шикасти қисматҳо ва сад гузоштан дар роҳи эҷодии ҳампешаҳои худ шудаанд. Аммо чунин ҳолатҳое низ кам набудааст, ки аҳли адаб Иттифоқи нависандагонро ягона пуштибон ва такягоҳи худ (ба хусус дар замони сарварии устод Турсунзода) медонистаанд... Ҳар чӣ бошад Иттиҳодияи эҷоди нависандагон Тоҷикистон зиёда аз 70 сол фаъолият дорад ва ҳоло шумораи аъзои он ба 313 расидааст.

Дар омади сухан гуфтан лозим аст, ки адади мазкур баёнгари он аст, ки сафи ҳаводорони адабиёти бадеӣ, эҷодкорони осори адабӣ ва ноқидону адабиётшиносон рӯ ба афзудан дорад. Вале равнақи кори адабӣ на ҳамеша бо ҳисобу китоб ва миқдор андоза карда мешавад. Дар адабиёт, пеш аз ҳама сифат, офаридани асари асили адабӣ арзиши муҳим дорад, ибтикорот қадр карда мешавад, диди тозаи бадеӣ ва роҳкушоиву қолабшиканҳо дар заминаи ҳунарӣ писанд меояд. Зеро таҷдидгарии адабӣ ва инкишофи тафаккури бадеӣ, умуман рушду камоли адабиёт, аз ҳама аввал, вобаста ба навназарӣ ва навоварӣ будааст. Аз ҳамин лиҳоз шумораи зиёди аъзо ҳанӯз нишонаи инкишоф нест ва ба ҳамин монанд, ҳамарӯза

афзудани китобҳои адабӣ низ маънои қаноатманд гардонидани талаби аҳли завқро надорад, зеро ин афзоиш он қадар зиёду ин таълифот он қадар бесалиқаанд, ки ба хонанда имкони интихоби чизи сараро намедиҳанд. Балки онҳо сабаби завқкушӣ ва осонгирӣ дар кори эҷодӣ гардида метавонанд, балки кайҳо гардидаанд. Бинобар ин, як вазифаи муҳими Иттифоқи нависандагон иборат аз баланд бардоштани масъулият ҳангоми қабул ба узвияти иттифоқ ва сахтгирӣ ба сифати асарҳои аъзоёни имрӯзааш ба шумор меояд.

Зиёда аз он, ҳоло робитаҳои адабию фарҳангии мо бо бародарони ҳамзабонамон барқарор шуда, рӯз ба рӯз рӯ ба инкишоф дорад. Мо ба ҷараёни адабиёти умумифорсӣ ворид мешавем. Ин бошад маъулияти Иттифоқ ва аъзоёни онро дар кори баланд бурдани сифат ва расидан ба савияи адабиёти форсизабонон, зиёда аз он ҳиссагузор будан ба рушуду камоли он, як бар чанд меафзояд.

Воқеан, суннати дар аҷуманҳо, иттиҳодияҳо, конунҳои нависандагон ҷамъ омада, дар масоили адабӣ радду бадал кардани ақидаҳо дар байни аҳли адаби дигар ҳамзабонони мо (Эрон, Афғонистон) ва умуман адабиёти ҷаҳон як чизи муқаррарӣ мебошад. Имрӯз бошад, сару садоҳо дар бораи нозарур будани он дар Тоҷикистон сари чанд гоҳ баланд шуда меистанд. Вале суннати маҳфилоройӣ ва тавҳиди адабии садсолаҳо нишон медиҳад, ки чунин як ташкилот лозим аст, то на воситаи ҷазо додану фармонравоӣ кардан, балки, пеш аз ҳама, маркази ба ҷунбиш овардани қувваҳои адабӣ, дастгирии ҷуяндагии эҷодӣ ва дар ҳолатҳои лозимӣ, кӯмакрасони моддӣ (дар ин замони бӯҳронӣ ва рӯ ба рӯ истодан бо мушкилаҳои сахти иқтисодӣ) низ бошад. Аҳли адабро барои офаридани адабиёти асили миллӣ, ки бар суннатҳои бузурги адибони гузошта ва дастовардҳои муҳими нависандагони ҷаҳонӣ такя мекунад, раҳнамо бошад, ба эҷодиёти онҳо баҳои воқеии эҷодӣ диҳад, ибтикороти адабиро дар мавридаш қадр карда тавонад. Дар ин маврид зарурати Иттиҳодия худ ба худ ба миён меояд ва ӯ метавонад рисолати таърихии худашро ҳам дар назди адабиёти ҳазорсола ба ҷо орад, ҳам дастгирӣ кардани истеъдодҳои адабӣ, ҷустуҷӯҳои мудернистии удабои муосир, ифодагари муаммоҳои замони истиқлоли миллӣ ва худшиносии воқеии мардуми Тоҷикистон будан барин вазифаҳои муҳими адабиву ҷамъиятиро ба иҷро расонида бошад. Дар ин амали наҷиб ба аҳли адаби Тоҷикистон муваффақиятҳо хоста, эшонро ба ин санаи муборак - 70 солагии созмон ёфтани Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон самимона табрик мегӯем.

Октябри соли 2004.

# САРЧАШМАҲО ВА МАНОБЕЪИ МАВРИДИ ИСТИФОДА


1. Абдулло Ғанӣ. Дар бораи чанд этапҳои ҳаракати адабии мо // Тоҷикистони сурх аз 29 апрел ва 6 майи соли 1934.
2. Абдулло Ғ. Дар ёди устод Лоҳутӣ // Маориф ва маданият аз 12 декабри соли 1967.
3. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. VII.
4. Айнӣ С. Эзоҳ // Тоҷикистони сурх аз 23 сентябри соли 1931.
5. Ализода Ғ. Маърӯза дар анҷумани якуми мухбирони коргару деҳқони Тоҷикистон // Комсомоли Тоҷикистон аз 20 сентябри соли 1931.
6. Ализода Ғ. Мубориза барои фирқагии адабиёт // Тоҷикистони сурх аз 26 май то 9 июни соли 1932.
7. Алӣ Хуш. Мулоҳизаҳои мо дар ҷабҳаи адабиёти прулиторӣ // Тоҷикистони сурх аз 28 январи соли 1932.
8. «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1933, № 1-2.
9. «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1933, № 7, с. 39.
10. Бақозода Ҳ. Мубориза барои мафкураи солим (Шоирони ҷавонро тарбия намоем) // Овози тоҷик аз 2 декабри соли 1930.
11. Бақозода Ҷ. Нависанда ва замон. – Душанбе: Адиб, 1987.
12. Баҳлулзода. Як назар ба сатира ва юмори тоҷик // Овози тоҷик аз 30 майи соли 1930.
13. Бектош. С. Айнӣ дар адабиёти инқилобии тоҷик // Тоҷикистони сурх аз 3 ва 5 августи соли 1931.
14. Бектош (Нарзуллои Ҳайдарзода). Мактуб ба идораи «Тоҷикистони сурх» // Тоҷикистони сурх аз 12 августи соли 1932.
15. Бройдо Г. И. Дар бораи нависандаҳо. Сӯҳбат бо Айнӣ // Тоҷикистони сурх аз 4 марти соли 1934.
16. Бройдо Г. И. Санъат – ташвиқотчии беҳтарини болшевикон аст // БАС, 1934, № 3-4.
17. Бройдо Г. И. Барои санъати бузурги миллишакл ва сотсиалисти мазмун (қайдҳои мухбирӣ) // БАС, 1934, № 5-6.
18. Вазифаҳои болшевиконидани саноеъи нафиса // Тоҷикистони сурх аз 13 апрели соли 1931.
19. Дайламӣ Қ. Ба ҳушёрии баланди синфӣ барои адабиёти миллишакли сотсиалистимазмун // Тоҷикистони сурх аз 10 майи соли 1934.

20. Демидчик Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик иборат аз шаш ҷилд, ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 1978.
21. Ғафоров У. Акси садо // Адабиёт ва санъат аз 16 апрели соли 2004.
22. Из истории культурного строительства в Таджикистане (Сборник документов и материалов), т. 1. – Душанбе : Ирфон, 1966.
23. История советской многонациональной литературы в шести томах, Т. 6. – М. : Наука, 1974.
24. Краткая литературная энциклопедия, Т. VI, VII. - М., 1971, 1972.
25. «Коммунист таджикистана» от 11 по 22 мая 1934 г.
26. Қарори КМ ВКП(б) «Дар бораи аз нав ташкил кардани ташкилотҳои адабӣ – бадеӣ» // БАС, 1932, № 1, с. 1.
27. Қарори бюрои Осиёимиёнагии КМ ВКП(б) «Дар бораи аз нав сохтани ташкилотҳои адабӣ – бадеии Осиёи Миёна // БАС, 1932, № 1, с. 2.
28. Қарори КМ ФК(б) Тоҷикистон «Дар хусуси аз нав ташкил кардани ташкилоти нависандагони Тоҷикистон ва вазифаҳои ӯ» аз 10 июли соли 1932 // БАС, 1934, № 1, с. 3.
29. Қарори «Маҷлиси ҷамъияти нависандагони прулитории Тоҷикистон бо иштироки шоирон ва нависандагон» аз 13 моҳи июни соли 1931 // Тоҷикистони сурх аз 17 июли соли 1931.
30. Қарори маҷлиси нависандагони шӯроии шаҳри Сталинобод аз 13 ноябри соли 1932 // БАС, 1932, № 3-4.
31. «Литература народов Средней Азии», 1934, № 2, с. 104-105.
32. Литературный энциклопедический словарь. – М., 1987.
33. Лоҳутӣ А. Барои кори амалӣ, барои дар таҳти роҳбарияти партия кор кардан // БАС, № 5-6, с. 1-4.
34. Лоҳутӣ А. Куллиёт, ҷ. VI. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963.
35. Маҷлиси машваратии шоиронаи шоирони тоҷик // Тоҷикистони сурх аз 4 майи соли 1934.
36. Мақсуд. Дар атрофи адабиёти тоҷик // Тоҷикистони сурх аз 22 апрели соли 1930.
37. Мирзозода Х. Муносибати партия ба адабиёт ва кадрҳои адабӣ // Садои Шарқ, 1965, № 7.
38. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ (Мураттиб Х. Отахонова). – Душанбе: Деваштич, 2003.

39. Муроҷиатномаи Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистони шӯроии Тоҷикистон ба ҳамаи нависандагони шӯроӣ // БАС, 1933, № 1-2.
40. Муҳиддинов А. Мардуми шаҳр ва атрофи Бухоро тоҷиканд ё узбак // Раҳбари дониш, 1928, № 8-9.
41. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ. – Душанбе: Адиб, 1993.
42. Набиев А. Назруллои Бектош ва илму адаби тоҷики солҳои 20-30 тоҷики садаи XX. - Душанбе: Ирфон, 2004.
43. Насиров С. За дальнейшей подём сотциалистической литературы // Коммунист Таджикистана от 8 мая 1934.
44. Носиров С. Дар арафаи анҷумани Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон // БАС, 1933, № 5-6.
45. Носиров С. Маърӯзаи ҳисоботии раиси Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон ба анҷумани нахустини ҷумҳурии ИНШ Тоҷикистон // БАС, 1934, № 5-6 , с. 11 – 15.
46. Обид Исматӣ. Мубориза барои сифат дар адабиёт // Тоҷикистони сурх аз 23 –24, 26 апрели соли 1934.
47. «Овози тоҷик» аз 7 феврали соли 1930.
48. «Овози тоҷик» аз 21 апрели соли 1930.
49. «Овози тоҷик» аз 30 майи соли 1930.
50. Очеркҳои таърихи адабиёти совети тоҷик, қ. 1. – Сталинобод: Нашрдавточ, 1956.
51. Пайрав С. Мактуби кушода ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» // БАС, 1937, № 6.
52. Первый Всесоюзный съезд советских писателей. Стенографический отчёт, М., 1934.
53. Пленуми якуми Правленияи Иттифоқи нависандагони шӯроии Тоҷикистон // Тоҷикистони сурх аз 24 майи соли 1934.
54. Раҳимбоев А. Барои муваффақиятнок ҳал кардани вазифаҳои таърихии панҷсолаи дуввум бо ҳамроҳии партия ба пеш // БАС, 1932 № 5-6, с. 5-9
55. Раҷабӣ М. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. – Душанбе: Адиб, 1977.
56. Раҷабӣ М. Раисони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон киҳо буданд? // Адабиёт ва санъат аз 25 апрел ва 5 майи соли 2000.
57. Роҷӣ Фахриддин. Ба муносибати ҷамъияти муҳаррирони киром //Овози тоҷик аз 3 апрели соли 1925.

58. Сайфуллоев А. Зуфархон Ҷавҳарӣ. – Душанбе, 2000.
59. Содиқуф. Муборизаи синфиро дар майдони адабиёт қатъитар бинамоем // Тоҷикистони сурх аз 20 октябри соли 1933.
60. Табаров С. Як саҳифаи ҳаёти Турсунзода. Дар кит.: Ошёни меҳр, Душанбе: Адиб, 2001.
61. Турсунзода М. Мубориза дар роҳи истиқболи тиотри прулиторӣ // Тоҷикистони сурх аз 30 январи соли 1932.
62. «Тоҷикистони сурх» аз 29 марти соли 1933.
63. «Тоҷикистони сурх» аз 28 апрели соли 1934.
64. Тӯҳфа: Алманах. – Сталинобод – Самарқанд: Нашрдавтоҷ, 1934.
65. Улуғзода С. Ализода Ғ. Бар зидди пантуркизм- панисломизм // Комсомоли Тоҷикистон аз 3 ва 5 августи соли 1931.
66. Улуғзода С. Ба дараҷаи вазифаҳои давраи ҳозираи сохтмони сотсиалистӣ // БАС, № 3-4.
67. Хидиров. Барои муттаҳид шудан дар атрофи партия, барои худтанқидкунӣ ва танқиди болшевикӣ // БАС, № 5-6, с. 16-19.
68. Ҳақиқати таърих. – Душанбе: Ирофон, 1990.
69. Шаби муаллифи ҷавон // Тоҷикистони сурх аз 4 майи соли 1934.
70. Шадунс. Бо ҳар гуна уклонҳо аз сиёсати миллии ленинӣ – сталинӣ бераҳмона мубориза бурда шавад // БАС, 1935, № 1-2.
71. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе, 1997.
72. Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилдҳои 1-8.
73. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷилдҳои 1-3.
74. Юнус Ҳусайн. Дар атрофи сатира ва юмори тоҷик // Овози тоҷик аз 7 октябри соли 1930.

## МУНДАРИЧА

**Муқаддима**: Аз таърихи ҳаракати адабии Тоҷикистон .................................. 3

**Мақолаи аввал**: Суннати маҳфилороии адабӣ ва тавҳиди эҷодӣ................ 6

**Мақолаи сонӣ**: ТоҷАПП – ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон........................................................................ 11

**Мақолаи савум**: Бюро ва Кумитаи ташкилотии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ....................................................................... 24

**Мақолаи чорум**: Дар арафаи анҷуман......................................................... 31

**Мақолаи панҷум**: Г. И. Бройдо – ҳимоятгари адабиёту фарҳанг ва дӯсти миллати тоҷик.................................................................. 37

**Мақолаи шашум**: Нахустин анҷумани нависандагони Тоҷикистон............. 47

**Мақолаи ҳафтум**: Раиси нахустини Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кӣ буд ва пайомадҳои дигар ...................................... 64

**Мақолаи ҳаштум**: Ба ҷои хотима: зарурати иттиҳодияи адабӣ ва рисолати эҷодии он ............................................................................ 70

Сарчашма ва манобеъи мавриди истифода ................................................. 74

*Абдухолиқ Набиев*
*(Набавӣ)*

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Муҳаррири саҳифабандӣ ***М. Саидова***

Мусаҳҳеҳ ***Р. Атоева***

Тарроҳ ***Ф. Раҳимов***

Ба матбаа 09.11.2004 супорида шуд. Ба чопаш 11.11.2004 имзо шуд. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи $60x84^1/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 5,0. Адади нашр 300. Супориши №27/04.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejod@tajik.net.